АКАДЕМИЯИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ба ҳуқуқи дастнавис

ТДУ – 323 (575.2)
ТКБ – (5.тадж)
М. 44

МАҲМАДЗОД ФИРӮЗ МАҲМАД

РАВАНДҲОИ ГЕОПОЛИТИКӢ ВА ТАЪСИРИ ОНҲО БА ВАЗЪИ СИЁСИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

ДИССЕРТАТСИЯ
барои дарёфти дараҷаи илмии
доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси
6D050200 - Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ)

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои фалсафа,
профессор Хидирзода М.У.

ДУШАНБЕ – 2026

МУНДАРИҶА

Номгӯи ихтисораҳо..... 3

Муқаддима..... 4-8

Тавсифи умумии таҳқиқот..... 9-17

БОБИ I. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ РАВАНДҲОИ ГЕОПОЛИТИКӢ... 18

1.1. Заминаҳои илмию консептуалии ташаккулёбии равандҳои геополитикӣ..... 18-41

1.2. Таъсири ҷаҳонишавӣ ва равандҳои геополитикӣ ба ташаккули давлатҳои миллӣ..... 41-67

БОБИ II. АКТОРҲОИ ХОРИҶӢ ВА ТАЪСИРИ ОНҲО БА ВАЗЪИ ГЕОПОЛИТИКИИ МИНТАҚАИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ.....68

2.1. Манфиатҳои геополитикии акторҳои хориҷӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ..... 68-94

2.2. Хусусиятҳои ташаккулёбии равандҳои геополитикии минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ..... 94-116

БОБИ III. ДУРНАМОИ ТАҲКИМИ ВАЗЪИ СИЁСӢ ВА ГЕОПОЛИТИКӢ ДАР МИНТАҚАИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ.....117

3.1. Таъмини амнияти минтақавӣ омили муҳимми таҳкими вазъи сиёсии Осиёи Марказӣ 117-141

3.2. Дурнамои рушди Осиёи Марказӣ дар шароити тағйирпазирии вазъи геополитикии олам...141-162

Хулоса.....163-169

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот.....170-171

Рӯйхати адабиёти истифодашуда.....172-190

Интишороти довталаб аз рӯйи мавзуи диссертатсия.....191-193

НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

ИИАО – Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

НАТО – Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ

САД – Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ

СҲШ – Созмони Ҳамкории Шанхай

МУҚАДДИМА

Мубрамии таҳқиқи мавзуъ. Ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ҳамчун субъектҳои мустақили низоми муносибатҳои байналхалқӣ ба низоми сиёсати байналхалқӣ ворид шуда, таъриху ҷуғрофиёи мухталифи ин минтақа ва имкониятҳои мавҷудаи он афзалиятҳои минтақаро дар саҳнаи сиёсати байналхалқӣ дучанд намудааст. Дигар проблемаҳои асосие, ки дар сиёсати имрӯзаи кишварҳои Осиёи Марказӣ мавриди баҳс қарор дорад, ин масъалаҳои амниятӣ ва захираҳои табиии ин минтақа маҳсуб меёбад. Ин масъалаҳои самти наверо дар сиёсати кишварҳои абарқудрат боз намудааст.

Барои тавзеҳи дақиқи сиёсати хориҷии давлатҳои Осиёи Марказӣ, бисёре аз таҳлилгарон ба назарияҳои Ҳелфорд Маккиндер (1861–1947), ҷуғрофидони машҳури британиёӣ, ки ҳамчун падари асосгузори геополитика маҳсуб мешавад, мурочиат менамоянд. Назарияи “Қалбгоҳ” ки минтақаи Осиёи Марказиро иҳота менамояд, дар сиёсати байналхалқӣ яке аз назарияҳои калидӣ эътироф шудааст.

Муҳаққиқони зиёд ҷолибияти ин минтақаро бо истинод ба сарватҳои табиии он (масалан, нафту газ, тилло, пахта, уран ва дигар сарватҳои маъданӣ) шарҳ медиҳанд. Таҳқиқотҳо дар назари аввал нишон медиҳанд, ки қудратҳои ҷаҳонӣ барои нишон додани манофеи стратегии худ дар Осиёи Марказӣ ва барқарор кардани равобит бо давлатҳои он ба сарватҳои табиии мавҷудаи минтақа авлавият медиҳанд. Таҳқиқотҳои геополитикии бо заминаҳои иқтисодӣ асосёфта дар Осиёи Марказӣ аз ҷониби ҷомеашиносони Ғарб ва Русия баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ хусусияти илмӣ пайдо намудаанд. Яке аз чунин таҳқиқотҳои ҷолиб оид ба Осиёи Марказиро сиёсатшиноси маъруф Збигнев Бжезинский дар китоби “Тахтаи бузурги шоҳмот” анҷом додааст, ки ӯ минтақаро ба як тахтаи бузурги шоҳмот маҳсуб дониста, абарқудратҳоро бозингарони он донистааст. Яъне Осиёи Марказӣ аз даврaҳои дури таърих ҳамчун минтақаи стратегӣ аҳамияту хусусияти ба худ хос дошт ва

то ба ҳол ин аҳамият заррае тағйир наёфтааст. Аз ин рӯ таҳқиқи мавзуи диссертатсионии мазкур ҳам барои минтақа ва ҳам барои сиёсати хориҷии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегардад.

Мубрамияти омӯзиши мавзуи мазкурро вазъи муосири муносибатҳои байналмилалӣ дар муносибат бо кишварҳои Осиёи Марказӣ боло бурдааст. Осиёи Марказӣ ҳамчун минтақаи аз нигоҳи геополитикӣ муҳим, бархурди манфиатҳои абақудратҳоро бештар эҳсос менамояд. Вусъати муборизаҳои ошкорои геополитикӣ кишварҳои Осиёи Марказиро дар масъалаҳои интихоби роҳи минбаъдаи рушд қарор додааст. Новобаста ба вусъати равандҳои интегратсионӣ дар минтақа гароиши гунгунсамтаи кишварҳо эҳсос карда мешавад. Хусусан мавқеъгириҳои Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Узбекистон миёни Руссия ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (минбаъд ИМА) масъалаест, ки пӯшида боқӣ монда, таҳқиқи ҳамаҷонибаи илмиро тақозо менамояд.

Вазъи сиёсӣ дар минтақаҳои Ховари Миёна ба ҷанги Эрон бо Исроилу ИМА самти дигари муҳимме мебошад, ки муайян намудани таъсири он ба минтақаи Осиёи Марказӣ муҳим мебошад. Ҳамсарҳадӣ, ҳамзабонӣ ва равобити устувори иқтисодию дипломатӣ ва гуманитарии кишварҳои Осиёи Марказӣ бо Ҷумҳурии Исломии Эрон омилҳои таъсиррасониро ба вазъи сиёсии минтақа зиёд мегардад. Аз ин рӯ муайян нмудани роҳу воситаҳои паст намудани таъсири манфии раванди мазкур ба вазъи сиёсии минтақа аҳамияти муҳимми илмиву амалӣ дорад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки омӯзиш ва таҳқиқи равандҳои геополитикӣ, аз ҷумла тағйирпазирии тартиботи ҷаҳонӣ, ташаккули системаи муносибатҳои байналмилалӣ, бархурди манфиатҳои геополитикии субъектҳои байналмилалӣ, ҷаҳони бисёрқутба, сиёсати минтақавии абаркудратҳо ва монанди инҳо аз ҷониби доираи васеи олимону пажуҳишгарон анҷом дода шудаанд. Асарҳои олимонеро, ки дар атрофи масъалаҳои

номбаргардида асарҳои илмӣ таҳия намудаанд, метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намуд.

Гурӯҳи якумро асарҳои илмию таҳқиқотии олимони Ғарб ташкил медиҳанд. Бояд гуфт, ки олимони ғарбӣ ба масъалаҳои гуногуни равандҳои геополитикӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намудаанд. Дар байни онҳо асарҳои илмию таҳқиқотии Ҳ. Моргентау [32], Ҷ. Айкенберри [162], А. Ачария [152], З. Бжезинский [8; 9; 10], С. Ҳангтинтон [59; 60], Р. Каплан [22], Г. Киссинҷер [24], Ҷ. Най [36], Ҷ.Б. Патрик [42], Д. Фридман [54], Ф. Фукуяма [55], Р. Хаас [56], Г. Алисон [151] ва чанде дигарон арзиши зиёди назариявию методологӣ доранд. Дар таҳқиқоти олимони номбаргардида хусусиятҳои муҳимми тартиботи ҷаҳонӣ, ояндаи тартиботи либералӣ, сабабҳои ба амал омадани низоъҳои байналмилалӣ, истифодаи неруи нарм дар сиёсати хориҷӣ, бархурди тамаддунҳо, ба саҳнаи сиёсати ҷаҳонӣ ворид гардидани субъектони нав, раванди ташаккулёбии ҷаҳони бисёрқутба, афзоиши таъсири ширкатҳои фаромиллӣ, ба вуҷуд омадани таҳдиду хатарҳои нав ҳамаҷониба таҳқиқ гардидаанд.

Гурӯҳи дуюмро асарҳои илмии олимони рус ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқоти олимони рус таҳлилу баррасии масъалаҳои геополитикӣ, аз ҷумла равандҳои геополитикӣ ва ташаккулёбию тағйирпазирии тартиботи ҷаҳонӣ ҷойгоҳи махсус доранд. Дар таҳқиқоти онҳо тағйирёбии тавозуни қувваҳо, ба амал омадани тартиботи нави ҷаҳонӣ баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, барқарор намудани мақоми геополитикии Русия, зарурати ташаккул додани дипломатияи нав, афзоиш додани иқтидори ҳарбӣ, бознигарӣ намудани стратегияи сиёсати хориҷӣ, муайян намудани шарикони рушд, рушди ҳамгироии минтақавӣ ва байналмилалӣ бо шарикони стратегӣ, тақвият додани мақоми геополитикии давлат ва монанди инҳо ҳамаҷониба омӯхта шудаанд. Дар байни олимони рус асарҳои илмию таҳқиқотии Е.П. Бажанов, Н.Е. Бажанова [5; 6], В.В. Штол [117], Т.А. Алексеева [1], Э.Я. Баталов [7], А.Д. Богатуров [11], С. Глазев [13], М.М. Лебедева [27], А.И. Никитин [37],

Н.А. Симония, А.В. Торкунов [102] ва чанде дигарон арзиши зиёди илмию назариявӣ доранд.

Гурӯҳи сеюмро асарҳои илмию таҳқиқотие ташкил медиҳанд, ки дар онҳо равандҳои ҳамгироии минтақаи Осиёи Марказӣ, барҳӯрди манфиатҳои геополитикии абарқудратҳо дар минтақаи мазкур ва таъсири равандҳои геополитикӣ ба сиёсати пешгирифтаи давлатҳои минтақа таҳлилу баррасӣ мешаванд. Аз ҷумла асарҳои илмии К.С. Ануфриев [4], А.Д. Богатуров, А.С. Дундич, В.Г. Коргун [12], И.Д. Звягельская [16], А.А. Казансев [21], А.А. Крутько [25], Е.М. Кузмина [26], А.В. Малашенко [28], Г.И. Чуфрин [63], В. Парамонов, А. Строков, О. Столповский [41], С.А. Николаев [38] ва чанде дигарон ба омӯзиши масъалаҳои номбаргардида бахшида шудаанд. Дар таҳқиқоти олимони мазкур аз ҳама бештар ба масъалаи ташаккули сиёсати хориҷии давлатҳои Осиёи Марказӣ баъди пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ диққати аввалиндараҷа дода мешавад. Инчунин таваҷҷуҳи чунин кишварҳо ба Осиёи Марказӣ, ба монанди Эрон, Туркия, Чин, ИМА, кишварҳои аврупоӣ ва дигарон таҳлилу баррасӣ шудаанд. Дар корҳои илмию таҳқиқотии олимони номбаргардида нишон дода мешавад, ки минтақаи Осиёи Марказӣ раванди тағйирпазирии геополитикиро пушти сар намуда истодааст.

Гурӯҳи чорумро асарҳои илмию таҳқиқотии олимони ватанӣ ташкил медиҳанд. Дар байни онҳо асарҳои илмии Т.Н. Назаров [35], А.Н. Маҳмадов [29; 30], Г.Н. Зокиров [17; 18; 19; 20], З.Ш. Саидов [48; 49], Р.К. Алимов [2; 3], А. Сатторзода [51], Х.У. Усмонзода [105], Х. Холикназар [62], М.У. Хидирзода [109], Р.Ҷ. Ҳайдарзода [57; 58], П.А. Муҳаммадзода [92; 93], А.Ш. Раҳмонзода [46] ва чанде дигарон аҳамияти назариявию методологӣ доранд. Олимони ватанӣ паҳлуҳои алоҳидаи масъалаҳои марбут ба вазъи сиёсии Осиёи Марказиро мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Бояд гуфт, ки масъалаи мавриди назар аз тарафи

олимони ватанӣ ба таври бояду шояд мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Дар фарқият аз таҳқиқотҳои олимони зикргардида дар диссертатсияи мазкур равандҳои геополитикӣ ва таъсири онҳо ба вазъи сиёсии минтақаи Осиёи Марказӣ ба таври маҷмӯӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, моҳияти таҳдидҳо, субъектҳои таъсиррасон ва дурнамои вазъ аз диди сиёсӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ ба мавзуъҳои пешбининамудаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, №503 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, №114 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» мувофиқат менамояд. Ҳамчунин диссертатсияи мазкур мутобиқ ба нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба мавзуи “Омузиши масъалаҳои назариявӣ ва амалии мушкилоти сиёсии инкишофи глобалӣ ва таҳкими заминаҳои рушди Тоҷикистон” (барои солҳои 2025-2030) анҷом дода шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот – муайян намудани таъсири равандҳои геополитикӣ ба вазъи сиёсии минтақаи Осиёи Марказӣ ва нишон додани дурнамои рушди ҳамгироии кишварҳои минтақа мебошад. Барои амалӣ намудани мақсади таҳқиқот ҳалли вазифаҳои зерин зарур дониста шудаанд:

Вазифаҳои таҳқиқот:

– таҳлили марҳалаҳои гуногуни ташаккулёбии назарияҳои геополитикӣ ва дар ин замина нишон додани хусусиятҳои муҳимми равандҳои геополитикии замони муосир;

– таҳлили рушди эволютсионии давлати миллӣ муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба ин раванд ва нишон додани нақши ҷаҳонишавӣ ва равандҳои геополитикӣ ба устувории муносибатҳо;

– таҳқиқи манфиатҳои геополитикии акторҳои хориҷӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва нишон додани заминаҳои пайдоиши бархӯрди манфиатҳо ва равандҳои оштинопазир дар минтақаи мазкур;

– баррасии хусусиятҳои муҳимми равандҳои геополитикии минтақавӣ ва муайян намудани таъсири онҳо ба вазъи сиёсии Осиёи Марказӣ;

– арзёбӣ намудани механизмҳои таъмини амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ бо дарназардошти таҳдиду хатарҳои замони муосир ва дар заминаи он муайян намудани дурнамои таҳкими вазъи сиёсии минтақа;

– арзёбӣ намудани дурнамои рушди Осиёи Марказӣ дар шароити тағйирпазирии вазъи геополитикии олам ва нишон додани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини амнияти минтақавӣ.

Обекти таҳқиқот – равандҳои геополитикии замони муосир ва таъсири онҳо ба вазъи сиёсӣ минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад.

Предмети таҳқиқот – муайян намудани мафҳум, моҳият ва хусусияти равандҳои геополитикӣ ва таъсири онҳо ба вазъи сиёсии минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад.

Фарзияи таҳқиқот. Субъектҳои беруна, аз ҷумла Русия, Чин, ИМА, Иттиҳоди Аврупо ва Туркия, ба вазъи сиёсии минтақаи Осиёи Марказӣ таъсири назаррас мерасонад. Русия дар минтақа қудрати таърихан бартаридошта аст ва кӯшиш менамояд, ки нуфузи худро тавассути робитаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва низомӣ нигоҳ дорад. Чин тавассути лоиҳаи «Як камарбанд – як роҳ» ҳузури иқтисодии худро дар заминаи сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва захираҳои энергетикӣ афзоиш медиҳад. ИМА худро ба таъмини суботи минтақавӣ ва мубориза бо терроризм манфиатдор нишон дода, дар ин самтҳои ба кишварҳои минтақа кумаки молиявӣ ва низомӣ мерасонад.

Иттиҳоди Аврупо сиёсати нармро пеш мебарад, арзишҳои демократӣ ва ҳамкории иқтисодиро таблиғ мекунад. Туркия ба наздикии фарҳангӣ ва забонӣ такя намуда, бо давлатҳои туркзабони минтақа робитаҳои худро мехоҳад тақвият диҳад. Фарзияи пешниҳодшудаи таҳқиқот ин аст, ки равандҳои геополитикие, ки бо рақобати байниҳамдигарии субъектҳои беруна тавсиф мешаванд, ба вазъияти сиёсии Осиёи Марказӣ таъсири бисёрҷониба мерасонанд. Ин таъсир дар рушди системаҳои сиёсӣ, муайян кардани афзалиятҳои сиёсати хориҷӣ, равандҳои ҳамгироӣ, пайдоиши низоъҳои минтақавӣ ва рушди равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ зоҳир мешавад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Дар раванди омузиши мавзуъ асарҳои илмии олимони хориҷӣ ва ватанӣ истифода бурда шудаанд. Махсусан, назарияҳои сиёсии олимони хориҷӣ барои нишон додани мавқеъ ва моҳияти равандҳои геополитикӣ ва таъсири онҳо ба вазъи сиёсии Осиёи Марказӣ дар низоми нави ҷаҳонӣ мусоидат намудаанд. Инчунин дар раванди таҳқиқот назарияҳои сиёсии муҳаққиқони ватанӣ низ ба таври фаровон истифода бурда шудаанд. Асосҳои назариявии

таҳқиқотро низ хулосаҳои назариявии олимони мазкур ташкил медиҳанд.

Навгонии илмии таҳқиқот. Дар таҳқиқоти мазкур дар илмҳои сиёсии ватанӣ бори аввал масъалаи муайян намудани хусусиятҳои равандҳои геополитикии муосир ва нишон додани таъсири онҳо ба вазъи сиёсии Осиёи Марказӣ мавриди пажуҳиш қарор дода шудааст. Ҳолатҳои муҳимтарини навгонии илмии таҳқиқот дар бандҳои зерин ифода ёфтаанд:

– дар заминаи таҳлили марҳалаҳои гуногуни ташаккулёбии назарияҳои геополитикӣ хусусиятҳои муҳимми равандҳои геополитикии замони муосир нишон дода шудааст;

– шаклҳои зоҳиршавии ҷаҳонишавӣ ва равандҳои геополитикӣ таҳлил гардида, таъсири онҳо ба ташаккулёбии давлатдории миллӣ асоснок карда шудааст;

– дар асоси таҳлили манфиатҳои геополитикии акторҳи хориҷӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ заминаҳои пайдоиши бархӯрди манфиатҳо ва равандҳои оштинопазир дар минтақаи мазкур муайян карда шудааст;

– хусусиятҳои муҳимми равандҳои геополитикии минтақавӣ таҳқиқ гардида, таъсири онҳо ба вазъи сиёсии Осиёи Марказӣ муайян карда шудааст;

– дар асоси таҳлили таҳдиду хатарҳои замони муосир механизмҳои таъмини амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ арзёбӣ гардида, дурнамои таҳкими вазъи сиёсии минтақа асоснок карда шудааст;

– дурнамои рушди Осиёи Марказӣ дар шароити тағйирпазирии вазъи геополитикии олам арзёбӣ гардида, нақш ва мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини амнияти минтақавӣ муайян карда шудааст.

Нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда

1. Исбот шудааст, ки равандҳои геополитикӣ низоми мураккаби боҳамалоқамандгардии мутақобилаи неруҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии сатҳи ҷаҳонӣ маҳсуб ёфта, ба ташаккули системаи муосири

ҷаҳонӣ ва масири муносибатҳои байналмилалӣ таъсири ҳалкунанда мерасонанд. Таҳқиқи ин масъала бо таҷзияи назарияҳои классикии геополитикӣ ва равишҳои муосири он, ки ҷаҳони бисёрқутба, нақши афзояндаи субъектҳои ғайридавлатӣ ва технологияи иттилоотиро дар бар мегиранд, асос меёбад. Таҳқиқи ин масъала нишон медиҳад, ки таҳлили равандҳои геополитикӣ на танҳо ҷанбаҳои марбут ба қудрат, балки омилҳои иқтисодӣ, иттилоотӣ ва фарҳангиро низ дар бар мегиранд. Равандҳои муосири геополитикӣ бо афзоиши вобастагии байни давлатҳо тавсиф мешаванд, дар ҳоле ки рақобат барои захираҳо ва нуфуз идома дорад ва шаклҳои нави низоъ, аз ҷумла дар фазои киберӣ, торафт бештар мегарданд.

2. Муайян гардидааст, ки ҷаҳонишавӣ бо ҷараёни иттилоот, сармоя, одамон ва фарҳангҳо омехта гардида, ба давлатҳои миллӣ ҳам таъсири муттаҳидкунанда ва ҳам тафриқаангез мерасонад. Аз як тараф, он ба рушди иқтисодӣ, технологӣ ва мубодилаи фарҳангӣ мусоидат намуда, кишварҳо ва халқҳоро ба ҳам наздик мекунад. Аз тарафи дигар, он барои захираҳо, бозорҳо ва нуфуз рақобатро шадидтар мекунад ва дар байни давлатҳо зиддиятҳоро бештар менамояд. Равандҳои геополитикӣ, аз қабили тағйирёбии марказҳои қудрат ва пайдоиши иттифоқҳо ва низоъҳои нав, инчунин ба ташаккули давлатҳои миллӣ таъсири назаррас мерасонанд. Онҳо метавонанд ба тақсимоти дубораи қаламрав, захираҳо ва қудрат, инчунин ба ташаккули ҳувият ва маданияти нав оварда расонанд. Дар шароити вобастагии ҷаҳонӣ ва ноустувории байниҳамдигарӣ, давлатҳои миллӣ маҷбуранд, ки ба шароити тағйирёбанда мутобиқ шаванд ва ҳамзамон ҳувият ва соҳибихтиёрии худро нигоҳ доранд. Барои давлатҳои миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва нооромиҳои геополитикӣ пайдо кардани тавозун байни ҳамгироӣ ва фарқкунандагӣ, ҳамкорӣ ва рақобат мушкилоти ҷиддӣ боқӣ мемонад. Ҳалли бомуваффақияти ин мушкилот аз давлатҳои миллӣ талаб мекунад, ки дарки амиқи равандҳои ҷаҳонӣ,

стратегияи устувор ва қобилияти мутобиқшавӣ дошта бошанд. Дар акси ҳол, онҳо хатари дар сиёсат ва иқтисоди ҷаҳонӣ ба канор мондан ва аз даст додани истиқлолият ва ҳувияти худро доранд.

3. Маълум аст, ки Осиёи Марказӣ бо мавқеи стратегии муҳимми ҷуғрофӣ ва захираҳои бойи табиӣ майдони рақобати фаъол байни актorҳои гуногуни хориҷӣ қарор дорад. Ҳамаи онҳо манфиатҳои геополитикии худро пайгирӣ мекунанд. Манфиатҳои онҳо доираи васеи соҳаҳо, аз ҷумла амнияти энергетикӣ, ҳузури низомӣ-стратегӣ, бартарии иқтисодӣ ва пешбурди нуфузи сиёсиро дар бар мегиранд. Русия аз дер боз бо минтақа робитаҳои наздик дошт. Вай кӯшиш менамояд, ки нуфузи худро тавассути тақвияти ҳамкории низомӣ-сиёсӣ дар доираи Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (минбаъд СААД) ва нигоҳ доштани робитаҳои иқтисодӣ тавассути Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё (минбаъд ИИАО) нигоҳ дорад. Авлавияти он пешгирӣ аз болоравии қудратҳои дигар, бахусус дар соҳаи амният аст. Чин ҳузури иқтисодии худро дар Осиёи Марказӣ тавассути лоиҳаи «Як камарбанд – як роҳ» афзоиш медиҳад ва кӯшиш мекунад, ки таъминоти бефосилаи энергияро роҳандозӣ намояд ва бозорҳои маҳсулоти худро васеъ кунад. Пекин инчунин ба суботи минтақавӣ барои пешгирии паҳншавии экстремизм ва терроризм, ки ба амнияти вилоятҳои ғарбии он низ таҳдид мекунанд, манфиатдор аст. ИМА гарчанде ки бо Осиёи Марказӣ ҳамсарҳад нест, ба ин минтақа ҳамчун як қисми стратегияи худ барои маҳдуд кардани мавқеи Русия ва Чин манфиатдор аст. Иттиҳоди Аврупо, ки шарики асосии иқтисодии минтақа аст, ҳадафи тақвияти ҳамкорӣ дар соҳаҳои энергетика, нақлиёт ва амниятро дорад. Актorҳои дигар, ба монанди Туркия, Эрон ва Ҳиндустон низ ба ин минтақа таваҷҷуҳ доранд ва ҳадафҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии худро пайгирӣ мекунанд. Рақобат дар байни ин фазои мураккаби геополитикиро дар Осиёи Марказӣ ба вуҷуд меорад. Чунин вазъ кишварҳои минтақаро водор

мекунад, ки сиёсати хориҷии мутавозинро барои таъмини амният ва шукуфоии худ таҳия кунанд.

4. Асоснок карда шудааст, ки рушди устувори Осиёи Марказӣ равиши ҳамаҷонибаро талаб мекунад. Чунин равиш бояд ба таҳкими суботи дохилӣ ва баланд бардоштани нақши минтақа дар сиёсати байналмилалӣ нигаронида шавад. Сенарияи пешниҳодшуда ба се рукни ба ҳам алоқаманд асос ёфтааст: амиқтар кардани ҳамгироии минтақавӣ, мусоидат ба рушди устувори иқтисодӣ ва тақвияти амният. Тақвияти ҳамгироии минтақавӣ тавассути рушди долонҳои нақлиётӣ ва логистикӣ, ҳамоҳангсозии қоидаҳои тиҷоратӣ ва мубодилаи фарҳангӣ фазои ягонаи иқтисодиро эҷод мекунад, вобастагии кишварҳои минтақаро аз омилҳои беруна коҳиш медиҳад ва робитаҳои онҳоро тақвият медиҳад. Мусоидат ба рушди устувори иқтисодӣ диверсификатсияи иқтисодиёт, ҷалби сармоягузорӣ ва рушди технологияҳои инноватсиониро талаб мекунад. Дастгирии тиҷорати хурду миёна, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва таъмини рушди устувори экологӣ дар бахши энергетикӣ муҳим аст. Тақвияти амният тақвияти ҳамкорӣ дар мубориза бо терроризм, экстремизм ва ҷиноятқории муташаккил, инчунин тақвияти марзҳо ва баланд бардоштани қобилияти мудофиавии кишварҳои минтақаро талаб мекунад. Таҳияи механизмҳои огоҳкунии барвақтӣ барои низоъҳо ва эҷоди эътимод байни давлатҳо зарур аст.

Аҳаммияти назариявии натиҷаҳои таҳқиқот аз рӯи мубрамият ва омузиши нокифояи он дар илми муосири сиёсӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ муайян карда мешавад. Дар шароити ноустувории ҷаҳонӣ ва тағйирёбии низоми байналмилалӣ фаҳму дарки механизмҳо ва дигаргуншавии равандҳои геополитикӣ барои таҳияи стратегияҳои муассири сиёсати хориҷӣ, пешгӯии хатарҳо ва таъмини амнияти минтақавӣ муҳим аст. Бинобар ин, натиҷаҳои таҳқиқот шарҳу тавзеҳи мафҳумҳои таъсири субъектҳои беруна, пойгоҳҳои захиравӣ ва омилҳои таъсиррасон ба вазъи сиёсии минтақаро дар бар гирифта, дар рушди

назарияи геополитикӣ мусоидат мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои таҳлили моделҳои назариявие, ки рафтори давлатҳои Осиёи Марказиро дар арсаи байналмилалӣ нишон медиҳанд ва муносибатҳои онҳоро бо қудратҳои бузург ва марказҳои минтақавӣ муайян мекунанд, истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар татбиқи эҳтимолии натиҷаҳо барои беҳтар кардани самаранокии банақшагирии стратегӣ ва қабули қарорҳо дар сиёсати хориҷӣ ва амнияти миллӣ мебошад. Натиҷаҳо ва тавсияҳои таҳқиқот метавонанд барои мақомоти давлатӣ, марказҳои таҳлилӣ ва ҷомеаи коршиносоне, ки дар соҳаи сиёсати байналмилалӣ ва таҳқиқоти геополитикӣ фаъолият мекунанд, муфид бошанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо иҷрои чунин амалҳо асоснок карда мешавад: а) дар раванди таҳқиқот доираи васеи адабиёти илмӣ истифода гардида, ҷанбаҳои назариявии равандҳои геополитикӣ бо такя ба онҳо муайян карда шудааст; б) дар омӯзиши объект ва предмети таҳқиқот муаллиф методҳои илмии мушаххаси соҳаи сиёсатшиносиро ба кор бурдааст; в) дар таҳқиқот доираи васеи сарчашмаҳои иттилоотӣ, аз ҷумла санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маводи интернетӣ, маводи илмию таҳлилӣ истифода гардида, дурнамои таҳкими вазъи сиёсии минтақаи Осиёи Марказӣ дар шароити муосир муайян шудаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар мавзуи «Равандҳои геополитикӣ ва таъсири онҳо ба вазъи сиёсии минтақаи Осиёи Марказӣ» бо шиносномаи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишови глобалӣ ва минтақавӣ) мутобиқат менамояд. Дар банди 5-уми шиносномаи ихтисоси мазкур «Геополитикаи омилҳои геополитикии рушди ҷаҳонӣ», «Омилҳои минтақавии глобалистикаи муосир», дар банди 8-ум

«Фаъолияти хориҷии субъектҳои муносибатҳои байналхалқӣ дар соҳаи амнияти миллӣ, минтақавӣ ва глобалӣ» барои таҳқиқ пешбинӣ гардидаанд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳияи диссертатсия. Саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқи мавзуи мазкур дар он ифода меёбад, ки ӯ мустақилона натиҷаҳои таҳқиқоти худро ҷамъбаст намуда, барои истифодаи амалии онҳо тавсияҳои худро таҳия сохтааст. Инчунин омода намудани мақолаҳои илмӣ ва маърузаву гузориш дар конференсияҳо, истифодаи методҳои илмии таҳқиқоти сиёсӣ дар омӯзиши равандҳои геополитикӣ, таҳлилу баррасии сарчашмаҳои иттилоотӣ, омӯхтани доираи васеи адабиёти илмӣ ва ниҳоят муайян намудани тамоюлоти имрӯзаи геополитикӣ ва нишон додани таъсири онҳо ба вазъи сиёсии Осиёи Марказӣ саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқи ин мавзуъ ба шумор мераванд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Диссертатсия дар маҷлиси васеи кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 24.06.2026 (суратмаҷлиси №9) муҳокима шуда, барои ҳимоя тавсия гардидааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот, хулосаҳои диссертатсия ва тавсияҳои муаллиф оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар 6 конференсияи ҷумҳуриявӣ маърӯза шудаанд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар 5 мақолаи илмии муаллиф нашр шудаанд. Мақолаҳои мазкур дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсияи мазкур аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва номгӯйи интишороти довталаб иборат

мебошад. Ҳаҷми диссертатсия аз 193 саҳифаи матни компютерӣ иборат аст. Номгӯйи адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда 179 ададро ташкил медиҳад.

БОБИ I. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ РАВАНДҲОИ ГЕОПОЛИТИКӢ

1.1. Заминаҳои илмию консептуалии ташаккулёбии равандҳои геополитикӣ

Баъди ба амал омадани кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ ҷуғрофия ҳамчун илм дар асри XIX арзиши зиёд пайдо намуда, дар заминаи он мафҳуми наве зери унвони «ҷуғрофияи сиёсӣ», ки бо сиёсат таҳаввулу ташаккул меёбад, ба вуҷуд омад. Ҳамон лаҳзае, ки мафҳуми «геополитика» ба доираи илм ва амалияи сиёсӣ ворид гардид, ибораи «ҷуғрофияи сиёсӣ» низ ҳамон вақт рушди тоза касб намуд ва доираи васеътареро дар бар гирифт. Геополитика ҳамчун мафҳуми консептуалӣ ба вуҷуд омадааст. Онро дар асри XX дар доираи мафҳуми «ҷуғрофияи сиёсӣ» мавриди баҳсу баррасӣ қарор медоданд. Олим ва муҳаққиқи машҳури олмонӣ Фридрих Ратсел дар асари худ бо номи «Ҷуғрофияи сиёсӣ» (Politische Geograhie), ки онро соли 1897 ба табъ расонидааст, андешаҳои худро дар бораи мавқеи ҷуғрофияи сиёсӣ дар низоми донишҳои сиёсӣ пешкаш кардааст [160]. Дар соли 1916 Рудолф Челлен панҷ унсури фаъоли давлатро ба организми зинда ташбеҳ дода, зикр менамояд, ки «давлат ҳамчун организми зинда аз унсурҳои иҷтимоиёт, экосиёсӣ, кратополитикӣ, демополитикӣ ва геополитикӣ иборат аст ва ба ин васила мафҳуми геополитика таваллуд шудааст» [175, с.15-16].

Геополитика муносибати байни қудрат, ҳадафи кунунӣ ва ояндаро дар сатҳи сиёсӣ, дар заминаи ҷуғрофияи физикӣ ва сиёсӣ баррасӣ мекунад. Аз тарафи дигар, фаъолшавии ҷуғрофия бо тамоми унсурҳояш ва хулосабарорӣ бо арзёбии ин унсурҳо ҷуғрофияи сиёсӣ низ номида мешавад. То ба имрӯз вобаста ба ибораи геополитика таърифҳои мухталифе вориди системаи донишҳои сиёсӣ гардидааст. Таърифи соддаи геополитика чунин аст: «геополитика самти ба сиёсат табдил ёфтани ҷуғрофияро таҳқиқ ва арзёбӣ мекунад. Ҳамзамон, мафҳумҳои

иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳарбӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ аз рӯйи ҷуғрофияи сиёсӣ баҳо дода мешаванд» [103, с.302].

Давраи тиллоии геополитикаро метавон ҳамчун охири асри XIX ва давраи то Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ муайян кард. Дар ҳоле ки мафҳумҳои геополитикаи классикӣ ҷойгиршавии давлатҳои асосӣ (фаъолони байналмилалӣ) ва минтақаҳоро шарҳ медиҳанд, ҳамзамон тавассути онҳо минтақаҳо дар заминаи шароити ҷуғрофӣ таҳлилу баррасӣ мегарданд. Азбаски мавзуи асосии таҳқиқоти мазкур ҷанбаъҳо ва хусусиятҳои назариявию методологии равандҳои геополитикӣ ба шумор меравад, пеш аз ҳама бояд мафҳуми геополитика ҳамчун як падида ва вожаи муҳимми системаи донишҳои сиёсӣ баррасӣ карда шуда, сипас вобаста ба равандҳои геополитикӣ дар марҳалаҳои мухталифи ташаккули мафҳуми геополитика бо дарназардошти сиёсати амалӣ мавриди баҳс қарор дода мешавад.

Консепсияҳои геополитикӣ ба се давра тақсим карда мешаванд: консепсияҳои классикии геополитикӣ, консепсияҳои геополитикие, ки дар давраи Ҷанги сард ба вуҷуд омадаанд ва консепсияҳои геополитикие, ки пас аз ба охир расидани рақобати байниқутбӣ ба вуҷуд омадаанд. Консепсияҳои классикии геополитикӣ асосан дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX ба миён омада, ба таҳлили таъсири омилҳои ҷуғрофиёӣ (масоҳат, мавқеъ, иқлим, шакли релйеф, баҳрҳо ва қитъаҳо) ба сиёсати байналмилалӣ равона гардида буданд. Муаллифоне чун Фридрих Ратсел, Хэлфорд Маккиндер, Алфред Тайер Мехен ва Карл Хаусхофер назарияҳоеро пешниҳод карданд, ки дар онҳо давлат ҳамчун организм эътироф мешуд ва барои бақодорӣ ва рушд ба «фазои зиндагӣ» эҳтиёҷ дорад. Ғояҳои «Хартленд»-и Маккиндер, ки қитъаи Авруосиёро маркази ҳокимияти ҷаҳонӣ меҳисобид, ё «Соҳилдории баҳрӣ»-и Николас Спайкмен, ки аҳамияти минтақаҳои соҳилиро таъкид мекард, барои шарҳ додани рақобати байни қудратҳои бузург дар давраи пеш аз ҷанг хидмат мекарданд. Консепсияҳои мазкур бо муносибати қатъии байни

хушкӣ ва баҳр, талош барои ба даст овардани маконҳои стратегӣ ва тасаввури тақсимоти ҷуғрофиёии қувва тавсиф меёфтанд.

Дар давраи Ҷанги сард консепсияҳои геополитикӣ ба таври қатъӣ аз чаҳорчӯбаи қаблӣ берун рафта, дар заминаи рақобати идеологӣ ва низомӣ байни ду блоки асосӣ (капитализм ва сотсиализм) такомул ёфтанд. Ба ҷои таҳлили ҷуғрофияи сиёсӣ, аксарияти муҳаққиқон ба таҳлили муносибатҳои байналмилалӣ, стратегияҳои муқовимат ва назарияҳои тобеият рӯй оварданд. Консепсияҳои нави геополитикӣ, ба монанди «Ҳимоят аз рӯи масофа» (containment)-и Ҷорҷ Кеннан, «Тазоди муштарак»-и Рейган ва «Табаддулоти стратегӣ» мавриди таҳлил қарор гирифтанд. Дар ин давра геополитика хусусияти дуқутба пайдо карда, ҷаҳонро ба ду ҳавзаи таъсири мутақобил тақсим мекард ва «Пардаи оҳанин» рамзи ин тақсимот буд. Аммо, ҳамзамон, равияҳои дигар чун мактаби франсузии «геополитикаи чап» низ пайдо шуданд, ки ба таҳлили таъсири омилҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ майл доштанд.

Пас аз пош хӯрдани рақобати байниқутбӣ ва суқути Иттиҳоди Шуравӣ дар охири асри XX, геополитика боз ҳам дигаргун гардид. Консепсияҳои нав барои тавсифи сохтори нави сиёсии ҷаҳонӣ, ки бо бисёрқутбӣ, глобализатсия, эътирофи навбатии аҳамияти минтақаҳо ва пайдоиши созмонҳои ғайридавлатӣ хос буд, таҳия карда шуданд. Назарияи «Бархӯрди тамаддунҳо»-и Самуэл Ҳангтинтон ва «Поёни таърих»-и Фрэнсис Фукуяма воситаи нави шарҳи сиёсии ҷаҳонро пешниҳод намуданд. Ғояҳои «геоэкономика» ва «геостратегия» мафҳумҳои анъанавии «фазо»-ро бо омилҳои иқтисодӣ ва иттилоотӣ иваз карданд. Аз дигар ҷониб, назарияҳои постструктуралистӣ ва постмодернистӣ худи мафҳуми геополитикаро, ки дар давраи классикӣ ба вуҷуд омада буд, ба интиқод гирифтанд ва онро ҳамчун воситаи сохтани вақеият, на ин ки инъикоси он, арзёбӣ намуданд.

Пас аз ҷанги сард ва аз байн рафтани мушкилоти (рақобати) миёни ИМА ва Иттиҳоди Шуравӣ аҳамияти ин вожа ва падидаи геополитика бори аввал ба зинаи баландтарини баҳси худ расид, ки оид ба он пажуҳишгарони самти илмҳои сиёсӣ диққати ҷиддӣ зоҳир намудаанд. Зеро дар арсаи байналмилалии полиархии ба таври динамикӣ тағйирёбанда мубориза барои ҳокимият дар фазоҳои нав, яъне кайҳон, роҳҳои баҳрӣ ва тағйирёбии иқлим дучанд гашт [79].

Пеш аз ҳама дар робита ба гуфтаҳои боло бояд пайдоиши нахустин мактабҳо ва консепсияҳои геополитикӣ ва даврaҳои ташаккули он мавриди баррасӣ қарор гирад, сониян аз хулосаҳои он равандҳои геополитикӣ аз нигоҳи назариявӣ-методологӣ мавриди омӯзиш ва баррасии ҷиддӣ қарор дода шавад.

Барои дарки дурусти таъсири геополитика ба системаи сиёсии ҷаҳонӣ, дар марҳалаи аввал бояд дар атрофи мафҳумҳои «геополитика» «географияи сиёсӣ» ва «системаи сиёсӣ» таҳқиқ ва таҳлили муқоисавӣ анҷом дод. Дар системаи сиёсӣ ва ҷаҳони пуртазот мафҳумҳои мазкур нақши марказиро соҳиб буда, барои соҳиб шудани сухани аввал дар системаи сиёсии ҷаҳонӣ аз бозиҳо ва ё тактикаҳои геополитикӣ истифода бурдани абарқудратҳо (ИМА, Россия, Чин) баръало мушоҳида мешавад.

Таҳлили муқоисавии мафҳумҳои геополитика, географияи сиёсӣ ва системаи сиёсии ҷаҳонӣ имкон медиҳад, ки назарияҳо ва консепсияҳои навини геополитикӣ ва илмҳои сиёсӣ бо диққат омӯхта шавад, то таъсири онҳо ба системаи сиёсии ҷаҳонӣ инъикос гардида, чи гуна тавлидгари марҳалаи нав дар системаи сиёсии ҷаҳонӣ буданаш баён ва ошкор карда шавад. Дар хусуси сатҳи омӯзиши мавзуи мазкур, махсусан, масъалаи инкишоф, хусусиятҳо, консепсияҳо ва методологияи омӯзиши геополитика метавон корҳои таҳқиқотии сиёсатшиносон ва таҳлилгарони дохилию хориҷиро зикр намуд, Дар ин самт чунин олимони пасошуравӣ ба монанди Г.Н. Зокиров, Л.Г. Ивашов, Б. Тешке,

С.И. Шубин, А.Г. Дугин, Н.В. Трубникова, А. Ҳасанов [15; 17; 52; 64; 78; 104; 150] ва ғайра асарҳои ҷолиб таҳия намудаанд.

Дар ин қисми таҳқиқот мо муқоисаи геополитикаро бо системаи сиёсии ҷаҳонӣ дида мебароем, ки чӣ гуна геополитика тавлидгари марҳалаҳои ҷадид дар системаи сиёсии ҷаҳонӣ гаштааст. Дар ин замина вобаста ба масъалаҳои системаи сиёсии ҷаҳонӣ ва системаи геополитикии ҷаҳонӣ мо ба корҳои илмии Коэн Бернард, ки бо номи «Geopolitical in the New World Era» [153] машҳур аст, истифода бурда, таъсироти геополитика ва консепсияҳои онро ба системаи сиёсии ҷаҳонӣ равшан месозем.

Дар фаҳми муосири «геополитика» аксари муҳаққиқон ифодаи соҳаи маъмули таҳқиқоти илмҳои сиёсӣ - сиёсати хориҷиро медонанд. Дар ҳоле, ки «геополитика» равандҳо ва принсипҳои инкишофи давлатҳо, минтақаҳо ва умуман оламро мавриди омӯзиш қарор медиҳад [17, с.7]. Таърихи геополитика решаҳои худро дар умқи асрҳо ва ҳатто ҳазорсолаҳо дорад. Аммо дар ҷомеаи илмӣ эътироф шудааст, ки геополитика ҳамчун як самти мустақили илмӣ дар ибтидои асрҳои XIX ва XX ба вуҷуд омадааст. Муассиси он муҳаққиқи олмонӣ Фридрих Ратсел бо асари худ «Географияи сиёсӣ» ҳисобида мешавад [78, с.31]. Вале Ф. Ратсел дар асарҳои худ аз ҳама бештар мафҳуми «Ҷуғрофияи сиёсӣ»-ро истифода намудааст ва андешаҳои геполитикии худро низ дар доираи он ташаккул додааст. Ф. Ратсел кураи заминро ягонагии том муаррифӣ намуда, инсонро ҷузъи ҷудонашавандаи он медонист. Бинобар ин, инсон бояд худро ба таври ҳатмӣ бо муҳити атроф мутобиқ намояд [33, с.402].

Чуноне ки дар боло зикр шуд, объекти омӯзиши геополитикаро фазо ташкил мекунад, мавзуи онро бошад қонунҳо, шаклҳо ва усулҳо ташкил медиҳад. Дар умум геополитика санъати назорати фазо аз ҷониби субъектҳои гуногун, қаблан инҳо давлатҳо ва иттифоқҳои давлатӣ буданд ва имрӯз ширкатҳои фаромиллиро низ метавон ба ин субъектҳо

ворид сохт. Аз ин рӯ, таърифи кӯтоҳтарини геополитика метавонад чунин бошад: «Геополитика ин илм ё системаи дониш дар бораи назорати фазо мебошад» [64, с.8]. Ба ақидаи А.Г. Дугин: «Геополитика як методологияи ҳамаҷониба аст. Он исбот мекунад, ки мавзуи консептуалии геополитикӣ синтетикӣ аст ва консепсияи геополитикӣ дар робита бо география эҳтимолан ҳам сиёсат ва ҳам ҷомеаро дар бар мегирад» [15, с.5].

Дар асл, як ҳодисаи дигаре ҳаст, ки боиси пайдоиши геополитика шудааст. Яке аз унсурҳои муҳимми геополитика макон (ҷойгиршавӣ) ё минтақа мебошад. Доктринаи Монроро, ки ИМА пешниҳод карда буд, бо изҳороти «Амрико аз они амрикоиҳост» дар соли 1823 баҳсҳоро дар бораи мавқеи нав ва макон ба вуҷуд овард. Ҷойгиршавие, ки аз ҷиҳати геополитикӣ хеле муҳим аст, яке аз омилҳое мебошад, ки аз он вақт инҷониб ихтилофоти зиёдеро ба вуҷуд овардааст [163, с.24]. Аз ин лиҳоз вобаста ба муҳиммият ва омузиши геополитика яке аз маъруфтарин сиёсатшиносони ҷаҳонӣ Тим Маршалл дар китоби «Маҳкумшудагони география» чунин изҳори ақида намудааст: «Ҳоло вақти он расидааст, ки пеш аз ҳар мафҳуми сиёсӣ вожаи «гео»-ро ба он ҳамроҳ созем» [177, с.3]. Ҳамин андеша моро водор менамояд, ки перомуни нахустин мактабҳо ва назарияҳои геополитикӣ диди муфассал ва ҷудогонае дошта бошем.

Мактабҳо ва консепсияҳои геополитикие, ки дар охири асри XIX ва аввали асри XX пайдо гардидаанд, ҳамчун мафҳуми моҳиятан нави сиёсӣ ба вуҷуд омадааст. Аммо мафҳумҳои геополитика, ҷуғрофия ва ҷуғрофияи сиёсӣ ба ҳамдигар аз диди методологӣ наздиктаранд ва ҳатто ба ҳам мепайванданд, зеро «гео» – замин ё ҷойгоҳ ва «политика» – сиёсат аст. Ифодаи геополитика, ки аз ду вожаи юнонӣ “гео” ва “политика” иборат аст, дар асоси асари “Ҷуғрофияи сиёсӣ”, ки соли 1897 аз ҷониби профессори олмонӣ Фридрих Ратсел навишта шудааст, сарманшаъ мегирад. «Гарчанде ки дар ин асар мафҳуми геополитика зикр нашудааст, аммо он ба тавлиди ибораи ҷуғрофияи сиёсӣ ва баъдтар аз

ҷуғрофияи сиёсӣ ба тавлиди ифодаи геополитика мусоидат намудааст» [174, с.31]. То имрӯз андешаҳо дар бораи он, ки ҷуғрофияи сиёсӣ ва геополитика аз ҳамдигар фарқ доранд, мухталиф аст. Тибқи андешаҳои бархе аз олимон, геополитика яке аз зербахшҳои ҷуғрофияи сиёсӣ аст ва ба ақидаи баъзе пажуҳишгарон, геополитика аз ҷуғрофияи сиёсӣ ба куллӣ ҷудо буда, мустақил аст ва зербахши он нест. Ҳатто агар олимоне, ки вожаи геополитикаро ҳамчун идомаи ибораи ҷуғрофияи сиёсӣ тавсиф менамоянд, аз воқеият дур аст [158, с.54]. Бо назардошти суханони Ф. Ратсел, «ҷуғрофияи сиёсӣ бечон ва оддимонда фаҳмида мешавад, аммо он чизе, ки ҷуғрофияи сиёсиро зинда мекунад ин геополитика аст» [174, с.33]. Зеро хусусияти асосии геополитика дар он аст, ки он амалӣ аст ва барои оянда муқаррарот пешкаш мекунад. Муҳим дар ин ҷо он аст, ки геополитикаро аз ҷуғрофияи сиёсӣ пурра ҷудо намудан ғайриимкон аст ва пурра ба ҷуғрофияи сиёсӣ тобеъ намудан низ нодуруст аст. Агар ҷуғрофияи сиёсӣ дар робита бо сиёсати як кишвар бо ҷуғрофияи ҷисмонӣ мавриди баррасӣ қарор гирад, аз тарафи дигар, геополитика на танҳо ҷуғрофияи ҷисмонӣ, балки ҷуғрофияи биологӣ, ҷуғрофияи инсонро истифода мебарад ва он бо унсурҳои фазо ва вақт сару кор гирифта, барои оянда муқаррарот таҳия менамояд [174].

Бо дарназардошти назарияи муносибатҳои байналмилалӣ, мафҳуми геополитика аз нуқтаи назари сиёсати байналмилалӣ ё муносибатҳои байналмилалӣ, ин танҳо як мафҳумест, ки ба нақши шароити ҷуғрофӣ дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва бахусус, ҷойгоҳҳои ҷуғрофии давлатҳои ба ҳам алоқаманд марбут аст [158].

Бо назардошти он, ки Тим Маршалл зикр намудааст: «Ҳоло вақти он расидааст, ки пеш аз ҳар мафҳуми сиёсӣ ибораи «гео»-ро ба он ҳамроҳ созем» [177, с.3]. Расо 100 сол пеш аз ин андеша консепсияи геополитика бори аввал аз ҷониби ҷуғрофиёшиноси машҳури аврупоӣ Рудолф Челлен дар соли 1916 нашр шуд [168]. Рудолф Челлен аҳамияти геополитикаро таъкид карда, мавҷудияти давлатро дар қудрати давлат медид [174]. Агар

Р. Челлен яке аз аввалинҳо шуда, мафҳуми геополитикаро истифода бурда бошад, таҳиягари ин мафҳум дар доираи илмҳои сиёсӣ сиёсатшиноси олмонӣ Карл Ҳаусхофер мебошад. Ҳаусхофер пас аз вафоти Рудолф Челлен нуфуз пайдо карда, дар соли 1924 ба аввалин маҷаллаи геополитикии он замон «Geopolitics Magazine», ки вобастаи Донишгоҳи Мюнхен буд, асос гузошт [174]. Чунин андешаҳо низ вуҷуд дорад, ки ҳатто ақидаҳои Ҳаусхофер ба ҳукумати гитлерӣ таъсир расонда, ӯро ба Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ таҳрик карда бошад. Ҳаусхофер ҷуғрофия ё ҳудуди давлатро ҳамчун қудрати давлат тавсиф мекунад. Ин нуқтаи назар сиёсати экспансионистии Гитлерро суръат бахшид ва нишон дод, ки ин сиёсат барои сиёсати реалии Гитлер мавқеи меҳварӣ дорад. Ба гуфтаи Ҳаусхофер, пас аз он ки Олмон муваффақ шавад ва дар Ғарб пирӯз шавад, бо Русия эътилоф барпо кардан мантиқӣ хоҳад буд. Зеро Русия дар иттифоқи сегона буд ва узви ин иттиҳод Англия ба ҳисоб мерафт. Аз ин рӯ, далели он, ки Олмон қудрати мутлақ дар Ғарб аст, дар робита ба иттифоқ бо Русия боварибахш мебуд. Тавре ки дида мешавад, ҳамчун мафҳуми геополитикӣ, он на танҳо дар шакли мушаххас боқӣ монд, балки дар амал татбиқ карда шуд. Назарияе, ки ҳам баҳсбарангез аст ва ҳам амалияи он ба консепсияҳои геополитикӣ таъсири амиқ расонидааст, назарияи «Қалбгоҳ» (Heartland) мебошад.

Мафҳуми умумии геополитика ҳамчун таҳқиқи робитаи сиёсати давлатӣ ва муҳити ҷуғрофӣ тавсиф карда мешавад. Истифодаи он (ва дар баъзе ҳолатҳо ҳатто ҳузури он) ба он имкон медиҳад, ки ҳадафҳои худро дар арсаи байналмилалӣ ба даст орад. Геополитикаи классикӣ омили доимӣ ва шикастнопазир аст, зеро ба рафтори сиёсати байналмилалии давлатҳои минтақа таъсир мерасонад. Аммо таҳлили геополитикаи муосир наметавонад тағйироти ҷиддиеро, ки дар замони муосир рух дода истодаанд, нодида гирад. Аз ин ҷиҳат, се марҳалаи таърихиро дар ҳамкории инсон бо муҳити зист ва мувофиқан дар рушди геополитика

ҷудо кардан мумкин аст. Яке аз ин се марҳала назарияҳои классикии геополитикӣ мебошад, ки баъдтар дар бораи онҳо сӯҳбат хоҳем кард.

Ҳамчун як илми татбиқшаванда ва стратегияи рушди давлатҳои абарқудрат, геополитика бояд воситаи муҳим барои татбиқи барномаҳои иҷтимоию сиёсӣ ба манфиати ҷомеа истифода шавад, вале низом ва системаҳои бархӯрди манофеи абарқудратҳо ба ин раванд манфиатбахш нест.

Сиёсатмадорони муосир медонанд, ки сиёсати хориҷӣ, пеш аз ҳама, ба пояҳои мустаҳками иқтисодиёт, ба ягонагии сиёсӣ ва маънавии мардум такя мекунад. Аммо онҳо дар амал вобаста ба мавқеи мушаххасе, ки ҷумҳурӣ дар фазои минтақавӣ ва умумибашарӣ ишғол кардааст, камтаъсиранд. Омили фазоӣ аксар вақт яке аз сабабҳои асосии сиёсат ва мавҷудияти давлат мебошад. Макон яке аз унсурҳои физикӣ ва асосии геополитика мебошад ва барои як кишвар хеле муҳим аст.

Дар шароити муосир нақши геополитика на маҷбур кардани рақобат миёни давлатҳо, балки ҳамчун воситаи сиёсати хориҷӣ мебошад, ки имконият медиҳад афзалиятҳои он дар асоси принсипи детерминизми ҷуғрофӣ муайян карда шаванд. Ҷуғрофиё фаҳмиши сабабӣ ва илмии ҳама гуна падидаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла шартӣ мебошад, зеро рушду инкишофи падидаҳо ба ҷуғрофиёи он сахт алоқаманд аст. Ба андешаи сиёсатшинос В. Разуваев, «геополитика асосан ба омӯзиши мантиқи фазоии муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ дар заминаи амнияти миллӣ машғул аст» [95, с.79]. Саҳми муҳимтаринро дар ташаккул ва рушди геополитика мактабҳои сиёсии Олимон ва пажуҳишгарони Британиёию Америкоӣ гузоштаанд.

Вақте, ки мо назарияи сиёсатшиносон ва пажуҳишгарони самти геополитикии Британиёро баррасӣ менамоем, намояндаи аз ҳама машҳури он Ҳелфорд Маккиндер (1861-1947) хоҳад буд. Ҳелфорд Маккиндер яке аз ҷуғрофиёдонҳо ва сиёсатшиносони британиёӣ буд. Сиёсатшиноси британиёӣ Ҳ. Маккиндер дар асари худ “Меҳвари

ҷуғрофии таърих”, ки соли 1904 нашр шудааст, чунин ибрози андеша намудааст: «Дар рӯйи замин танҳо як ҳудуди бузурги заминӣ мавҷуд аст» [154, с.421]. Ҳ. Маккиндер баъдтар ин назарияро инкишоф дода, муҷиби ихтилофи бештаре гардида, сабаби тавлиди назарияи «Қалбгоҳ» (Heratland) гардидааст. Баъдтар дар хусуси назарияи мазкур муфассалтар хоҳем гуфт.

Намояндагони мактаби геополитикии Олмон низ дар рушди ҳам илми ҷуғрофиёи сиёсӣ ва ҳам геополитика саҳми хеле калон гузоштаанд. Намояндагони ин мактаб Фридерих Ратсел (1844-1904), Рудолф Челлен (Рудолф Челлен аз Шветсия аст, аммо коршиноси геополитикие мебошад, ки мактаби геополитикии Олмонро намояндагӣ мекунад) ва Карл Ҳаусхофер яке аз номҳои муҳим барои мактаби геополитикии Олмон, инчунин барои мактабҳои геополитикии ҷаҳонӣ ба шумор мераванд.

Он чизе, ки мактаби геополитикии амрикоиро аз мактабҳои геополитикии Британиё ва Олмон фарқ мекунонад, ин тарғиботи онҳо аз назарияи ҳукмронии ҳарбии баҳрӣ аст, ки табиатан ба назарияи ҳукмронии сиёҳ ва “Хартлэнд” мухолиф аст. Намояндагони муҳимтарини ин мактаб Алфред Мэхен ва Николас Спайкмен мебошанд. Асари “Таъсири нерӯҳои баҳрӣ ба таърих”, ки соли 1890 ба чоп расонида шудааст, барои таҳияи асари машҳури Николас Спайкмен зери унвони “Назарияи ҳукмронии ҳарбӣ-баҳрӣ” сабабгор гаштааст. Баръакси назарияи ҳукмронии сиёҳ ё “Қалбгоҳ”, Спайкмен гуфтааст: «Ҳар кӣ ҳукмрони мутлақи баҳрҳо ва роҳҳои баҳрӣ бошад, ҷаҳонро ҳукмронӣ хоҳад кард» [166, с.407]. Дар ҳошияи ин назария, дар солҳои минбаъда, яке аз муҳимтарин назарияҳои геополитикӣ назарияи “Римланд” (The Edge Belt Theory) аз ҷониби Спайкмен пешниҳод карда шуд. Аз ин рӯ, геополитика бо ду назарияи муҳим, вале мухолиф ба ҳамдигар, ба монанди тезис ва антитезис дар ҳоли баҳс қарор дошт ва он то ба ҳол миёни коршиносони илмҳои сиёсӣ идома дорад.

Аммо, дар миёни назарияҳои классикии геополитикӣ ҳастанд назарияҳое, ки ба андешаи Маккиндер мухолиф буданд. Николас Спайкмен дар андешаҳои геополитикии худ назарияи классикии Ҳартлендро бознигарӣ намуда, аҳамияти онро маҳдуд арзёбӣ мекард. Ба андешаи ӯ, ҳарчанд Осиёи Марказӣ ҳамчун қисми дохилии Ҳартленд мавқеи муҳимми стратегӣ дорад, аммо назорати он ба танҳоӣ наметавонад ҳокимияти ҷаҳониро таъмин намояд, зеро минтақа аз роҳҳои баҳрӣ дур буда, дар иқтисод ва сиёсати ҷаҳонӣ нақши мустақим надорад. Спайкмен бар он буд, ки «қудрати воқеии ҷаҳонӣ дар минтақаҳои соҳилии Авруосиё, яъне Римленд қарор дорад, ки робитаи зич бо баҳр, савдои байналмилалӣ ва тамаркузи қудрати иқтисодиву низомиро фароҳам меорад. Аз ин рӯ, Осиёи Марказӣ дар дидгоҳи ӯ бештар ҳамчун минтақаи буферӣ ва такягоҳи қудратҳои қитъавӣ баромад мекунад, на ҳамчун маркази ҳалкунандаи сиёсати ҷаҳонӣ. Тақдири Авруосиё ва ҷаҳон бошад, пеш аз ҳама аз назорати Римленд вобаста аст» [173, с.48].

Вақте ки мо ба хатҳои геополитикӣ назар мекунем, дар он системаи назоратие мавҷуд аст, ки онҳоро ба ду тақсим мекунад. Hartland (Назарияи ҷои дил ё бартарияти замин) назоратро аз болои “Ҷазираи Ҷаҳон” ва Rimland (Назарияи камарбанд), ки аз зарурати назорати минтақаи наздисоҳилии Авруосиё бармеоянд ва муфассалтар муҳокима мекунанд, таъмин менамояд. Дар ин раванд, мо гуфта метавонистем, ки геополитика қонунҳои қудрат ё сустии давлатро вобаста ба он, ки чӣ қадар фазоро ишғол мекунад, таҳқиқ мекунад. Ин моделҳоро ба тариқи зайл таҳия кардан мумкин аст: «якум, назорати минтақаро қудратҳое аз даст медиҳанд, ки имкони нигоҳ доштан ё фатҳи қаламрави оптималиро надоранд; дуюм, аз даст додани як минтақаи геополитикӣ ва аз болои минтақа назорат кардан ҳамеша маънои ба даст овардани минтақаи дигарро дорад. Масалан, дарёҳо, баҳрҳо ва ҷазираҳо» [64, с.9-10].

Пас аз пайдоиши геополитика кишварҳо ба муайян кардани стратегияҳои сиёсати хориҷии худ бо равиши мантиқӣ ё далелҳо шуруъ карданд. И.Лакосте, ҷуғрофиёшиноси машҳур, ин мавзуъро дар китоби “Фаҳмиши бозии бузург” ба таври зайл шарҳ додааст: «Баррасии он, ки дар дигар қисматҳои ҷаҳон чӣ оқибатҳоро мунтазир шудан имконпазир аст, муфид хоҳад буд» [170, с.126].

Андешаи И.Лакосте моро ба он андеша мебарад, ки мо метавонем геополитикаро ҳамчун анатомияи ҷаҳони муосир номем. Вақте, ки мо таърихи геополитикаро таҳқиқ мекунем, мебинем, ки он аз гузашта то ба имрӯз муассир ва муҳим аст. Муҳимтар аз ҳама, тавре ки мо дар боло қайд кардем, изҳороти Тим Маршалл бо ишора ба геополитика мебошад, ки тибқи он «Ҳоло вақти он расидааст, ки пеш аз ҳар мафҳуми сиёсӣ ибораи «гео»-ро ба он ҳамроҳ созем» [177]. Ин ибора ба бартарияти ҳама унсурҳои сиёсӣ табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, шояд дуруст бошад, ки мо геополитикаро сиёсати анатомияи ҷаҳони муосир дар ҷаҳони муосир меномем. Он дар назарияҳои геополитикие, ки мо дар оянда мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод, равшантар дида хоҳад шуд.

Дар чанд даҳсолаи охир оид ба консепсияҳои геополитикӣ таҳқиқоти пурихтилоф ва ҷиддие гузаронида шудаанд. Пас аз пайдоиши геополитикаи классикӣ он то Ҷанги дуюми ҷаҳон хомӯш ва бесамар намонд. Тавре ки маълум аст, дар ибтидои асри XX якчанд назарияи геополитикӣ ба миён гузошта шуда буд, ки шояд боиси сар задани Ҷангҳои якум ва дуюми ҷаҳон шуда бошад. Яке аз ин назарияҳо назарияи “Heartland” мебошад, ки аз ҷониби Маккиндер пешниҳод шудааст ва бо номи “Қалбгоҳ” низ маъруф аст.

Тибқи ин назария, қудрати заминӣ дар геополитика муҳим аст. Гарчанде ки паҳноии минтақа барои як кишвар қудратафзояндааст, ҳамзамон он метавонад ин кишварро дар арсаи байналмилалӣ соҳиби садо ва мақоми баланд намояд. Ба андешаи Маккиндер, «Агар қудрате дар Аврупои Шарқӣ ҳукмфармо бошад, он ҳамчунин метавонад дар

“Қалбгоҳ” ҳукмронӣ кунад, аммо қудрате, ки дар “Қалбгоҳ” ҳукмфармост, метавонад дар ин радиф бар ҷазираи Ҷаҳон ҳукмронӣ кунад ва ё он метавонад давлати соҳибихтиёр дар арсаи ҷаҳон бошад» [171]. Назарияи “Қалбгоҳ”-и Маккиндер бо ин пешниҳод тамом нашуда, балки аз ҷониби дигар пажуҳишгарон дастгирӣ ва таҳия карда шудааст. Назарияи «Қалбгоҳ» дар геополитикаи классикӣ ва муосир ҷойгоҳи махсус ва муҳим дорад.

Дар назарияи «Қалбгоҳ» Маккиндер ҷуғрофияро ба сиёсати воқеӣ ва маҷозӣ дохил мекунад. Ба маънои том, назарияи «Қалбгоҳ» назарияе буд, ки минтақаи Авруосиёро аз лиҳози стратегӣ аз ҳама минтақаҳои мавриди назар ва фоидаовартарини ҷуғрофӣ барои абарқудратон меҳисобид [164].

Аз тарафи дигар, маҷозан ин назария марказияти минтақаи Авруосиёро ташкил мекунад. Маккиндер изҳор медошт, ки дар заминаи равандҳои ҷаҳонии геополитикӣ қитъаи Авруосиё дар маркази сиёсати ҷаҳонӣ қарор дорад. Тибқи ин изҳорот, ӯ пешниҳод мекард, ки «давлате, ки дар “Қалбгоҳ” ҳукмронӣ мекунад, барои дар ниҳояти кор ба ҳукмронии мутлақи ҷаҳонӣ зарфиятҳои зарурии геополитикӣ ва иқтисодиро фароҳам меовард» [154, с.60-61].

“Қалбгоҳ”, ки онро минтақаи марказӣ низ меноманд, мебоист сарҳадҳоро пас аз соли 1919 бо назардошти тағйирёбии шароити геополитикӣ ва геостратегӣ, самаранокӣ ва аҳамияти захираҳои инсонӣ ва табиӣ таҳия ва васеъ мекард. Дар воқеъ, ҳудуди ин тавсеа дар соли 1943 васеъ шуда, аз як тараф баҳри Балтикаро ва аз тарафи дигар соҳилҳои миёна ва поёнии дарёи Дунай, Баҳри Сиёҳ, Анатолия (Туркияи имрӯза), Эрон, Тибет ва Муғулистонро фаро мегирад. Дар асоси ин тағйирот ва васеъкуниҳо, мо метавонем минтақаҳои фарогирифтаи “Қалбгоҳ”-ро ба тариқи зайл нишон диҳем: Ба он минтақае дохил мешавад, ки аз баҳри Балтика то Енисей ва аз Баҳри Шимолӣ то Баҳри Сиёҳ ва баҳри Каспий идома дорад. Ин назария исбот мекунад, ки ҷазираи ҷаҳонӣ аз Осиё, Аврупо ва Африқо иборат аст ва қитъаҳои дигар

моҳвораҳои ҷазираи Ҷаҳон мебошанд. Баъзе пажуҳишгарон бар он назаранд, ки маркази “Қалбгоҳ” Осиёи Марказӣ аст [169]. Ҳамин тавр, “Қалбгоҳ” марзҳои Осиёи Марказӣ ё ба таври васеъ аз баҳри Урал ба ҳудуди Афғонистонро дар бар мегирад. Арзиши ин минтақа аз ҷиҳати геополитикӣ ба қадри кишварҳои муқарраршуда дар ин минтақа баробар аст. Тоҷикистон қисми ҷудонопазири ин минтақа ба шумор рафта, ба ҳудуди “Қалбгоҳ” ворид мегардад.

Соли 1942 назарияи нави геополитикиро геополитики амрикоӣ Николс Спайкмен ба миён гузошт. Назарияи Римланд ё Назарияи камарбанд як назарияи геополитикие мебошад, ки бар зидди назарияи “Қалбгоҳ” таҳия гардидааст. Дар назарияи Спайкмен, ки бар зидди назарияи ҳартлэнди Маккиндер таҳия шудааст, қайд мегардад, ки «минтақаи Римланд, ки минтақаҳои соҳилии Авруосиёро дар бар мегирад, калиди назорат ва ҳукмронӣ дар ҷаҳон аст» [174, с.318].

Назарияи Римланд асосан дар давраи ҷанги сард самаранок буд. Гарчанде, ки Иттиҳоди Шуравӣ мехост канораҳои атрофи худро назорат кунад, ИМА дуввумин кишваре буд, ки ба ҳамин тариқ минтақаҳои Римлендро зери назорати ҷиддии худ қарор диҳад. Аз ин рӯ, далели он, ки назарияи Римланд аз ҷониби як геополитики амрикоӣ ба миён омадааст, нишон медиҳад, ки Амрико хеле мехоҳад ин минтақаҳоро таҳти назорат гирад. Дар ҳоле ки назарияи Римланд аз назарияи «Қалбгоҳ» ба таври назаррас фарқ мекунад, назарияи Римланд як ҷузъи калидиро бо он мубодила мекунад. Дар ҳарду назария, назарияи аз нав тақсимнамоии ҷаҳон ва ҳукмронии мутлақи ҷаҳон меҳварист. Бояд гуфт, ки тибқи назарияи Римленд қудрате, ки роҳҳои баҳриро дар зери назорати худ қарор медиҳад, дар ниҳоят метавонад ҷаҳонро дар зери таъсири худ қарор бидиҳад. Агар Иттиҳоди Шуравӣ дар назорати минтақаҳое, ки назарияи «Қалбгоҳ» ва Римланд фаро гирифтаанд, муваффақ мешуд, он вақт мо ба таври эмпирикӣ метавонистем дурустии ин назарияҳоро шоҳид шавем. Вале ин тавр нашуд ва муқовимати

Иттиҳоди Шуравӣ бо ИМА дар низоми ҷаҳони дуқутба дер давом накард. Аммо, пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, ИМА ягона кишваре боқӣ монд, ки минтақаҳои мазкурро мавриди назари ҷиддии худ қарор диҳад. Ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки дар 20 соли охир, мо Ҷумҳурии Мардумии Чинро ба таври аъло мушоҳида менамоем, ки ҳам минтақаи фарогирифтаи "Қалбгоҳ"-ро ва ҳам минтақаи фарогирифтаи Римлендро мавриди таваҷҷуҳи хосаи худ қарор додааст ва барои дар ин минтақаҳо ҳамчун актерҳои асосӣ боқӣ мондан лоиҳаи бузурги "Як камарбанд, як роҳ"-ро ҷиҳати амалисозии ҳадафҳои хеш дар манотиқи мавриди назар ба роҳ монда истодааст [176].

Собиқ Президенти ИМА Ҷон Кеннеди иброз дошта буд, ки «Назорати баҳрҳо маънои амният ва маънои сулҳро дорад. Назорати баҳрҳо ҳатто метавонад маънои пирӯзиро дошта бошад. Барои муҳофизати амнияти мо ИМА бояд баҳрҳоро зери назорати худ қарор диҳад» [161, с.79].

Ҳамчун мафҳум неруи баҳрӣ маънои қудрати низомӣ дар баҳрро дорад. Қудрати ҳарбӣ-баҳрӣ тавоноии як кишварро дар назорати манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳарбии худ дар баҳр тавсиф мекунад. Мафҳумҳои асосии неруи баҳрӣ ин қувваи баҳрӣ, илми омӯзиши уқёнус ва баҳрҳо, саноати уқёнус ва истифодаи уқёнус мебошанд. Капитани ИМА Алфред Мэхэн аввалин шуда истилоҳи неруи баҳриро истифода бурда, дар асари бунёдии худ "Таъсири неруи баҳрӣ", ки соли 1890 нашр шудааст, гуфтааст, ки шаш унсур барои доштани неруи баҳрӣ зарур аст: «якум, ҷойгоҳи муфиди ҷуғрофӣ; дуюм, соҳили хизматрасонӣ ва захираҳои фаровони табиӣ ва иқлими мувофиқ; сеюм, доираи минтақа; чорум, шумораи зиёди аҳолӣ барои дифоъ аз кишвар; панҷум, ҷамъияти бомаҳорат барои корхонаҳои баҳрӣ ва тиҷоратӣ; шашум, ҳукумате, ки қудрати идоракунии баҳрро дорад» [34, с.120].

Бояд гуфт, ки чунин ҷойгоҳи стратегӣ барои таҳкими ҳокимияти баҳрӣ ва фаъолияти иқтисодии давлат хеле муҳим мебошад. Бо соҳилҳои

дароз ва мусоиид, он имконияти сохтани бандарҳои бузург ва марказҳои лоиҳакашии баҳриро фароҳам меорад. Чунин инфрасохтор на танҳо мубодилаи тиҷоратиро осон мекунанд, балки заминаи рушди саноати киштисозӣ, таъмири киштиҳо ва фаъолияти моҳидорӣ мебошанд. Истифодаи устувори ин захираҳои табиӣ барои рушди устувор муҳим аст.

Минтақаи васеъ ва аҳолии зиёд заминаи табиӣ барои ғанигардонии нерӯҳои дифоиро ташкил медиҳад. Мардуми бомаҳорат, ки ба фарҳанги баҳрӣ одат кардаанд, метавонанд пойгоҳи мустаҳками барои нерӯҳои дарёӣ ва ҳавоии баҳрӣ бошанд. Ин на танҳо мудофиаи сарҳадҳои обиро таъмин мекунад, балки қобилияти лоиҳакашӣ ва иҷрои амалиётҳои мураккаби баҳриро дар масофаҳои дур низ зиёд мегардонад. Ҳамин тавр, кишвар қувваи баҳрии боэътимод ва муосирро ташкил дода метавонад.

Ҳукумати марказонидашуда ва самаранок барои идоракунии ин соҳаи мураккаб зарур аст. Ин маънои эҷоди қонунгузории равшан, сохтори идоракунии самаранок ва ташкили мониторинги доимиро дорад. Ҳокимияти баҳрӣ бояд ҳам барои ҳифзи муҳити зист ва истифодаи устувори захираҳо, ҳам барои таъмини амнияти киштиронӣ ва мубориза бо ҷиноятҳои баҳрӣ кор кунад. Танзими дурусти ин ҳама ҷиҳатҳо ба истиқрор ва обрӯи байналмилалии давлат мусоидат мекунад.

Ҷамъияти маҳоратманд ва таълимёфта муҳаррики иқтисоди баҳрӣ мебошад. Таълими махсус, аз ҷумла дар соҳаҳои навигатсия, муҳандисии баҳрӣ, идоракунии лоиҳаҳо ва экологияи баҳрӣ, барои ба даст овардани натиҷаҳои баланд муҳим аст. Инсонҳо касбу корҳое меомӯзанд, ки барои рушди ин саноат заруранд ва дар ҳамин замина бо донишгоҳҳо ва марказҳои таҳқиқотии байналмилалӣ ҳамкорӣ менамоянд. Истифодаи оқилонаи имкониятҳои ҷуғрофӣ, ҳифзи захираҳои табиӣ ва сармоягузорӣ ба илму технологияҳои баҳрӣ имкон медиҳад, ки давлат на танҳо дар минтақа, балки дар миқёси ҷаҳон ҳамчун қудрати баҳрӣ эътироф шавад. Сохтани иқтисоди баҳрии мураккаб ва пешбари муосир мақсади воқеӣ

аст, агар ҳамаи ин шартҳо ба таври ҳамоҳанг ва дарозмуддат истифода шаванд.

Имрӯз неруи баҳрӣ бисёр ҷанбаҳои неру ва иқтидори як миллатро дар бар мегирад, ки дар асри гузашта вуҷуд надоштанд. Ҳоло неруи баҳрӣ соҳаи саноат ва илмҳои баҳриро дар бар мегирад. Ин соҳаҳо бо дарёфти захираҳои нави ғизо, оби тоза, канданиҳои фоиданок ва ҳатто муҳити зист дар иқтисодиёти миллӣ саҳм мегиранд.

Ҳамин тавр, бояд ба хулосае омад, ки ҷанбаъҳои назариявӣ-методологии омӯзиши равандҳо ва консепсияҳои геополитикӣ барои дар заминаи мусоиди геополитикӣ аз дидгоҳи назарияҳои воқеиятгароӣ устувор мондани давлатҳо заминаи мусоид фароҳам меоварад. Омузиш ва дарки ин унсурҳо метавонад барои мустаҳкам намудани ҷойгоҳи як кишвар дар минтақа ва ҷаҳон гардад, зеро ҷаҳони зудтағйирёбанда барои кишварҳо ҳам аз лиҳози геополитикӣ, ҳам аз лиҳози геостратегӣ ва ҳам аз ҷиҳати геофарҳангӣ муассир мебошад. Аз таҳлилҳо дида шуд, ки тамоми равандҳои геополитикии классикӣ ва муосир бар асоси қудрат пойбарҷост ва қудратҳои ҷаҳонӣ, дар мисоли абарқудратҳо дар пайи ҷӯстуҷӯ ва дарёфти манотиқе ҷиҳати бароварда кардани манфиатҳои хеш дар омӯзиш ва таҳқиқи амиқи геополитика ва равандҳои геополитикист.

Дар ҳоле ки геополитикаи классикӣ, детерминизми ҷуғрофӣ, асри ҷустуҷӯи ҷуғрофӣ, болоравии рақобати ҷаҳонии сиёсӣ назарияҳои ҳамаи қудратҳои асосии рақибро (ИМА, Британиёи Кабир, Олмон ва Русия) месозанд, мафҳуми нави геополитикӣ як мафҳуми сиёсие мебошад, ки махсусан бо пайдо гардидани унсурҳои фаромиллӣ ва барҳӯрди тамаддунҳо ба худ хусусияти тозае пайдо кардааст. Тибқи таҳлилҳо, назар ба геополитикаи асри XX геополитикаи асри XXI хусусияти мураккабтар пайдо кардааст. Зеро ба ҷуз омили ҷуғрофӣ дар геополитикаи муосир як қатор унсурҳои нав, аз қабили технология, иқтисод, тиҷорат ва қуввахои низомӣ низ фаро гирифта шудаанд. Дар ниҳоят метавон ба хулосае омад, ки геополитикаи муосир илмест, ки дар

заминаи омилҳои ягонаи ҷуғрофӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ, ки ба иқтидори стратегии давлат таъсир мерасонанд, сару кор мегирад. «Гарчанде ки онҳо ҳамчун унсурҳо ва қоидаҳои геополитикӣ бо ҳамдигар муттаҳид мешаванд, вале ин дар сиёсати воқеӣ барои баъзе аз давлатҳо маъмул нест. Пеш аз ҳама, ин аз манфиатҳои миллӣ ва амнияти миллии як масъалаи ҷудогонаи геополитикӣ сарчашма мегирад» [68, с.179]. Масалан, вақте ки мо ба принсипҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон назар мекунем, мавқеи ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун як ҷузъи ҷудонашавандаи муносибатҳои байналмилалӣ, аз ҷумла амнияти онро ба назар гирифта, метавон онро ба мадори манфиатҳои геополитикии ҷаҳони муосир ворид намоем, чаро ки амнияти Тоҷикистон, амнияти минтақа ва амнияти минтақа бошад, амнияти ҷаҳон ба шумор меравад [83].

Имрӯзҳо донишмандон, пажуҳишгарон ва сиёсатшиносони замони муосир барои таҳияи назарияи нави геополитикӣ талошҳо намуда истодаанд. Барои мисол метавон А. Дугинро номбар намуд, ки сиёсати ибтидои асри XX Федератсияи Россия бо консепсияи нави геополитикии таҳиянамудаи ӯ ба амал бароварда мешуд. Консепсияи нави геополитикии А. Дугин хусусиятҳоеро, ки қаблан ба геополитика татбиқ нашуда буданд, илова намуда, сатҳи дигари тафаккури геополитикии муҳити атрофро ошкор мекунад. Ба андешаи ӯ, «Ҷаҳони бисёрқутба ҷаҳонбинии комилан дигарро пешбинӣ мекунад. Фалсафаи бисёрқутба умумибашарӣ будани арзишҳои Ғарбро инкор мекунад. Ғарб яке аз вилоятҳои башарият аст, мисли дигарон; мо миллатҳои ғарбӣ нестем. Миллатҳое, ки дар БРИКС муттаҳид шудаанд, ҷаҳони худро бар пояи эҳтиром ба ин модели бисёрқутба ва полисентрикӣ месозанд. Ин маънои онро дорад, ки ҳар як тамаддун ҳақиқати мутлақи худро дорад, на нисбӣ. Дар айни замон, мо ба якдигар эҳтиром мегузорем; мо боварӣ дорем, ки ҳар кас ҳақ дорад ба мутлақии худ бовар кунад» [15, с.5]. Агар ин фаҳмиши геосиёсӣ ва геополитикӣ дар амал татбиқ карда шаванд, он гоҳ

фаҳмиши геополитикии мо тадриҷан бисёрҷанба хоҳад шуд. Ин фаҳмишҳо ҳам унсурҳои мифологии архаикӣ ва ҳам унсурҳои телеологӣ ва феноменологиро дар бар мегиранд. Аз тарафи дигар, геоэкономика, ки яке аз унсурҳои асосии консепсияи нави геополитикӣ ба шумор меравад, геополитикаи классикиро ба шакли нави геополитика табдил дода, дар шакли содироти сармоя, сармоягузорӣ, савдои озод ва ғайра майдони рақобатҳои нави манфиатҳои сиёсиро ба вуҷуд меоваранд. Геоэкономика, ки захираҳои иқтисодӣ, ҷуғрофӣ, стратегӣ, сиёсӣ ва фарҳангии минтақаро субсидия мекунад, яъне ба фоидаи худ суғурта менамояд, ба қисми муҳимми фаъолияти сиёсати хориҷӣ дар ҷаҳони муосир табдил ёфтааст ва ба татбиқи амалияи принсипҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дахл дорад.

Равандҳои геополитикии даҳаи дуюми асри XXI ба он ишора мекунад, ки рушди муносибатҳои байналмилалӣ ҳанӯз дар марҳалаи гузариш қарор гирифтааст ва дар заминаи он системаи ҷаҳонии бисёрқутбӣ ташаккул ёфтааст. Дар системаи геополитикии ҷаҳони муосир дигаргуниҳои амиқи сиёсӣ ва иқтисодӣ ба назар мерасанд, ки ба тағйирёбии низоми муносибатҳои байналмилалӣ марбут аст. Пас аз Ҷанги сард Ҷумҳурии Тоҷикистон ба саҳнае табдил ёфт, ки қудратҳои бузург дар ҳудудҳои он барои нуфуз аз ҷиҳати амнияти ҳарбӣ, амнияти энергетикӣ ва иқтисодӣ ва инчунин сиёсатҳои мухталифе, ки дар минтақаи Осиёи Миёна ҳамчун минтақаи нави мубодила бо сабаби мавқеи геополитикӣ ва сарватҳои табиии бойи худ таҳия шудаанд, мубориза мебаранд. Аз ин рӯ, ташхиси сиёсати хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ, махсусан Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи равандҳои муосири геополитикӣ ва консепсияи нави геополитикӣ тасодуфӣ нест.

Таҳқиқ ва пажуҳиши минтақаи Осиёи Марказӣ ба ҳайси як имтиҳони бузургест барои пажуҳишгарони он, зеро минтақаи мазкур ба яке аз муҳимтарин минтақаҳои геостратегии ҷаҳон барои манофеи давлатҳои абарқудрат табдил ёфтааст ва пажуҳиши он набояд дар зери таъсири

марказҳои таҳлилии ғарбӣ бошад. Ин метавонад барои амалияи аҳдофи кишварҳои ғарб воситаи хубе гардад. Мо дар зер мисолҳоеро меоварем, ки дар ҳошияи гуфтаҳои боло далели радношаванда мебошанд. Сиёсатшиносон ва ҷуғрофиёшиносони ғарбӣ дар гузашта бо пешниҳоди назарояти хеш талқин менамуданд, ки минтақаи Осиёи Марказӣ барои давлатҳои абарқудрате, ки мехоҳанд ҷаҳонро зери назорати худ қарор диҳад, аҳамияти стратегӣ дорад. Масалан, ин андеша бевосита дар консепсияи геополитикии Ҳэлфорд Маккиндер ба таври возеҳу равшан таҷассум ёфтааст.

Сиёсатшиноси британиёӣ Ҳэлфорд Маккиндер дар мақолаи худ «Ҷойгоҳи ҷуғрофии таърих» дар соли 1904 ва баъдтар дар консепсияи машҳури хеш зери унвони «Қалбгоҳ», ки бо ибораи «Heartland»-и англисӣ шинохта мешавад, изҳор доштааст, ки маркази Авруосиё (ӯ имрӯз Осиёи Марказиро дар назар дошт) яке аз минтақаҳои муҳим аст. Ба андешаи Ҳ.Маккиндер, «қудрате, ки дар «Қалбгоҳ» ҳукмфармо бошад, дар оянда дар ҷаҳон ҳукмфармо хоҳад буд» [73, с.60]. Азбаски Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ як кишвари хеле муҳим аст, консепсияи Ҳ. Маккиндер на танҳо фарогири Осиёи Марказист, балки фарогири Тоҷикистон низ аст. Далели ин гуфтаҳо он аст, ки Осиёи Марказӣ аз замонҳои қадим минтақаи мавриди таваҷҷуҳи инперияҳо ва давлатҳои абарқудрат қарор дошт ва мудом аз ҷониби онҳо нисбат ба ин минтақа ҳуҷумҳои ғасбгароёна ба амал меомад. Як мисоли равшан метавонад забткории Россияи Подшоҳӣ, ки дар адабиёти илмӣ бо унвони ҳамроҳшавӣ ифода карда мешавад, бошад. Баъд аз он, ки Осиёи Марказӣ ба қаламрави паҳновари Россияи Подшоҳӣ ҳамроҳ карда шуд, пас аз таъсиси Иттиҳоди Шуравӣ низ ин сиёсат дар Осиёи Марказӣ то пошхӯрии он идома ёфт. Пас аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ба назар мерасад, ки Чин парадигмаи назорати ин минтақаро, яъне «Қалбгоҳ»-ро ва ҳатто назорати қаламрави “Римлэнд” (Назарияи камарбанди) -ро дар сиёсати хориҷии хеш ҷорӣ намуда истодааст. Ҳамин

андеша дар системаи донишҳои сиёсати амалӣ ва равандҳои геополитикӣ барои баҳс кушода аст [88].

Консепсияи нави геополитикӣ барои сиёсати хориҷии фаъолони асосии арсаи байналмилалӣ, махсусан пас аз рӯйдодҳои 11 сентябри 2001, хеле муфид буд. Масалан, дарҳол пас аз рӯйдодҳои 11 сентябри соли 2001, пас аз вуруди мустақими ИМА ба Осиёи Марказӣ, бори аввал, он шакли асосии таҷаддуди геополитикӣ гардид. Зеро то ин муддат ИМА бо кишварҳои Осиёи Марказӣ иртиботи мустақим надошт ва мақсади муҳимми ин амалкард, пеш аз ҳама, дар он буд, ки бо кишварҳои минтақа, бахусус бо Ҷумҳурии Тоҷикистон равобити наздик барқарор кунад. Ин ифода метавонад ҳам суол бошад ва ҳам аломати хитоб, зеро ИМА бо лоиҳаҳо ва пружаҳои ба қавле демократикунонӣ ба ҷомеаи шаҳрвандии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар робита аст. Ин равандро дар системаи донишҳои сиёсӣ бо ибораи англисии «Soft Power», яъне «неруи нарм» ифода менамоянд. Муҳимтар аз ҳама, Осиёи Марказӣ ҳамчун минтақаи геополитикӣ минтақаест, ки дар маркази таваҷҷуҳ ва нигарониҳои стратегии Москва қарор дорад. Русия ба фаъолияти ИМА ва Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ (минбаъд НАТО) дар ин минтақа ҳассосият дорад. Аз сӯи дигар, ин минтақа, бахусус Ҷумҳурии Тоҷикистон, минтақаест аз сарватҳои табиӣ бой. Муҳимтар аз ҳама, минтақаи Осиёи Марказӣ манбаи тавлиди уран ва оби ошомиданист [148]. Осиёи Марказӣ инчунин аз ҷиҳати захираҳои об хеле бой аст ва Ҷумҳурии Тоҷикистон 60% захираҳои оби Осиёи Марказиро дар бар мегирад. Бояд қайд намуд, ки 4% захираҳои гидроэнергетикии ҷаҳон ва 53% захираҳои гидроэнергетикии Осиёи Марказӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ доранд. Дар айни замон, иқтидори солонаи гидроэнергетикии кишвар 527 миллиард кВт/соатро ташкил медиҳад, ки аз ин миқдор танҳо 4-5% онро Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда истодааст [149].

Бо дарназардошти вазъи геополитикии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва махсусан мавқеи геополитикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусиятҳои табиӣ ва демографии он ва сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, воқеият ва прагматизм дар маркази сиёсати хориҷии кишвар қарор хоҳад гирифт. Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси принсип ва сиёсати «Дарҳои боз» (аз соли 2003) татбиқ гардида истодааст. Тибқи ин сиёсат, «Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари сулҳпарвар омода аст муносибатҳои худро барои шинохти дӯстӣ ва манфиатҳои тарафайн дар заминаи татбиқи онҳо, эҳтироми тарафайн, баробарӣ ва ҳамкории мутақобилан судманд бо тамоми кишварҳои ҳамсоя ва дур инкишоф диҳад» [133]. Ҳамзамон, Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пойдории сулҳу суботи минтақа, бо дарназардошти ҳифзи манфиатҳои миллияш, омода аст ҳамкории зичро ба роҳ монад. Ин сиёсат ҳам бароиҶумҳурии Тоҷикистон ва ҳам барои кишварҳои минтақа ва ҷаҳон бағоят муҳим аст.

Муҳиммияти геополитикии минтақаи Осиёи Марказӣ, чуноне, ки зикр шуд, оё метавонад рақобати миёни абарқудратон (ИМА, Русия ва Чин) -ро дар робита бо консепсияи нави геополитикӣ суръат бахшад? Суоли муҳимтар ин аст, дар ҳоле, ки Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон наздики як аср аст, ки аз иттифоқчиёни муҳимтарини Русия ба ҳисоб мераванд ва дар ин муддат доду гирифт ва бурду бохтҳои як асринаеро дар пасорӯи таърихи муносибатҳои худ доранд, оё ИМА ё Чин ҷойгузини Россия дар Осиёи Миёна шуда метавонад? Вақте, ки мо ба ин саволҳо назар меандозем, ин маънои онро дорад, ки Осиёи Марказӣ, махсусан Тоҷикистон дар асри нави геополитикии минтақа аҳамияти калидӣ пайдо кардааст ё хоҳад гирифт. Оё Тоҷикистон, ки аз як сӯ бо ҳамсояи Афғонистонаш ва аз сӯйи дигар захираҳои обҳои мусафояш метавонад як нуқтаи калидӣ дар асри нави геополитикии худ бошад? Ин савол барои оянда ногузир хоҳад буд. Таҳлилҳо ва саволҳои дар боло зикршуда дар бораи равандҳои геополитикии Осиёи Марказӣ ва Тоҷикистон аҳамияти мавзуи мазкурро ба маротиб меафзояд.

Ҳамин тариқ, ташаккули равандҳои геополитикӣ дар заминаи таъсири мутақобилаи назарияҳои илмӣ, равишҳои консептуалӣ ва воқеиятҳои таърихӣ муайян карда мешавад. Дарки ин равандҳо бар асоси фаҳмиши сохтори фазоии ҷаҳон, тағйирпазирии муносибатҳои байналмилалӣ ва нақши субъектҳои гуногун дар саҳнаи ҷаҳонӣ сурат мегирад. Таҳаввулоти тафаккури геополитикӣ аз назарияҳои классикӣ то тафсирҳои муосир тағйирёбии соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва технологиро инъикос мекунад.

Яке аз заминаҳои асосии ташаккулёбии геополитика ва равандҳои геополитикӣ детерминизми ҷуғрофӣ мебошад, ки он таъсири омилҳои ҷуғрофӣ (макон, иқлим, захираҳо)-ро ба рушди давлатҳо ва сиёсати хориҷии онҳо таъкид мекунад. Дар назарияҳои Хартленд (Макиндер) ва Римленд (Спайкмэн) аҳамияти стратегии баъзе минтақаҳои ҷуғрофӣ ва назорати онҳо барои ба даст овардани бартарии ҷаҳонӣ таъкид мегарданд. Дарвинизми иҷтимоие, ки ба геополитикаи ибтидоӣ таъсир расонида буд, муносибатҳои байналмилалиро ҳамчун мубориза барои зинда мондани давлатҳо шарҳ медод. Ин мафҳум, гарчанде ки барои сода кардан ва сафед кардани таҷовуз пайваста интиқод мешуд, хусусияти рақобатпазирии сиёсати ҷаҳониро нишон медиҳад. Дар асри XX назарияҳои плюрализми геополитикӣ ва бисёрқутбӣ инкишоф ёфтанд, ки мавҷудияти марказҳои сершумори қудрати ҷаҳонӣ ва зарурати ба назар гирифтани манфиатҳои субъектҳои гуногунро эътироф мекарданд. Назарияҳои вобастагӣ муносибатҳои иқтисодии ҷаҳониро ҳамчун системае нишон медиҳанд, ки дар он давлатҳои канорӣ аз марказҳои пешрафтатар вобастаанд.

Равандҳои геополитикии муосир таҳти таъсири ҷаҳонишавӣ, технологияи иттилоотӣ ва акторҳои фаромиллӣ қарор доранд. Мафҳумҳои «неруи нарм» (Ҷ. Най) ва геополитикаи кибернетӣ шаклҳои нави таъсиррасонӣ ва рақобатпазириро дар фазои ҷаҳонӣ инъикос мекунанд. Назарияҳои ҷомеаи шабакавӣ (М. Кастеллс) нақши шабакаҳои

иттилоотиро дар ташаккули ҳувият, сафарбаркунии сиёсӣ ва робитаҳои иқтисодӣ нишон медиҳанд.

Хулоса, фарзияҳои илмӣ ва консептуалие, ки асоси ташаккули равандҳои геополитикиро ташкил медиҳанд, доираи васеи назарияҳо ва равишҳо, аз детерминизми ҷуғрофӣ то назарияҳои ҷаҳонишавӣ ва ҷомеаи шабакавиро дар бар мегиранд. Дарки ин фарзияҳо имкон медиҳад, ки қувваҳои пешбарандаи сиёсати ҷаҳонӣ амиқтар дарк карда шаванд, тамоюлҳои асосӣ муайян гарданд ва сенарияҳои ояндаи рушди муносибатҳои байналмилалӣ пешгӯӣ карда шаванд. Бояд эътироф карда шавад, ки равандҳои геополитикӣ тағйирёбанда ва бисёрҷабҳа мебошанд ва ба омӯзиши онҳо равиши ҳамаҷониба ва байнифаннӣ лозим аст.

Таҳаввули назарияҳои геополитикӣ бозгӯи таҳаввули ҳадафҳои геополитикии абарқудратҳо мебошад. Дар ҳама ҳолат бойигариҳо табиӣ, захираҳои энергетикӣ ва бартариятҳои ҷуғрофӣ амали таъсиррасон ба шаклгирии ҳадафҳои геополитикӣ маҳсуб меёбад.

1.2. Таъсири ҷаҳонишавӣ ва равандҳои геополитикӣ ба ташаккули давлатҳои миллӣ

Ҷаҳонишавӣ ҳамчун раванд пайвастагии афзояндаи фазои гуногуни ҷаҳонӣ ба шумор рафта, берун аз таъсироти он будан барои давлатҳои миллӣ имконнопазир аст. Дар ҳоле, ки иқтисодиёти давлатҳои миллӣ ба ҳамдигар вобастагии бештар доранд, дар ин раванд баъзе муҳаққиқон аз он нигаронанд, ки ҷаҳонишавӣ ба заифшавии марзҳои сиёсӣ ва дар баробари он, соҳибихтиёрии кишварҳои алоҳида ё давлатҳои миллӣ оварда мерасонад [178]. Чунин тамоюлот яке аз таҳдидҳои ҷаҳонишавӣ ба шумор рафта, паёмади онро ҳатто дар муттаҳидии Иттиҳоди Аврупо метавон мушоҳида намуд, ки дар он марзи умумӣ, асъори умумӣ, артиши умумӣ ва низоми ягонаи иқтисодӣ ҷорист.

Дар асл, чунин нигарониҳо заминаҳои воқеӣ доранд. Ҷаҳонишавӣ бо раванди ташаккули сохторҳои фарогири минтақавӣ ва байналмилалӣ

ба таври объективӣ ба омезиши ҳуқуқӣ ва идоравии соҳаҳое рафта мерасад, ки қаблан дар ихтиёри давлатҳои миллӣ буданд. Гузаштани бахше аз захираҳои ҳокимияти давлатӣ ба сохторҳои фаромиллӣ (монанди ташкилотҳои байналмилалӣ ё иттиҳодияҳои минтақавӣ) ба маънои маҳдуд шудани ҷойгоҳи анъанавии давлат дар низоми сиёсати ҷаҳонӣ аст. Ин раванд ба заифшавии қобилияти давлат дар татбиқи сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ оварда мерасонад, зеро давлати миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ба қоидаҳое вобаста мегардад, ки берун аз назорати вай қарор доранд. Бо вуҷуди ин, бояд таъкид кард, ки ҷаҳонишавӣ барои баланд бардоштани эътибори давлат ҳамзамон имконият ва фурсатҳои нав фароҳам меоварад. Давлатҳое, ки қобилияти мутобиқшавӣ ва истифодаи самараноки механизмҳои ҷаҳониро доранд, метавонанд дар шароити нави глобалӣ нақши худро мустаҳкам намоянд. Онҳо аз роҳи фаъолияти самарабахш дар сохторҳои байналмилалӣ, иштирок дар ташкили қоидаҳои нав ва ҳатто ба берун интиқол додани фарҳанг ва сиёсати худ метавонанд таъсири хешро дар ҷаҳон афзун гардонанд. Пас, гуфтан мумкин аст, ки ҷаҳонишавӣ на ҳамеша ба заифшавӣ оварда мерасонад, зеро он танҳо шароити нав барои ба даст овардани соҳибихтиёрӣ пешниҳод мекунад, ки идоракунии чунин равандҳо аз истифодаи усулҳои дигар дигар вобаста аст.

Аммо мушкилоти асосӣ дар он аст, ки сатҳи тайёрии давлатҳо барои иштирок дар чунин дигаргуниҳо дар сатҳи гуногун қарор дорад. Давлатҳои қавӣ бо иқтисодиёти пешрафта ва таҷрибаи зиёди дипломатӣ имконияти бештари назорати равандҳоро доранд. Дар ҳоле ки давлатҳои рӯ ба инкишоф барои муқовимат, ё идоракунии шароити беруна маҷбур мешаванд, ки ба қарорҳои беруна эътибор диҳанд. Дар бисёре аз мавридҳо чунин равиш ба талабот ва манфиатҳои онҳо мувофиқ нестанд. Ин ҳолат боиси ташаккули иерархияи нав дар системаи ҷаҳонӣ мегардад, ки дар он соҳибихтиёрии воқеӣ ба таври нобаробар тақсим мешавад.

Ба амал омадани равандҳои номбаргардида дар мисоли Иттиҳоди Аврупо мушоҳида мешавад. Аз як тараф, давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо бахше аз ҳокимияти худро ба Брюссел супорида, дар соҳаи сиёсати пулӣ, тиҷорати хориҷӣ ва ҳимояи муштарак зери қоидаҳои якҷоя қарор мегиранд. Аз тарафи дигар, чунин омезиш ба онҳо имконияти дастрасӣ ба бозори васеъ, неруи сиёсӣ ва иқтисодии дастаҷамъӣ ва таъсири куллӣ дар масъалаҳои ҷаҳониро медиҳад. Ҳамин тариқ, дар дохили Иттиҳоди Аврупо мо намунаи мураккаберо мебинем, ки дар он консепсияҳои анъанавии соҳибихтиёрии миллии мутлақ ба таври пайваста бо консепсияи нави «соҳибихтиёрии муштарак» иваз мешаванд.

Албатта, ҷаҳонишавӣ худ дар алоҳидагӣ мавзуи баҳси хеле тулонист ва вобаста ба он дар низоми илмҳои сиёсӣ таҳқиқоти бунёдӣ анҷом дода шудааст. Мо метавонем муҳаққиқони илмҳои сиёсӣ, аз қабили Ҳанс Моргентау [32] Ҳенри Киссинҷер [24], С. Ҳантингтон [60], Фрэнсис Фукуяма [55], Збигнев Бжезинский [8] ва даҳҳо сиёсатшиносони маъруфи ҷаҳониро номбар намоем, ки паёмадҳои ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди таъсироти мусбату манфии онро ба сохти давлатҳои мухталиф, аз ҷумла давлатҳои миллӣ ба таври муфассал шарҳ додаанд.

Аз ҷониби олимони ватанӣ низ мафҳумҳои давлат, давлати миллӣ, ҷаҳонишавӣ ва амсоли инҳо мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

Мақоми махсусро дар омӯзиши ҷиҳатҳои назариявию амалии масъалаи ташаккули давлати миллӣ дар шароити инкишофи низоми навини донишҳои сиёсии ватанӣ таҳқиқоти Г.Н. Зокиров ишғол менамояд. Ӯ дар асарҳои худ «Давлат» [18] ва «Давлати тавоно» [19] раванди ташаккулёбии давлат ва хосатан давлати миллиро дар шароити соҳибистиқлолии мамлакат мавриди баррасии амиқу ҳамаҷониба қарор додааст. Асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷанбаҳои назариявию амалии ташаккули давлати миллии Тоҷикистонро асос

гузоштаанд. Ин асарҳо дар раванди омӯзиши давлатдории миллии тоҷик яке аз ҷойҳои назаррасро ишғол менамоянд. Хусусан, асарҳои «Уфуқҳои истиқлол» [45], «Давлатдории тоҷикон: Аз Сомониён то оғози асри XXI» [43] ва «Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат» [44] имконият медиҳанд, ки падидаи давлати миллӣ хубтару возеҳтар шинохта шавад.

Бо такя ба адабиёти илмӣ ва рисолаҳои таҳқиқотии пажуҳишгарони хориҷию ватании болозикр ва бо ишора ба назарияи давлати миллӣ, системаи сиёсии ҷаҳонӣ ва назарияҳои мухталифи сиёсӣ таъсироти мусбат ва манфии ҷаҳонишавӣ ба низоми давлатдории миллиро баррасӣ намудан хеле зарур аст. Барои ин пеш аз ҳама шарҳи мафҳумҳои меҳварӣ ва равандҳои марбут ба онҳо ба манфиати кор аст. Яке аз мафҳумҳое, ки бо шарҳи равандҳои геополитикӣ ва ҷаҳонишавӣ алоқамандии ногусастанӣ дорад, ин мафҳуми давлати миллӣ мебошад.

Давлати миллӣ муҳите ва гурӯҳи одамоне мебошад, ки мерос ва фарҳанги муштарак доранд ва дар зери як ҳукумати умумӣ муттаҳид шудаанд. Муҳаққиқи ватанӣ Н. Солиҳов қайд менамояд, ки «Давлати миллӣ, ё ҳукумати миллӣ, ё бо истилоҳи умумии он кишвар як навъи махсуси давлат дар ҷаҳони муосир аст, ки дар он як мақоми сиёсӣ дар қаламрави муайяни ҳудудӣ ҳуқуқи соҳибихтиёрӣ дошта, метавонад ин ҳуқуқро бо қувваи ҳарбӣ пуштибонӣ намояд. Дар ин навъи давлат аҳолии кишвар шаҳрванд ҳисобида мешавад» [144].

Афзоиши равандҳои ҷаҳонишавӣ ба нақши давлатҳои миллӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ таъсир мерасонанд. Давлатҳои миллӣ бояд бо тағирёбии аҳолӣ, ҷараёни тиҷорат ва ҳувияти фарҳангӣ мубориза баранд, то ки тавонанд мушкилоти мураккабро ҳал намуда, имкониятҳои навро эҷод кунанд [179]. Мо аксар вақт истилоҳҳои “миллат”, “давлат” ва “давлатдории милли”- ро истифода мебарем. Давлатҳо бар қаламрав ва гурӯҳи одамон соҳибихтиёрӣ доранд. Онҳо маҷмуи ниҳодҳое мебошанд, ки кишвар ё давлат номида мешаванд [155]. Ба монанди ИМА, Британияи Кабир, Нигерия ва ғ. намунае аз давлатҳо

мебошанд. Миллатҳо бошанд ҳамчун механизм шахсият ва садоқатро тавлид мекунанд. Онҳоро гурӯҳҳое меноманд, ки таъриҳ, асотир, фарҳанг, тамаддун, забон, менталитет, иқтисод ва ҳуқуқҳои муштарак доранд. Гурӯҳҳои этникӣ низ дар дохили худ нажод ва аққалиятҳои миллии ҳамраъй доранд, вале ба сиёсати миллатгароӣ машғул намешаванд. Барои мисол амрикоиҳо ташвиқ мекунанд, ки суруди миллиро бихонанд, на суруди давлатиро, то бо идеяи миллат ҳамгиро шаванд, гарчанде ки он бояд гимни давлатӣ номида шавад. Давлати миллиро ҳамчун қаламрави соҳибихтиёр ва гурӯҳи шахсоне, ки таърихи муштарак доранд, номидан мумкин аст [167].

«Таърихан давлати миллӣ барои мардуми худ ҳувияти ягона фароҳам оварда, ҳисси мансубиятро тарбия менамояд, то инсон аз он ба таври фитрӣ ифтихор дошта бошад. Аммо нақши давлати миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ каме мураккабтар аст. Ҷаҳонишавӣ дар маҷмуъ ҳамчун раванди таъсиррасон ё аз байнбарандаи сарҳадҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии миёни давлатҳои миллӣ эътироф карда мешавад. Бархе аз донишмандон бар ин назаранд, ки «давлатҳои миллие, ки аз рӯйи марзҳои физикӣ ва иқтисодӣ аз ҳам ҷудо шудаанд, дар марҳалаи ҷаҳонишавӣ камтар аҳамият хоҳанд дошт» [157].

Ҷомеаи инсонӣ дар таърихи мавҷудияти хеш навъу шаклҳои мухталифи давлатро ба вуҷуд овардааст. Вобаста ба рушди ҷомеаи инсонӣ дар марҳалаҳои муайяни таърихӣ якеро бар дигаре иваз кард. Дар чунин раванди рушд инсоният шуруъ аз давлатҳои авлодӣ то ба империявию хонигариҳо ва давлатҳои сулолавии бузургро таъсис дод. Аммо дар асри XVII инсоният навъи давлати тамоман ҷадидро ба вуҷуд овард, назираш дар марҳалаҳои таърихии пешин мавҷуд набуд. Ин дастоварди бузург дар соҳаи сиёсат ва идоракунии давлат буд, ки онро бо номи давлатҳои миллӣ ва ё давлат – миллат мешиносанд. Ин навъи давлатдорӣ дар Аврупо пайдо шуда, дар як муддати кӯтоҳ дар тамоми олам паҳн гардид.

Агар ба ҷанбаи таърихи ташаккули ин навъи давлатдорӣ таваҷҷуҳ намоем, ба ин натиҷа мерасем, ки бо паст шудани қудрати калисо дар Аврупои Ғарбӣ аввалин давлатҳои миллӣ ташкил ёфтанд, ки натиҷаи имзои Шартномаи Вестфалӣ дар соли 1648 буд. Вале авҷи фаъолият дар соли 1789 сурат гирифтааст, ки дар заминаи инқилоби мардумӣ Фаронсаи подшоҳӣ сарнагун гашта, аввалин бор давлати миллӣ ва принсипи шаҳрвандӣ ба вуҷуд омадааст [144].

Давлатҳои миллӣ бо баста шудани шартномаи Вестфалӣ ҳуқуқеро пайдо карданд, ки то ин замон ин навъи ҳуқукро танҳо империяҳо доштанд. Онҳо дигар дар пешбурди сиёсати дохилию ҳориҷӣ ва ҳамкорӣ бо давлатҳои дигар озод буданд, инчунин мустақилона дар ҳудуди хеш истифодаи захираҳои иқтисодиро амалӣ мекарданд. Омили мазкур ташаккули низоми вестфалии муносибатҳои байналмилалиро асос гузошт. Дар ин низом давлат ҳамчун акторҳои асосии муносибатҳои байналмилалӣ эътироф гашта, эҳтироми истиқлолият ва тамомияти арзии он ба сифати принсипи асосӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ эътироф мегашт.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби пуразиши худ «Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат» мафҳуми давлати миллиро ба таври зайл шарҳ додаанд: «Таҳти мафҳуми «давлати миллӣ» мо чунин давлатеро дар назар дорем, ки комилан соҳибихтиёр буда, ба ҷомеаи ҷаҳонӣ бо нишону парчам ва муқаддасоти хоссаи давлатдориаш ворид мегардад, чун кишвари озод сиёсати мустақилонаи худро пеш бурда, дар миёни кишварҳои дигари олам мавқеи шоиста меёбад. Давлате, ки дар он сулҳу субот ва волоияти қонун ҳукмфармо аст, халқаш осуда зиндагӣ мекунад, марзу бумаш дахлнопазир аст ва сиёсатмадоронаш мардумро ба фардои нек раҳнамун месозанд» [44, с.402-403].

Ба андешаи Д. Колз: «Давлат-миллат ин ташкилоти сохташудае аст, ки миллат монополияи қонунии анъанавии худро дар ҳудуди муқарраршуда дорад» [132]. Вақте, ки миллати ягона ва фазои фаъолияти қонунии ҳокимияти давлатӣ бо ҳамдигар мувофиқат мекунанд, пас мо гуфта метавонем, ки миллат – давлат аст. Дар ин ҷо сухан сари мавқеи афзалиятноки миллати таҳҷоӣ меравад, ки тавонистааст ҳамчун умумияти таърихӣ худро нигоҳ дошта, дар ҳудуди ҷуғрофии маконгирифтаи худ ташкилоти сиёсӣ дар шакли давлат таъсис диҳад.

Дар асри XX миллат – давлат ҳамчун шакли табиии ҳастии давлат муаррифӣ мегардад. Аммо дар бисёр давлатҳои муосир ва инчунин давлатҳои гузашта алоқамандии байни давлат ва миллат хуб равшан набуд ва нест. Чуноне ки Ю. Хабермас қайд мекунад: «Тағйирёбии давлатҳои миллӣ имконият дод, ки бештари масъалаҳо ҳалли хешро ёбанд. Пеш аз ҳама давлатҳои нави демократии дорои ҳокимияти қонунӣ мавҷудияташонро дар шаклҳои нави интегратсияи иҷтимоӣ нигоҳ доранд» [50, с.81]. Дар ин ҷо Ю. Хабермас таваҷҷуҳи бештарро ба давлатҳои дорои низоми демократӣ равона карда, онҳоро ҳамчун давлатҳои муваффақ, ки масъалаҳои асосии ташаккули худро ҳал кардаанд, маънидод намудааст.

Давлати миллӣ аз нигоҳи Ю. Ҳабермас ду падидаи муҳимми ҷамъиятӣ - миллат ва давлатро ба ҳам пайвастааст. Давлатҳои миллии Аврупоӣ ба чунин дараҷа дар асри XX расидаанд, ки дар натиҷаи муносибатҳои иқтисодии сармоядорӣ ба зинаи нави инкишофи муносибатҳои байналмилаллӣ омада расиданд. Бештари муҳаққиқон чунин ҷараёнро бо мафҳуми «глобализатсия» ё ба истилоҳи тоҷикии ҷаҳонишавӣ муаррифӣ мекунанд.

Таҷрибаи фаъолияти низоми вестфалӣ нишон дод, ки таваҷҷуҳи зиёд ба давлати миллӣ ҳамчун акторҳои фаъоли муносибатҳои байналмилалӣ дар шароити вусъат пайдо намудани ҷаҳонишавӣ боиси пайдоиши рақобат миёни ду консепсия гаштааст. Ҷаҳонишавӣ ва давлати миллӣ ду

зуҳуроти дорои зиддиятҳои шадид мебошанд, ки яке дар муқобили дигаре қарор гирифтааст.

Таҳлили заминаҳои таърихию сиёсии ташаккули ҷаҳонишавӣ ҳамчун консепсияи сиёсӣ нишон медиҳад, ки он нав пайдо нашудааст. Вобаста ба заминаҳои ташаккули он метавон қайд намуд, ки мавҷҳои ҷаҳонишавӣ дар робита ба эҳтиёҷоти пайдошавандаи иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодию молиявӣ якчанд маротиба ҷаҳонро фаро гирифтаст. Яке аз заминаҳои раванди мазкурро демократикунонии олам ташкил мекунад. Демократикунонӣ равандест, ки тавассути он режими сиёсӣ демократӣ мешавад. Паҳншавии босуръати демократия дар саросари ҷаҳон, ки аз миёнаҳои асри XX оғоз шуд, манзараи сиёсии байналмилалиро аз оне, ки дар он ба қавле низоми демократияҳо истисно буданд, ба таври куллӣ тағйир дод. Афзоиши таваҷҷуҳ ба демократикунонӣ дар миёни олимон, сиёсатмадорон ва фаъолон аз бисёр ҷиҳат ба таҳкими меъёрҳои байналмилалӣ вобаста аст, ки демократияро бо бисёр натиҷаҳои муҳимми мусбӣ, аз эҳтироми ҳуқуқи инсон то шукуфоии иқтисодӣ ва амният алоқаманд мекунанд [156].

Ҳолати мазкур мақсади ба вуҷуди овардани системаи ягонаи идоракунии тамоми оламро дорад. Ин раванд баъди Ҷанги якуми ҷаҳон сифати тамоман навро ба худ гирифт. Бештари давлатҳо рӯ ба демократия оварданд. Сатҳи ниҳоии раванди демократикунонӣ баъди шикасти Олмони фашистӣ ба чашм мерасид. Дар робита ба ин қайд намудан зарур аст, ки мавҷи демократикунонии муосир хосияти субъективиро касб кардааст. Абарқудратҳо дар ин роҳ бо баҳонаи пиёда сохтани режимҳои демократӣ ва ё нест кардани ҳокимиятҳои худкома ва ё диктаторӣ, аз ҳадафҳои иқтисодии хеш кор мегиранд. Ҳолати барҷастаи онро мо дар мисоли моҷароҳои Афғонистон, Ироқ, Ливия ва Сурия дида метавонем.

Дар илми муосир ҷаҳонишавиро ҳамчун падидаҳои ҳаёти инсоният мавриди омӯзиши васеъ қарор додаанд ва нисбати ин падидаи навин

адешаҳои гуногун иброз доштаанд. Яке онро ҳамчун натиҷаи инкишофи илму техника медонад, дигаре онро танҳо дар муносибатҳои иқтисодӣ мебинад, сеюмин ҷаҳонишавиро шакли нави сиёсати давлатҳои абарқудрат медонанд, ки мақсади назорати тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро доранд.

Муҳаққиқони америкоӣ М. Хардт ва донишманди итолиёвӣ А. Негри вазъияти аз даст рафтани имкониятҳои идоракунии давлати миллӣ ва ба ҷойи хеш ба ташкилотҳо ва ширкатҳои фаромилилӣ додани онҳоро мавриди омӯзиш қарор дода, ба хулосае омадаанд, ки «шакли нави империя ташаккул ёфтааст ва он низоми глобалиро ихтиёрдорӣ мекунад» [61, с.11-12].

Ҷаҳонишавӣ барои давлатҳои миллӣ, ки пештар дар асоси имконияти хеш ҳамаи сохтор ва муасисаҳои худро барои нигаҳдории сохти хеш истифода мебурд ва дар ҳудуди қаламрав онҳоро идора менамуд, шароити тамоман дигарро офарид ва хусусан ба истиқлолияти дохилӣ таъсир расонид. Давлатҳои миллӣ дар назди ширкатҳои фаромиллӣ заиф мондаанд ва акнун аз ӯҳдаи идора кардани иқтисоди худ бо мушкилӣ мебароянд, зеро ширкатҳои фаромиллӣ фаъолият ва манфиатҳои худро навобаста аз сиёсат ва истиқлолияти давлатҳо ташаккул ва амалӣ мекунанд

Ҷаҳонишавӣ давлати миллиро маҷбур мекунад, ки ҳамеша ба рақобати ҷаҳонӣ тайёр бошад. Давлати миллӣ барои бартараф намудани паёмадҳои ҷаҳонишавӣ имкониятҳои маҳдуд дорад. Дар раванди ҷаҳонишавӣ яке аз масъалаҳои асосиро муҳоҷирати аҳолӣ ишғол мекунад. Муҳоҷират айни ҳол яке аз масъалаҳои асосии давлатҳои аврупоӣ гаштааст. Чуноне, ки П. Бюкенис қайд мекунад: «Дар ғарб дар замони эҳёи миллӣ ҳазорҳо гурӯҳҳои этникие ташаккул ёфтанд, ки кӯшиши нишон додани худро доштанд ва мехостанд худро ҳамчун умумияти этникии алоҳида ва дорои дину маданияти хос муаррифӣ намоянд» [42, с.7]. Ин таҳлилгари америкоӣ дар китоби худ: «Марги

Ғарб» менависад, ки «Муҳоҷирати назоратнашаванда таҳдиди несткунии давлатҳои миллиро дорад, ки мо дар он ба воя расидем ва Амрикоро миёни умумиятҳои этникии бенизом, ки бо якдигар ҳеч як умумияти ягона надоранд, тақсим мекунанд. Онҳо на таърихи ягона, на адабиёт, на санъат, на маданият, на дин ва на тафаккури ягона доранд. Миёни шаҳрвандони Амрико чунин ҳарос мавҷуд аст, ки Амрико миёни умумиятҳои этникии аз дигар минтақаҳои олам омада тақсим мешавад» [42, с.3-4]. Инчунин сиёсатшиноси амрикоӣ С. Ҳангтинтон дар яке аз китобҳои охири худ «Мо ки ҳастем» чунин менависад: «Муҳоҷирати барзиёди аҳолӣ аз Амрикои Лотинӣ ба ИМА таҳдиди тақсим кардани ИМА ба ду халқият, ду маданият ва ду забонро ба вуҷуд меоварад» [59, с.19].

Дар қатори муҳоҷират боз масъалаҳои дигаре низ мавҷуданд, ки имкони бештари бад кардани авзои сайёраро дар фазои ҷаҳонишавӣ доранд. Бояд гуфт, ки чанд даҳсола пеш таҳдид ба амнияти байналхалқӣ аз ҷониби ин ё он кишвар ва ё блоки ҳарбӣ сар мезад. Дар замони ҷаҳонишавӣ боз ҳам сарчашмаҳои таҳдид ба амнияти глобалӣ гуногун мегардад. Масалан, терроризми байналхалқӣ, ифротгароӣ, ҷинояткории байналхалқӣ, инчунин гардиши ғайриқонунии маводи мухаддиру силоҳ ва хариду фуруши одамон низ таҳдиди ҷиддиро дар пай дорад. Бояд аз ҷониби элитаҳои сиёсии сатҳи байналмилалӣ қарорҳои мушаххаси ҳалли чунин мушкилот қабул гардад. Зеро дигар давлатҳои миллӣ имкони дар танҳоӣ матраҳ кардани чунин мушкилотҳоро надоранд. Ин ҳолат барои на танҳо давлатҳои миллӣ, балки барои тамоми инсоният хатари бузургро ба бор овардааст, ки ин хатар аз силоҳи ҳастаиву блоки ҳарбӣ дида хатарноктар мебошад. Ҳоло дар ҷаҳон даҳҳо гурӯҳҳои ифротгароиву террористӣ мавҷуд мебошанд, ки неруи онҳо аз як қатор давлатҳои миллӣ дида пурзуртар мебошад.

Давлатҳои миллӣ мувофиқи анъанаҳои қабулшуда дорои нишонаҳои ба худ хос мебошанд. Чунин нишонагузорӣ аз замони пайдоиши аввалин

давлатҳои миллӣ ба инобат гирифта мешавад. Нишонаҳои муаяншуда асосан аз ҳудуди муайян, захираҳои иқтисодии муайяншуда, забони алоҳида ва аҳолии муайян, иборат мебошанд. Агарчӣ ки ин хусусиятҳо вуҷуд надошта бошанд, ҳастии давлат зери шубҳа меравад. Ин нишонаҳо асосан дар миллатҳо зоҳир мегарданд. Азбаски давлатҳои замони муосир ба миллатҳои алоҳида тааллуқ дорад, чунин хусусиятҳо дар он низ падид мегардад:

Якум, ҷаҳонишавӣ ҳамчун низоми нави инкишоф асосан ҳолатеро ба миён меорад, ки бо принсипҳои давлати миллӣ куллан муқобил аст. Аввал суфташавии сарҳадҳое, ки ин ё он давлати миллиро аз якдигар ҷудо мекунад, ба амал меояд. Дар низоми глобалии идоракунӣ сарҳади миёни давлатҳоро чандон ба инобат намегиранд. Яъне, муносибатҳои сарҳадӣ қариб барҳам мехӯранд. Гуфтан мумкин аст, ки сарҳади муайян ҳамчун яке аз нишонаи давлати миллӣ аст, зери суол меравад.

Дуюм, иқтисоди глобалӣ, ки то ин замон иқтисодиёти ҷаҳон аз они давлатҳои алоҳидаи миллӣ мебошад. Ҳар як давлати миллӣ дорои захираҳои иқтисодии муайян мебошад. Аммо ҷаҳонгароён захираҳои иқтисодии ҳудуди ин ё он давлатро ҳамчун захираи иқтисодии умумиҷаҳонӣ нишон медиҳанд. Инчунин ҷаҳонгароён чунин андеша доранд, ки мавҷудияти моликияти миллӣ сабаби асосии сар задани моҷароҳои байналмилаллӣ мегарданд [20, с.172]. Гуфтан мумкин аст, ки раванди ҷаҳонишавӣ метавонад иқтисоди миллии давлатҳоро ба иқтисоди глобалӣ табдил диҳад, ки дар ин вазъият низ яке аз нишонаҳои асосии давлати миллӣ (иқтисоди миллӣ) зери суол меравад.

Сеюм, забони байналмилаллӣ (англисӣ), ки нисбати забонҳои миллӣ афзалияти ҷиддиро пайдо кардааст. Забонҳое, ки миллатҳои алоҳида миёни ҳам зимни муошират истифода мекунанд, дар низоми ҷаҳонии идоракунӣ ба нестӣ мераванд. Он аз сатҳи забони коргузорӣ берун баромаданаш мумкин аст. Афзалияти забони байналмилаллӣ дар замони ҳозира бараъло мушоҳида мешавад. Гуфтан мумкин аст, ки дар марҳалаи

зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавӣ забони англисӣ метавонад забонҳои миллиро фуру барад, ки дар ин сурат яке аз нишонаҳои меҳварии давлати миллӣ (забони миллӣ) рӯ ба завол мениҳад. Яъне, бархӯрди тамаддунҳо, фарҳангҳо ва забонҳои гуногуни ҷаҳон ба риштаи имкон медароянд [179].

Чаҳорум, шаҳрванди умумисаёравӣ (космополитизм), ки ҳолати тамоман навро миёни давлатҳо ба миён меорад. То ин замон одамон ба ин ё он давлати алоҳида тааллуқ доштанд ва дар замони идораи глобалӣ чунин қолаб шикаста мешавад. Дар сурати амалӣ гардидан ин ҷараён имкон дорад, ки дигар одамон ҳамчун шаҳрванди умумисаёравӣ баромад намуда, имконияти беҳтарини убури сарҳадҳоро пайдо намоянд.

Бо вуҷуди пайдо гардидану ва амалӣ шудани ин хусусиятҳо давлати миллӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ қариб ҳамаи он вазифа ва масъулиятҳоеро, ки то ин дам дошт, тадриҷан аз даст медиҳад. Дигар он ба як ниҳоде, ки саҳми кофиро дар ҳалли мушкилоти шаҳрвандон дошта бошад, нигоҳ дошта наметавонад. Мо метавонем вазифаҳо ва ё масъулияти зиёдеро номбар намоем, ки то ин дам ҳалли онҳо ба зиммаи давлати миллӣ буд, ба созмонҳои глобалӣ мегузарад. Пеш аз ҳама бунёди ҷойҳои нави корӣ, муайян кардани маоши пиронсолии шаҳрвандон, маоши кории коргарон, пешбурди сиёсати хориҷии мустақил, бастани шартномаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ ва ғ., ки ба зиммаи давлати миллӣ буд, ба ширкатҳои фаромиллӣ мегузарад.

Ҳамин тариқ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҷаҳонишавӣ рӯз то рӯз дар худ имкониятҳои навро касб намуда, мавқеи давлатҳои миллиро дар арсаи байналхалқӣ маҳдуд мегардонад. Дар ин раванд барои мавҷудияти давлати миллӣ ва нигоҳдошти он пеш аз ҳама кӯшиши зиёде дар доираи миллат ва манфиатҳои миллӣ вобаста ба таҳкими давлатдории миллӣ зарур аст, ки аз ҳар ҷиҳат вобастагии худро аз созмонҳои ҷаҳонӣ ва абарқудратҳо канда намуда, худкифо бошад, арзишҳои миллӣ ва фарҳанги миллии худро ҳифз намуда, рушду равнақ

бахшад. Дар ин сурат метавонад ҳамчун давлати миллӣ бақои худро таъмин намояд.

Бояд гуфт, ки дар шароити муосир дар баробари ҷаҳонишавӣ равандҳои геополитикӣ низ тағйироти бунёдии давлатҳои миллиро ба вуҷуд меоранд ва хусусияти соҳибихтиёрии давлатро тавассути низоъҳои ҳудудӣ ва иттифоқҳои стратегӣ аз нав муайян мекунанд. Ин падида махсусан дар фазои Авруосиё возеҳу равшан аст. Чунончи, аз нав кашидани марзҳо ва аз нав танзим кардани ҳувияти коллективӣ натиҷаи таъсири мутақобилаи рақобатии субъектҳои ҷаҳонӣ мебошанд. Моделҳои таърихан таъсисёфтаи давлатдорӣ таҳти фишори марказҳои нави қудрат қарор доранд, ки барои тағйироти институтсионалӣ ҳолати низоиро эҷод мекунанд. Чунин замина барои таҳлили афзоиши вобастагии геополитикӣ ва таҳаввулоти давлати миллӣ зарурати таҳқиқотиро ба вуҷуд меорад.

Дар фазои Авруосиё равандҳои мазкур тавассути ду навъи асосии муносибатҳои байнидавлатӣ зоҳир мешаванд: аз як тараф, низоъҳои ҳудудию минтақавии кӯҳна, ки дар шароити нави байналмилалӣ аз сари нав ба вуҷуд меоянд, ва аз тарафаи дигар, эътирозҳои нав, ки аз таъсири қуввaҳои берунӣ вобастаанд. Ҷанги Русия ва Украина намунаи барҷастаи навъи аввал аст, ки дар он як низои таърихӣ дар асри XXI бо воситаҳои комилан нав ва дар чорчӯбаи рақобати неруҳои НАТО ва Россия аз нав оғоз ёфт. Дар ин ҷо, марзҳои давлатӣ танҳо хати ҷуғрофиро инъикос намекунанд, балки ба саҳнаи мубориза барои таъйини ҳуқуқи байналмилалӣ, таъсири фарҳангӣ ва ҳимояи фазои маънавӣ табдил меёбанд. Ҳар гуна тағйири онҳо ба тағйири устувори ҳувияти миллии ҳарду тараф оварда мерасонад.

Дар минтақаи Осиёи Марказӣ низ раванди ташаккули давлатдориро дар шароити рақобати ҷаҳонӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Давлатҳои тозаистиқлоле, ки дар фазои пасошуравӣ ба таҳкими ҳувияти миллии худ машғул шудаанд, акнун дар муносибати мураккаб бо қудратҳои

минтақавӣ ва фаъолияти онҳо дар доираи лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ, монанди бунёди Роҳи абрешим ва ғайраҳо, қарор доранд. Чунин тавсеаи иктисодӣ ва лоиҳаҳои алоқамандкунанда ба таври мустақим ба ҳимояи соҳибихтиёрии сиёсии ин кишварҳо таъсир мерасонанд, зеро онҳоро ба марказҳои қудрати берунӣ вобаста мекунанд ва ҳамзамон барои манъ кардани таъсири онҳо имкон медиҳанд. Чунин вобастагии иқтисодӣ ба воситаи механизмҳои нави геополитикӣ ба хусусияти давлатдории миллӣ таъсири амиқ мегузорад.

Ба ҳамин монанд, дар Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқӣ низоъҳои ҳудудӣ, ба монанди мубориза барои истифодаи дарёҳои бузург ё ҳукмронии баҳрӣ дар рақобати стратегии байни Чин, ИМА ва дигар қудратҳои ҷаҳонӣ дида мешаванд. Дар ин ҷо манфиатҳои миллии давлатҳо бевосита ба ҳадафҳои геостратегии онҳо вобаста шуда, ба шарҳу тавзеҳи нави соҳибихтиёрию амалкунии мустақил мусоидат мекунанд. Давлате, ки дар маркази чунин низоъ қарор дорад, маҷбур аст, ки мувозанати заруриро барои ҳифзи суверенитети худ нигоҳ дорад. Ҳамин тариқ, таҳаввули давлати миллӣ дар асри XXI ба як раванди дусамта табдил ёфтааст. Аз як тараф, он ба таври устувор ба тақвияти сохторҳои дохилӣ ва ҳувияти миллии мустақил равона шудааст, ва аз тарафи дигар, ба таври васеъ ба шабакаи муносибатҳои беруна вобаста гашта, барои муқовимат ё ҳамкории стратегӣ дар доираи ин шабака маҷбур аст. Натиҷаи чунин таъсири мутақобила ташаккули намудҳои нави институтсионалӣ мебошад, ки барои ҳалли мушкилоти муосир ба вуҷуд оварда шудаанд. Аз механизмҳои мудофиаи коллективӣ дар атрофи иттифоқҳои минтақавӣ то намудҳои нави вобастагии иқтисодӣ, ки ба таври мураккаб суверенитети давлатро маҳдуд мекунанд, ба тамоюлоти номбаргардида мисол шуда метавонанд.

Мушкили асосии давлатсозии муосир дар рӯёрӯи зиддияти парадоксалӣ қарор дорад: талошҳо барои таҳкими ҳувияти миллӣ ва якпорчагии қаламрав бо дахолати субъектҳои беруна ба таври

систематикӣ ноустувор мешаванд. Қудратҳои бузург, ки манфиатҳои геостратегии худро пайгирӣ мекунанд, равандҳои парокандагиро тавассути дастгирии ҳаракатҳои ҷудоихоҳӣ ё таҳримҳои иқтисодӣ оғоз менамоянд. Ин ҳолат боиси пайдоиши шаклҳои гибридии давлатдорӣ мегардад, ки дар он соҳибихтиёрии расмӣ бо имконоти воқеии назорат мувофиқат намекунад. Ин вазъият моделҳои назариявии анъанавиро зери суол мебарад, зеро дар моделҳои мазкур давлати миллӣ ҳамчун сохтори яклухт тавсиф карда мешавад.

Давлати миллӣ чун анъана тавассути се меъёри ба ҳам алоқаманд муайян карда мешавад: соҳибихтиёрии сиёсӣ, якпорчагии қаламрав ва ҳувияти фарҳангӣ. Соҳибихтиёрӣ бартарии қудратро дар дохили қаламрави муайян пешбинӣ мекунад, ки аз замони сулҳи Вестфал дар ҳуқуқи байналмилалӣ муқаррар шудааст. Якпорчагии қаламрав марзҳои равшан ва монополияи зӯроварии қонунӣ дар дохили онҳоро дар назар дорад. Ҳувияти фарҳангӣ бошад муттаҳидии дохилиро тавассути забони муштарак, хотираи таърихӣ ва амалияҳои рамзӣ таъмин мекунад. Дар шароити имрӯза ин меъёрҳо таҳти таъсири ҷаҳонишавӣ ва шаклҳои нави танзими фаромиллӣ тағйир меёбанд. Якпорчагии қаламрав бо мушкилоти сепаратизм ва шусташавии марзҳо рӯ ба рӯ мешавад, дар ҳоле ки соҳибихтиёрӣ аз ҷониби ниҳодҳои байналмилалӣ маҳдуд карда мешавад. Ҳувияти фарҳангӣ аз ҷониби равандҳои муҳоҷират ва бисёрфарҳангӣ мураккаб мешавад ва тақозои онро мекунад, ки моделҳои анъанавии муттаҳидсозии миллӣ аз нав дида баромада шаванд.

Таҳаввулоти мафҳуми давлати миллӣ аз якчанд марҳала гузаштааст: аз низоми Вестфалӣ, ки принсипи истиқлолияти ҳудудиро муқаррар мекард, то ташаккули давлатҳои миллӣ дар асри XIX. Дар асри XX деколонизатсия ба паҳншавии ин модел мусоидат кард, аммо то охири аср ҷаҳонишавӣ пояҳои онро вайрон кардан гирифт. Пайдоиши субъектҳои фаромиллӣ ва афзоиши вобастагии иқтисодӣ хусусияти мутлақи истиқлолияти давлатиро зери суол бурд. Тафсирҳои муосири

давлати миллӣ мутобиқшавии онро ба воқеиятҳои нав инъикос мекунанд. Тавре ки муҳаққиқон қайд мекунанд: «Насли кунунӣ шоҳиди пайдоиши давраи нав дар таърихи муносибатҳои байналмилалӣ аст. Мисли ҳама гуна нуқтаи дигари гардиш дар таърихи ҷаҳон, хусусан вақте ки сухан дар бораи тағйири даврон меравад, он бо нооромиҳо, таназзул ё фурупошии пурраи сохторҳои дастгирикунандаи низоми кӯҳна ва таҷдиди сохтории амиқи он рӯ ба рӯ мешавад» [107, с.19].

Хусусиятҳои асосии давлати миллӣ дар муносибатҳои байналмилалии муосир қобилияти нигоҳ доштани соҳибихтиёрии дохилӣ дар шароити маҳдудиятҳои берунаро дар бар мегиранд. Ин дар мувозинати иштирок дар созмонҳои байналмилалӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ зоҳир мешавад. Якпорчагии ҳудудӣ бо мафҳумҳои «марзҳои нарм» пурра карда мешавад ва ҳувияти фарҳангӣ унсурҳои мансубияти ҷаҳонӣ ва маҳаллиро дар худ қабул мекунад. Дар ҷаҳони бисёрқутба давлатҳои миллӣ маҷбуранд ба парадигмаҳои нави амният ва ҳамкории иқтисодӣ мутобиқ шаванд. Ин боиси аз нав дида баромадани вазифаҳои анъанавии давлат гардида, ҳамзамон нақши худро ҳамчун субъекти асосии ҳуқуқи байналмилалӣ нигоҳ медорад. Давлатҳои муосир ҳифзи соҳибихтиёриро бо стратегияҳои устувортар барои ҳамкорӣ дар фазои ҷаҳонӣ муттаҳид мекунанд.

Бояд гуфт, ки сулҳи Вестфал дар соли 1648 асоси низоми муосири давлатҳои миллиро гузошт ва принсипҳои соҳибихтиёрӣ ва якпорчагии қаламравро муассир сохт. Ин шартнома гузариш аз моделҳои империалистӣ ба низоми субъектҳои мустақили сиёсӣ бо монополияи қудрат дар ҳудуди марзҳои муқарраршударо нишон дод. Системаи Вестфалӣ нуқтаи ибтидоии рушди ҳуқуқи байналмилалии танзимкунандаи муносибатҳои байнидавлатӣ гардид. Принсипҳои он сарфи назар аз тағйироти минбаъдаи тартиботи ҷаҳонӣ аҳамияти худро нигоҳ медоранд.

Густариши мустамликадории қудратҳои аврупоӣ дар асри XIX боиси аз нав кашидани харитаи сиёсии ҷаҳон бо нодида гирифтани марзҳои таърихӣ ва этникӣ гардид. Тақсимоти сунъии қаламравҳо барои низоъҳои оянда шароит фароҳам овард ва заминаҳои ташаккули ҳувиятҳои органикии миллиро халалдор кард. Маъмуриятҳои мустамликадорӣ системаҳои бегонаро ҷорӣ карданд, ки ба таҳкими минбаъдаи давлатҳо монеъ мешуданд. Ин давра нишон медиҳад, ки чӣ гуна манфиатҳои геополитикии кишварҳои метрополия сарнавишти тамоми минтақаҳоро муайян мекунанд. Раванди деколонизатсия пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ бо ислоҳоти миқёси васеи марзҳои давлатӣ, ки аксар вақт бе назардошти хусусиятҳои маҳаллӣ сурат мегирифт, ҳамроҳ буд. Давлатҳои тозаистиқлол бо мушкилоти қонунӣ кардани салоҳияти худ ва таҳкими ягонагии миллӣ дар қаламравҳои сунъӣ бо мушкилот рӯ ба рӯ шуданд. Рақобати геополитикӣ байни абарқудратҳо дар даврai ҷанги сард равандҳои сохтмони давлатиро боз ҳам мураккабтар кард. Бисёре аз кишварҳои пас аз мустамликадорӣ ба саҳнаи низоъҳои геополитикӣ табдил ёфтанд ва ин ҳолат рушди институтсионалии онҳоро суст кард. Деколонизатсия боиси бӯҳронҳои тулонии ҳувият гардид, бахусус вақте ки марзҳои қаламрав бо минтақаҳои фарҳангӣ ва таърихӣ мувофиқат намекарданд. Ин боиси пайдоиши ҳаракатҳои ҷудоихоҳӣ ва низоъҳои байнидавлатӣ, бахусус дар Африқо ва Осиё гардид. Мероси мустамликадорӣ дар заъфи ниҳодҳои давлатӣ ва парокандагии этносиёсии бисёр кишварҳои нав зоҳир шуд. Ин равандҳо ба таври возеҳ пайвастагии қарорҳои геополитикӣ ва мушкилоти бунёди давлатдории устуворро нишон медиҳанд.

Фурӯпошии низоми дуқутба дар охири асри XX барои тағйирпазирии давлатҳои миллӣ таҳти таъсири марказҳои нави қудрат шароит фароҳам овард. Ҷаҳонишавӣ ва минтақагароӣ ба тақсимоти нуфуз дар муносибатҳои байналмилалӣ мусоидат карданд. Қудратҳои минтақавии навбунёд дар ташаккули сохтори нави низоми амният нақши

муҳимтар бозиданд. Ин давра бо мураккабии афзояндаи низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва пайдоиши моделҳои нави соҳибихтиёрӣ тавсиф мешавад. Тавре ки муҳаққиқон қайд мекунанд: «Шарқи Наздик дар марҳалаи кунунӣ як зерсистемаи беназири минтақавиро ифода мекунад, зеро бо сатҳи баланди парокандагӣ, низоъ ва набудани заминаи устувори амниятӣ тавсиф мешавад. Дар заминаи ташаккули тартиботи ҷаҳонии полисентрикӣ мувозинати стратегӣ дар минтақа на тавассути иттифоқҳо ва блокҳои устувор ва расмӣ, балки тавассути неруҳои мухталифи дохилӣӣ, ки бо иштироки акторҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ (Русия, ИМА, Чин, Туркия, Эрон, Арабистони Саудӣ, Исроил, Миср ва Аморати Муттаҳидаи Араб) ташкил шудаанд, нигоҳ дошта мешавад» [84, с.36].

Консепсияҳои муосири геополитикӣ хусусияти тағйирпазирии доимии равандҳои сохтмони давлатиро ифода менамоянд. Геополитикаи неоклассикӣ андозагириҳои иқтисодӣ, технологӣ ва фарҳангиро бо ҳамдигар муттаҳид мекунад ва омили ҷуғрофиро рад менамояд. Ин имкон медиҳад, ки ташаккули давлатҳои миллӣ тавассути таъсири мутақобилаи бисёрсатҳаи байни субъектҳо таҳлил карда шавад. Назарияшиносон таъсири мутақобилаи муттаҳидшавии дохилӣ ва мавқеи сиёсати хориҷии давлатро низ таъкид мекунанд. Равишҳои муосир давлатро ҳамчун системаи мутобиқшавандае мебинанд, ки ба тағйироти муҳити байналмилалӣ посух медиҳад. Ин парадигма фаҳмиши ҳамаҷонибаи нақши геополитикаро дар ташаккули соҳибихтиёрии миллӣ имконпазир мегардонад.

Таҳлили таърихӣ нишон медиҳад, ки робитаи пайваста байни низоъҳои ҳудудӣ ва тағйироти марзҳои давлатӣ вуҷуд дорад. Ҷангҳои ворисӣ дар Аврупои асри XVIII ҳамчун воситаи тақсимоти замин байни монархияҳо хизмат карда, воқеиятҳои нави сиёсиро ташаккул додаанд. Шартномаҳои сулҳи баъдӣ, ба монанди Созишномаи Утрехт (1713) ва Созишномаи Вена (1815) натиҷаҳои задухӯрдҳои низомиро қонунӣ

гардонида, тағйироти ҳудудиро дар сатҳи байналмилалӣ танзим карданд. Тақсимоти мустамликавии Африқо дар охири асри XIX сохтмони сунъии марзҳоро бидуни назардошти хусусиятҳои этникӣ-фарҳангии минтақаҳо нишон медиҳад. Конфронси Берлин дар солҳои 1884-1885 принсипи ишғоли муассирро ҳамчун асоси даъвоҳои ҳудудӣ қонунӣ кард. Низоъҳои минбаъдаи марзӣ дар давлатҳои пас аз мустамликадорӣ натиҷаи марзҳои маъмурии таҳмилшуда буданд, ки ба минтақаҳои воқеии маскуншавии халқҳо мувофиқат намекарданд. Фурӯпошии империяҳои бисёрмиллатӣ дар асри XX бо афзоиши баҳсҳои ҳудудӣ ҳамроҳ буд ва ниҳоятан харитаи сиёсии ҷаҳонро дигаргун сохт. Ташаббускорони системаи Версал дар соли 1919 кӯшиш карданд, ки принсипи худмуайянкунии миллиро бо манфиатҳои геополитикии қудратҳои ғолиб мувофиқ созанд. Аммо дар ин раванд ташаккули давлатҳои нав дар Аврупои Шарқӣ бар асоси меъёрҳои этникӣ боиси низоъҳои тӯлонии марзӣ гардид, ки то имрӯз аҳамияти худро нигоҳ медоранд.

Иттиҳодияҳои низомӣ-сиёсӣ таърихан ҳамчун омили ташаккули ҳувиятҳои коллективӣ баромад кардаанд. Дар давраи ҷанги сард НАТО ва Паймони Варшава на танҳо захираҳои низомӣ, балки платформаҳои идеологиро низ муттаҳид мекарданд. Иштирок дар системаи блокҳо ба ташаккули ҳувияти миллӣ тавассути дихотомияи “дӯсту душман” дар дохили низоми ҷаҳонии дуқутба мусоидат кард. Иттиҳодияҳои муосири ҳамгироӣ, ба монанди Иттиҳоди Аврупо, мафҳумҳои анъанавии соҳибихтиёрии давлатиро тағйир медиҳанд. Интиқоли баъзе ваколатҳо ба муассисаҳои фаромиллӣ бо ташаккули ҳувиятҳои бисёрқабата дар байни шаҳрвандон ба амал меояд. Ин раванд тақвияти амнияти коллективӣ ва қисман аз даст додани мустақилият дар қабули қарорҳоро нишон медиҳад. Паймонҳои мудофиаи минтақавӣ дар Осиё ва Африқо ба соҳибихтиёрии давлатҳо таъсири мухолиф доранд. Аз як тараф, онҳоро аз таҳдидҳои беруна муҳофизат мекунанд, аммо аз тарафи дигар, онҳо

истиқлолияти иштирокчиёнро дар масъалаҳои сиёсати хориҷӣ маҳдуд менамоянд. Аммо мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки Иттиҳоди давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва Иттиҳоди Африқо кӯшиш намуда истодаанд, ки мувозинати амнияти коллективӣ ва ҳифзи истиқлолияти миллиро таъмин кунанд.

Фишори геополитикии беруна шароитеро барои ташаккули ҳувияти рақобатпазир дар дохили давлати миллӣ фароҳам меорад. Ин раванд аз ҷониби стратегияҳои субъектҳои беруна, ки ба суст кардани соҳибихтиёрӣ тавассути таблиғи фарқиятҳои минтақавӣ ё этникӣ нигаронида шудаанд, пеш бурда мешавад. Воқеаҳои таърихӣ робитаи пайвастаи байни танишҳои геополитикӣ ва афзоиши ҳаракатҳои ҷудоихоҳиро нишон медиҳанд. Ин шароит таҳкими ҳувияти ягонаи миллиро ба таври назаррас мураккаб мекунад. Маъракаҳои иттилоотӣ, густариши фарҳангӣ ва лоббикунонии институтсионалӣ ҳамчун василаҳои ташаккули ҳувияти алтернативӣ истифода бурда мешаванд. Ин усулҳо ба нерӯҳои беруна имкон медиҳанд, ки системаи арзишҳои алтернативӣ ва ривоятҳои таърихиро эҷод кунанд. Чунин амалияҳо махсусан дар минтақаҳое, ки зиддиятҳои амиқи таърихӣ ё баҳсҳои ҳалношудаи ҳудудӣ доранд, самаранок мебошанд. Дар натиҷа, монополияи давлат дар ташаккули ҳувияти коллективӣ коҳиш меёбад. Рақобатпазирии ҳувиятҳо боиси парокандагии шуури ҷамъиятӣ ва заъфи муттаҳидии иҷтимоӣ мегардад. Элитаҳои миллӣ бо зарурати муқовимат ба фишори беруна ва парокандагии дохилӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Вазъият аз он сабаб мураккаб мешавад, ки ҳувиятҳои алтернативӣ аксар вақт тавассути муассисаҳои байналмилалӣ легитимӣ кунонида мешаванд. Чунин ҳолат барои таҳияи стратегияҳои ягонаи миллатсозӣ монеаҳои иловагӣ эҷод мекунад. Натиҷаи фишори геополитикӣ сафарбар кардани механизмҳои дифоии ҳувияти миллӣ мебошад. Дар посух ба таҳдидҳои беруна, равандҳои таҳкими дохилӣ дар атрофи арзишҳо ва рамзҳои асосӣ шиддат мегиранд. Аммо, чунин вокуниш пеш аз ҳама ба давлатҳое

хос аст, ки институтҳои устувору мустаҳками ҷомеаи шаҳрвандӣ доранд. Дар низомҳои сиёсии заифтар фишори беруна аксар вақт боиси тақвияти майлҳои марказгурез мегардад.

Ниҳодикунонии ваҳдати миллӣ дар фазои пароканда бо маҳдудиятҳои системавӣ рӯ ба рӯ мешавад. Сохторҳои давлатӣ маҷбуранд дар муҳите бо марказҳои рақобатпазири қудрат ва нуфуз фаъолият кунанд. Ин боиси такрори вазифаҳо ва коҳиши самаранокии қарорҳои идоракунӣ мегардад. Ин мушкилот махсусан дар соҳаҳои маориф, сиёсати фарҳангӣ ва маорифи таърихӣ шадид аст. Идоракунии маъмурӣ дар фазоҳои пароканда моделҳои устувортари ташкили ҳудудиро талаб мекунад. Аммо, ғайримарказикунонӣ аксар вақт фарқиятҳои минтақавиро ба ҷои ҳамоҳангсозии онҳо шадидтар менамояд.

Стратегияҳои бартараф кардани тафриқаҳои ҳувиятӣ равиши ҳамаҷонибаеро талаб мекунанд, ки чораҳои институтсионалӣ ва иҷтимоию фарҳангиро тақозо доранд. Дар чунин шароит эҷоди моделҳои фарогири ҳувияти миллӣ омиле мебошад, ки гуногунандеширо дар дохили як умумият имконпазир мегардонад. Дар ин модел ба механизмҳои муколамаи байни гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ диққати махсус дода мешавад. Аз нав дида баромадани мавқеи геополитикии давлат метавонад воситаи муассир бошад. Ба андешаи олимони рус, «конструктивистҳо даъват мекунанд, ки дар баҳси минтақаи баҳри Балтикаи Русия тағйироти парадигмалӣ ба амал ояд: ба ҷои он ки минтақаро ҳамчун манбаи маргиналӣ ва душманонаи таҳдидҳои амниятӣ дарк кунанд, давлат ва ҷомеаи Русия бояд онро ҳамчун минтақае бо имкониятҳои бузурги ҳамкорӣ бубинанд» [101, с.18]. Ба андешаи конструктивистҳои рус бошад, «минтақаи баҳри Балтика бояд симои мусбаттар ва ҷолибтар дошта бошад ва бо ғояҳои рушд, шукуфоӣ ва навоварӣ алоқаманд карда шавад. Ғайр аз ин, Русия бояд минтақаи баҳри Балтикаро ҳамчун минтақаи сулҳ ва субот дарк кунад, ки дар он

ҳувиятҳои гуногунро метавон бо ҳам мувофиқ ва ҳамоҳанг кард» [101, с.12]. Ин равиш имкон медиҳад, ки омилҳои тафриқаангез ба омилҳои муттаҳидкунанда табдил дода шаванд. Стратегияҳои дарозмуддат барои рушди арзишҳои муштарак ва нигоҳ доштани гуногунии фарҳангӣ талошҳои пайвастаро талаб мекунанд. Дар ин раванд сиёсати таълимию маърифатие, ки ба ташаккули ҳувияти шаҳрвандӣ нигаронида шудаанд, нақши калидӣ мебозанд. Ҳамзамон, зарур аст, ки механизмҳои иқтисодие эҷод карда шаванд, ки нобаробарии минтақавиро коҳиш диҳанд.

Дар шароити ба амал омадани мушкилоти геополитикӣ муассисаҳои давлатӣ дар таъмини суботу устуворӣ нақши муҳим мебозанд. Қобилияти онҳо барои нигоҳ доштани қонун ва тартибот, таъмини амният ва татбиқи сиёсати хориҷӣ асоси устувории давлати миллиро ташкил медиҳад. Фаъолияти муассири шохаҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва судии ҳокимият ба кам кардани таъсири фишори беруна мусоидат мекунад. Мутобиқшавии муассисаҳо ба шароити тағйирёбандаи байналмилалӣ махсусан муҳим аст. Дар шароити ноустуворииgeополитикӣ нақши механизмҳои ҳуқуқӣ ва абзорҳои дипломатӣ меафзояд. Муассисаҳои давлатӣ бояд ба баҳсҳои ҳудудӣ, таҳримҳои иқтисодӣ ва таҳдидҳои иттилоотӣ фавран посух диҳанд. Ҳамоҳангсозӣ байни сатҳҳои гуногуни ҳукумат ва мақомоти амниятӣ якпорчагии низоми давлатиро таъмин мекунад. Тақвияти иқтидори ҳуқуқии байналмилалӣ ба ҳифзи соҳибихтиёрӣ дар шароити дахолати беруна мусоидат мекунад.

Ҳувияти миллӣ ҳамчун асоси устувории давлатдорӣ барои пешгирии равандҳои парокандашавӣ хизмат мекунад. Ягонагии хотираи таърихӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва ҳамбастагии шаҳрвандӣ ҷомеаро аз таъсири берунаи ноустуворкунанда муҳофизат мекунанд. Ташаккули ҳувияти умумӣ бар асоси барномаҳои таълимӣ, сиёсати иттилоотӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ сурат мегирад. Ин раванд тавозуни доимии байни анъана ва навсозиро талаб мекунад. Нигоҳ доштани ҳувият қобилияти табдил доданро дар посух ба мушкилот пешбинӣ мекунад. «Омили

асосии ташаккул ва рушди тамаддун қобилияти он барои муқовимат ба қудрати анъанаҳо мебошад. Дар ин робита қобили қайд аст, ки посух ба мушкилоте, ки А. Тойнби пешниҳод намуда буд, маънои дараҷаи муайяни парокандагиро дорад, ки дар асоси он ҳамгироии нав дар сатҳи баландтар барои ҷомеа имконпазир мегардад» [116, с.198]. Ҳамин тариқ, рафъи бӯҳронҳо тавассути аз нав дида баромадани ҳувият ваҳдати миллиро дар муқобили таҳдидҳои геополитикӣ тақвият медиҳад.

Самаранокии институтсионалӣ ва таҳкими ҳувият дар даврaҳои буҳронӣ якдигарро тақвият медиҳанд. Муассисаҳои устувори давлатӣ шароитеро барои ташаккули ҳувияти муштарак фароҳам меоранд, ки дар навбати худ легитимияти ҳокимияти давлатиро беҳтар мекунанд. Ин вобастагӣ махсусан дар давраи ба амал омадани танишҳои сиёсати хориҷӣ, яъне, вақте ки сафарбаркунии тамоми захираҳои давлатӣ зарур аст, муҳимияти бештар пайдо менамояд. Ҳамоҳангсозии ислоҳоти институтсионалӣ ва ташаккули ҳувияти миллӣ шарти муҳимми бақои давлати миллӣ мегардад. Таҷриба нишон медиҳад, ки давлатҳое, ки муассисаҳои қавӣ ва ҳувияти миллии мустаҳкам доранд, бӯҳронҳои геополитикиро бомуваффақият паси сар мекунанд. Ин ҳолатро қобилияти нигоҳ доштани соҳибихтиёрӣ дар шароити таҳримҳои иқтисодӣ ва ҷангҳои иттилоотӣ нишон медиҳад. Ҳамзамон, буҳронҳо зарурати ислоҳоти доимии ҳам механизмҳои институтсионалӣ ва ҳам стратегияҳои таҳкими ҳувияти миллиро тақозо менамоянд. Равиши ҳамаҷониба барои таҳкими ҳарду ҷузъ устувории дарозмуддати низоми давлатиро таъмин мекунад.

Фишори геополитикӣ ба якпорчагии давлатҳои миллӣ маҷмуи мураккаби таҳдидҳоро эҷод мекунад. Таҳдидҳои мазкур тавассути таҳримҳои иқтисодӣ, ҷангҳои иттилоотӣ ва дастгирии ҳаракатҳои ҷудоихоҳӣ зоҳир мешаванд. Ин омилҳо зиддиятҳои дохилиро, бахусус дар давлатҳое, ки ниҳодҳои сиёсии ноустувор доранд, шадидтар мекунанд. Заифшавии соҳибихтиёрӣ дар коҳиши қобилияти назорат

кардани қаламрав ва таъмини қонунияти ҳокимият зоҳир мешавад. Тағйирёбии низомҳои сиёсӣ дар чунин шароит аксар вақт бо парокандашавии ҷомеа ва афзоиши эҳсосоти миллатгароӣ омехта карда мешавад. Созмонҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ дар равандҳои парокандагӣ нақши норавшан доранд. Аз як тараф, онҳо метавонанд ҳамчун омили устуворкунанда амал кунанд, дар ҳоле ки аз тарафи дигар, онҳо метавонанд ба субъекти таъсиррасонии беруна табдил ёбанд. Зуд-зуд тағйир ёфтани мавқеи ҷомеаи байналмилалӣ номуайянии рушди давлатҳоро шадидтар мекунад.

Тақвияти соҳибихтиёрӣ дар низоми бисёрқутба дипломатияи устувор ва бунёди иттифоқҳои стратегиро талаб мекунад. Диверсификатсияи робитаҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ ба коҳиш додани вобастагӣ аз марказҳои алоҳидаи қудрат мусоидат мекунад. Иштирок дар ташаббусҳои минтақавӣ ба ташаккули минтақаҳои буферии таъсири геополитикӣ мусоидат мекунад. Тақвияти захираҳои дохилии давлат тавассути худкифоии иқтисодӣ ва иқтидори низомӣ механизми муҳим боқӣ мемонад. Модернизатсияи ниҳодҳои идоракунӣ устувориро ба мушкилоти беруна афзоиш медиҳад. Таваҷҷуҳ ба сармояи инсонӣ ва ҳувияти шаҳрвандӣ барои муттаҳидсозии ҷомеа заминаи мусоид фароҳам меорад. Мувозинат байни ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва мутобиқ шудан ба воқеиятҳои нави байналмилалӣ шарти асосии бақои давлати миллӣ мегардад. Таҳияи низоми бисёрқабата пешгирии ҳам таҳдидҳои анъанавӣ ва ҳам ғайрианъанавиро дар бар мегирад.

Василаҳои дипломатӣ барои коҳиш додани фишори геополитикӣ ба давлатҳои миллӣ метавонанд хизмат кунанд. Иштироки фаъол дар созмонҳои байналмилалӣ имкон медиҳад, ки созишномаҳои бисёрҷонибае, ки соҳибихтиёриро ҳифз мекунанд, ташаккул ёбанд. Таъсиси иттифоқҳои стратегӣ бо давлатҳои бетараф вазни муқобилро ба таъсири қудратҳои бартаридошта эҷод мекунад. Тактикаҳои устувори музокирот ҳалли баҳсҳои ҳудудиро бидуни афзоиши низоъҳо

имконпазир мекунанд. Таъсиси системаҳои алтернативии иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ ба механизми муассири ҳифзи манфиатҳои миллӣ табдил меёбад. Ба андешаи олимон, «шумораи афзояндаи давлатҳо кӯшиш мекунанд, ки аз вобастагии доллар дур шаванд ва системаҳои алтернативии молиявӣ ва ҳисоббаробаркунӣ, инчунин асъорҳои захиравӣ эҷод кунанд» [99, с.67]. Рушди иттифоқҳои молиявии минтақавӣ ва ҳисоббаробаркуниҳо бо асъорҳои миллӣ осебпазириро дар шароити мавҷудияти фишори таҳримҳо коҳиш медиҳад.

Диверсификатсияи иқтисодӣ имкон медиҳад, ки устувории давлати миллӣ ба зарбаҳои беруна таъмин карда шавад. Вобастагӣ ба содироти ашёи хом тавассути рушди саноати технологияҳои ҷадид кам карда мешавад. Сармоягузорӣ ба инфрасохтори рақамӣ ва энергияи барқароршаванда бартариҳои нави рақобатпазирро ба вуҷуд меорад. Диверсификатсияи шарикони тиҷоратӣ хатари маҳдудиятҳои яктарафаи иқтисодиро ба ҳадди ақалл мерасонад. Дастгирии тиҷорати хурду миёна ҳамчун омили асосии бозори дохилӣ ба самти асосӣ табдил меёбад. Таъсиси минтақаҳои махсуси иқтисодӣ воридшавии сармоягузориҳои хориҷиро ба бахшҳои ғайрисармоявӣ тақвият мебахшад. Рушди долонҳои нақлиётӣ ва логистикӣ, бахусус роҳҳои нақлиётии алтернативӣ амнияти иқтисодиро тақвият медиҳад. Ҷойивазкунии воридот дар бахшҳои муҳим осебпазириро ба занҷираҳои таъминоти ҷаҳонӣ коҳиш медиҳад. Барномаҳои субсидияи давлатӣ барои кишоварзӣ ва дорусозӣ ниёзҳои асосии аҳолиро таъмин мекунанд. Мухторияти технологӣ дар соҳаҳои стратегӣ барои нигоҳ доштани соҳибихтиёрӣ ба шарти зарурӣ табдил меёбад.

Тақвияти ҳамбастагии дохилии иҷтимоӣ кори мунтазамро талаб мекунад ва ба ин кор бояд муассисаҳои фарҳангӣ ва таълимӣ пайваста машғул шаванд. Ҳамгироии хотираи таърихӣ ба стандартҳои таълимӣ ҳувияти муштараки миллиро тақвият медиҳад. Дастгирии гуногунии забонӣ ҳангоми нигоҳ доштани фазои ягонаи коммуникатсионӣ

равандҳои ҳамгироиро нигоҳ медорад. Барномаҳои мероси фарҳангии давлатӣ муттаҳидшавии ҷамъиятро дар атрофи арзишҳои муштарак таъмин менамояд. Мутобиқ кардани механизмҳои ҳуқуқӣ ба воқеияти геополитикӣ навсозии қонунгузории амнияти миллиро талаб мекунад. Татбиқи меъёрҳои қонунгузории киберӣ истиқлолияти рақамиро аз дахолати беруна муҳофизат мекунад. Танзими равандҳои муҳоҷират мушкилоти демографӣ ва ниёзҳои меҳнатии иқтисодиётро ба назар мегирад. Ҳамоҳангсозии қонунгузории миллӣ бо ҳуқуқи байналмилалӣ бо афзалияти бечунучарои манфиатҳои давлатӣ ба даст оварда мешавад.

Ҳамин тариқ, равандҳои геополитикӣ ҳамчун омили асосии дигаргуншавии давлатҳои миллӣ баромад намуда, дар он низоъҳои ҳудудӣ ва иттифоқҳои стратегӣ мустақиман бо тағйири марзҳои соҳибихтиёрӣ алоқамандӣ пайдо мекунанд. Тавре ки таҳлили асосҳои назариявии ин масъала нишон дод, ин равандҳо захираҳои ҳокимиятро аз нав роҳнамоӣ мекунанд ва шароити нобаробарро барои таҳкими давлатдорӣ ба вуҷуд меоранд. Дар заминаи равандҳои таърихӣ тасдиқ намудан мумкин аст, ки омилҳои сиёсати хориҷӣ сабаби тағдиди назари принсипҳои асосии созмонҳои миллӣ мешаванд. Сохторҳои ҳувият таҳти таъсири воқеиятҳои геополитикӣ аз нав танзим карда мешаванд ва мухолифати байни орзуҳои дохилӣ барои ягонагӣ ва ангезаҳои беруна барои парокандагӣ эҷод мегарданд. Таҳлили назариявӣ чунин қонуниятро ошкор кард: устувории муассисаҳои давлатӣ бо шиддати фишори беруна мутаносибан баробаранд. Ин ҳолат нақши системасози геополитикаро ҳамчун омиле, ки на танҳо нишондодҳои фазоӣ, балки инчунин нишондодҳои иҷтимоию фарҳангии мавҷудияти миллиро муайян мекунад, тасдиқ менамояд.

Устувории давлати миллӣ дар шароити нооромиҳои геополитикӣ тавассути ҳамбастагии ниҳодҳои мутобиқшаванда ва моделҳои муттаҳидкунандаи ҳувият ба даст меояд. Тавре ки аз таҳлилҳои боло мушоҳида гардид, устувории ниҳодҳои давлатӣ ба коҳиш додани

зарбаҳои беруна мусоидат мекунад, дар ҳоле ки ҳувияти қавӣ бар зидди равандҳои парокандашавӣ масунияти иҷтимоиро эҷод мекунад. Дар ин гуна шароит ҳамоҳангсозии стратегияи сиёсати хориҷӣ бо афзалиятҳои соҳибихтиёрии дохилӣ шарти асосӣ мебошад. Сохтмони самараноки давлатӣ тавозуни байни ҳифзи якпорчагии қаламрав ва дипломатияи бисёрсамтаро талаб мекунад, зеро онҳо метавонанд хатари ҷудошавиро ба ҳадди ақал расонанд.

БОБИ II. АКТОРҲОИ ХОРИҶӢ ВА ТАЪСИРИ ОНҲО БА ВАЗЪИ ГЕОПОЛИТИКИИ МИНТАҚАИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

2.1. Манфиатҳои геополитикии акторҳои хориҷӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ

Осиёи Марказӣ муддати тулонӣ аз низоми сиёсати ҷаҳонӣ дар канор монда буд. Аммо баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва пайдоиши низоми бисёрқутбаи муносибатҳои байналмилалӣ минтақа аҳаммияти стратегии сифатан нав пайдо кард. Табдил ёфтани он ба маркази бархӯрди манфиатҳои абарқудратҳои ҷаҳонӣ аз омилҳои зерин вобаста мебошад: захираҳои азими энергетикӣ, иқтидори транзитии минтақа (онро ба бозорҳои Авруосиё мепайвандад) ва мавқеи геополитикии он, ки дар чорроҳаи тамаддунҳо қарор дорад. Фаъолияти субъектҳои беруна дар минтақаи Осиёи Марказӣ тавассути форматҳои гуногуни ҳамкорӣ амалӣ мешавад. Ҳар як субъекти беруна дар минтақа афзалиятҳои стратегии худро дорад. Чин лоиҳаҳои бузурги инфрасохториро дар доираи ташаббуси «Як камарбанд - як роҳ» амалӣ мекунад, Русия ҳамгироии иқтисодиро тавассути ИИАО тақвият медиҳад ва ИМА тавассути барномаҳои амниятӣ ва демократикунонӣ ҳузури худро дар минтақа нигоҳ медорад.

Бояд гуфт, ки ташаббуси «Як камарбанд – як роҳ»-и Чин на танҳо лоиҳаҳои инфрасохторӣ, балки сохтмони долони иқтисодии ҷаҳоние мебошад, ки ба рушди инфрасохтори нақлиёт, энергетика ва иттилоот дар минтақа равона карда шудааст. Ин раванд на танҳо барои рушди иқтисодии кишварҳои минтақа, балки барои вусъат додани таъсири сиёсӣ ва фарҳангии Пекин низ муҳим аст. Аз роҳи оҳани Душанбе – Вахдат то лоиҳаҳои бузурги энергетикӣ дар Қазоқистону Ӯзбекистон, ҳузури иқтисодии Чин воқеияти бевоситаи минтақа гардидааст. Дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон олими ватанӣ М.Т. Каримова қайд менамояд, ки «Сармоягузориҳо ва қарзҳои чинӣ ба бахшҳои калидӣ ва

афзалиятноки иқтисоди Тоҷикистон: энергетика, нақлиёт ва саноат ҷалб карда шудаанд. Дар соли 2006, Эксимбонки Чин ба Тоҷикистон аввалин қарзи сармоягузории дарозмуддати худро ба маблағи 603,5 миллион доллар барои сохтмони хатҳои интиқоли барқи Ҷануб-Шимол (267,2 миллион доллар) ва Лолазор-Хатлон (55,2 миллион доллар), инчунин барои таъмири роҳи Душанбе-Хуҷанд-Чаноқ (281,1 миллион доллар) дод. Ин лоиҳаҳо нуқтаи ибтидоии густариши минбаъдаи ҳузури иқтисодии Чин дар минтақа, аз ҷумла лоиҳаҳои муштарак дар Қазоқистон ва Узбакистон гардиданд» [23, с.184].

Дар ҳоле ки Чин дар заминаи инфрасохтор амал мекунад, Русия ба таври анъанавӣ ба воситаи механизмҳои амниятӣ ва интегратсияи иқтисодӣ таъсири худро нигоҳ медорад. ИИАО воситаи асосии ин ҳамгироӣ буда, барои барқарор намудани робитаҳои тиҷоратӣ ва таъмини манотиқи иқтисодии умумӣ дар фазои пасошуравӣ равона шудааст. Ҳамчунин, ҳамкории ҳарбӣ-техникӣ, хариди маҳсулоти энергетикӣ ва ҳамкории соҳаи амнияти коллективӣ унсурҳои муҳимми фаъолияти Маскав мебошанд, ки барои кишварҳои минтақа муҳим боқӣ мемонанд. Таҳлилгари тоҷик М.Р. Мирзоев иброз медорад, ки «Амнияти дастаҷамъӣ дар формати САД воситаи муассиртарин барои муқовимат бо таҳдидҳои минтақавӣ боқӣ мемонад. Барои Тоҷикистон, ин махсусан барои ҳалли масъалаҳои зерин муҳим аст: ноустуворӣ дар Афғонистон; таҳдиди воридшавии террористон; хатари қочоқи маводи мухаддир тавассути марзи Тоҷикистону Афғонистон. Федератсияи Русия дар маблағгузорӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти САД нақши марказӣ дорад, ки таъсири онро дар минтақа тақвият медиҳад» [31, с.178-179].

Аз тарафи дигар, ИМА ба воситаи низоми амнияти байналмилалӣ ва тарғиботи арзишҳои демократӣ ба минтақа менигарад. Ташаббусҳои гуногуни амниятӣ, аз қабили барномаҳои ёрии ҳарбӣ ва таълимӣ, инчунин дастгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва рушди институтҳои демократӣ, асоси ҳузури Вашингтонро дар Осиёи Марказӣ ташкил медиҳанд. Чунин

равиш ба Вашингтон имкон медиҳад, ки на танҳо барои мубориза бар зидди терроризм ва таҳкими устувории минтақавӣ, балки барои таъмини манфиҳои стратегии хеш дар наздикии ҳудудҳои қувваҳои бузурге чун Чин ва Русия саҳм гузорад.

Олимони тоҷик ба ин масъала баҳои воқеӣ додаанд. Аз ҷумла, С.К. Олимова ва М.А. Олимов дар асари худ қайд намудаанд, ки «Барномаҳои кумаки низомии ИМА ба кишварҳои Осиёи Марказӣ дар якчанд самтҳо амалӣ карда мешаванд: омӯзонидани афсарон ва нерӯҳои махсус; таъмини таҷҳизоти ҳарбӣ; кӯмак дар ислоҳоти нерӯҳои амниятӣ. Дар айни замон, Вашингтон барои рушди ниҳодҳои демократӣ лоиҳаҳои гуногунро маблағгузорӣ мекунад ва онҳоро унсури муҳимми суботи дарозмуддати минтақа мешуморад. Барои Тоҷикистон чунин равиш барои гуногунранг кардани муносибатҳои сиёсати хориҷии он имкониятҳои иловагӣ фароҳам меорад» [40, с.348-349]. Аммо ба андешаи Ш.Н. Нуриддинов, «Стратегияи ИМА дар Осиёи Марказӣ аз соли 2001 инҷониб тағйироти назаррасро аз сар гузаронидааст. Дар ҳоле ки таваҷҷӯҳи аввал ба мубориза бо терроризм ва дастгирии амалиётҳо дар Афғонистон равона шуда буд, дар солҳои охир тамаркуз ба маҳдуд кардани нуфузи Чин ва маҳдуд кардани таъсири Русия тағйир ёфтааст. Барномаҳои таълимӣ ва дастгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ ба абзорҳои муҳимми «неруи нарми» Вашингтон дар минтақа табдил ёфтаанд» [39, с.188].

Фаъолияти субъектҳои номбаргардида минтақаро ба майдони муносибати таъсирҳои гуногун табдил додааст. Кишварҳои Осиёи Марказӣ ба сиёсати мутавозин рӯй оварда, кӯшиш мекунанд, ки аз ҳамкории ҳамаи қувваҳои берунӣ ба таври самаранок барояи рушди миллии худ истифода баранд. Онҳо ҳамзамон аз манбаъҳои гуногуни сармоягузорӣ ва технологӣ фоида мебаранд ва дар заминаи таъсири сиёсии гуногун кӯшиш мекунанд, ки мустақилияти хориҷии худро нигоҳ доранд. Ин вазъ ба онҳо имкон медиҳад, ки дар бозори байналмилалӣ

ҳолати хешро беҳтар кунанд. Ҳамин тариқ, манзараи ҳузури беруна дар Осиёи Марказӣ хеле мураккаб аст, зеро ҳар як субъекти хориҷӣ воситаҳои хоси худро ба кор мебарад: Чин дар роҳи иқтисод ва инфрасохтор, Русия дар заминаи амният ва интегратсияи минтақавӣ, ИМА дар самти амнияти коллективӣ ва арзишҳои демократӣ фаъолият доранд. Чунин рақобат ва ҳамкорӣ ҳамзамон барои кишварҳои минтақа чун фурсатҳои нави рушд, ҳамчунон мушкилоти иловагӣ дар роҳи муайян кардани сиёсати дуҷониба ба шумор мераванд.

Ғайр аз ин, дар минтақаи Осиёи Марказӣ Иттиҳоди Аврупо стандартҳои рушди устуворро таблиғ мекунад, дар ҳоле ки Туркия робитаҳои фарҳангӣ ва таърихии худро фаъол намуда, таъсири худро бештар кардан мехоҳад. Таҳлилгарони кишварҳои пасошуравӣ иброз медоранд, ки «Сиёсати пантуркистии Туркия дар Осиёи Марказӣ як низоми бисёрқабатаеро бунёд мекунад, ки унсурҳои идеологӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва дигарро дар бар мегирад. Неруи нарми Туркия дар сиёсати хориҷии ин кишвар тадриҷан ба як модели мураккаб ва ҳамаҷонибаи таъсиррасонӣ табдил меёбад, ки соҳаҳои сершумори муҳимми рушди иҷтимоӣ ва давлатиро дар кишварҳои минтақа фаро мегирад. Хусусияти фарқкунандаи ин стратегия хусусияти тадриҷӣ ва институтсионалии он аст» [138]. Аз лиҳози ҳарбӣ бошад таъсири Туркияро дар Осиёи Марказӣ ба таври зерин шарҳ медиҳанд: «Туркия тавассути таълими низомӣ клуби ҷонибдорони худро дар дохили нерӯҳои амниятии Осиёи Марказӣ таъсис медиҳад. Агар ин раванд идома ёбад, пас аз 10-15 сол Анқара метавонад дар минтақа элитаҳои низомии тарафдори Туркияро ташкил диҳад ва тавозуни қудратро ба фоидаи худ тағйир диҳад. Ин, дар навбати худ, ба САД таъсир хоҳад гузошт, зеро афсарони Осиёи Марказӣ стандартҳои низомии НАТО-ро аз ҷиҳати таҷҳизот, вокуниш ба ҳолатҳои фавқулодда ва бисёр чизҳои дигар қабул хоҳанд кард» [135]. Президенти Туркия Раҷаб Тайип Эрдуғон доимо ба масъалаи муттаҳид кардани кишварҳои Осиёи Марказӣ аз лиҳози фарҳангӣ даъватҳо менамояд. Масалан, «соли

2024 Раҷаб Тайиб Эрдуғон, президенти Туркия, хостори гузариш ба алифбои туркӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ шуда буд, ки айни замон аз алифбои кириллӣ ё лотинӣ истифода мебаранд. Дар нишасти Созмони Кишварҳои Туркӣ дар Бишкек, Эрдуғон қайд карда буд, ки Туркия, Озарбойҷон ва Кипри Шимолӣ, ки аз ҷониби туркҳо идора мешаванд, барои гузаштан ба алифбои муштараки туркӣ омодаанд. Президенти Туркия ёдовар шуд, ки алифбои пантуркии 34-ҳарфӣ дар моҳи сентябри соли ҷорӣ қабул шудааст ва онро як қадами таърихӣ номид» [147].

Кӯшишҳои Анқара барои таҳриф кардани таърих, ки аз ҷониби Вазорати маорифи Туркия тағйир додани номи минтақа ба таври возеҳ нишон дода шудааст, метавонанд барои Тоҷикистон низ оқибатҳои ҷиддӣ дошта бошанд. Чунин таҳрифи далелҳо метавонад дастовардҳои таърихии мардуми тоҷик ва дигар форсизабонро "дуздида" ва саҳми мардуми тоҷикро дар фарҳанг ва илми ҷаҳонӣ беэътибор созад. Аммо оқибатҳои чунин тахминҳо барои худшиносии аҳолии тоҷик махсусан назаррасанд. Хориҷ кардани тоҷикон аз мардуми муқими Осиёи Марказӣ (ки гӯё туркҳое ҳастанд, ки забони худро аз даст додаанд ё муҳоҷирон аз Эрон ва Афғонистони имрӯза) метавонад боиси муташанниҷ гардидани робитаҳои байнидавлатӣ гардад [146].

Чунин гуногунии таъсиррасонӣ хусусияти мураккаби иштироки актorҳои берунаро нишон медиҳад. Зеро дар муносибат ба минтақаи мазкур кишварҳои номбаргардида фишангҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва идеологии таъсиррасониро ба таври васеъ истифода мекунанд. Ҳамзамон, стратегияҳои хориҷӣ ҳам рақобат ва ҳам ҳамкории муваққатиро дар худ инъикос мекунанд ва маҳз онҳо манзараи мураккаби муносибатҳои минтақавиро эҷод менамоянд. Шарикии Русия ва Чин дар заминаи Созмони Ҳамкориҳои Шанхай (минбаъд СҲШ) ба амал бароварда мешавад, аммо онҳо барои назорати долонҳои нақлиётии Осиёи Марказӣ ба таври пинҳонӣ рақобат менамоянд. Аммо, Комрон Ҳидоятзода, сиёсатшиноси тоҷик ва муовини сардори раёсати

омӯзиши масъалаҳои амнияти минтақавии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 изҳор дошта буд, ки «рақобати байни Русия ва Чин дар Осиёи Марказӣ дар дурнамои миёнамӯҳлат эҳтимол надорад. Зеро на Русия ва на Чин аз ноором кардани вазъи низомӣ-сиёсӣ дар минтақа фоида намебаранд, зеро он метавонад ба майдони ҷанги ваколатӣ табдил ёбад. Самтҳои ҳамкории Чин ва Русия дар соҳаи тиҷорат, иқтисодӣ ва сармоягузорӣ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ афзалият хоҳанд дошт» [128].

Ташаббусҳои кишварҳои ғарбӣ бо раванди демократикунонии Осиёи Марказӣ ва ҳифзу ҳимояи арзишҳои либералию демократӣ алоқаманд мебошад. Чунин манзараи мураккаби минтақа хусусияти тағйирпазирии равандҳои геополитикии Осиёи Марказиро ифода менамояд. Дар чунин шароит кишварҳои минтақа маҷбуранд, ки бо сиёсати пешгирифтаи беруна эҳтиёткор бошанд, то ки мувозинати байни манфиатҳои иқтисодӣ ва хатарҳои сиёсиро таъмин карда тавонанд. Талошҳои Чин дар самти таъмини амнияти иқтисодӣ, майлу хоҳиши Русия барои нигоҳ доштани таъсири бартаридошта ва кӯшишҳои Ғарб барои гуногунранг кардани робитаҳои минтақавӣ боиси бархӯрди манфиатҳои онҳо мегардад. Чунин вазъ ба соҳибихтиёрии давлатҳои минтақа то андозае таъсиргузорӣ менамояд ва онҳоро маҷбур мекунад, ки ба равандҳои мураккаби бисёрҷониба ворид шаванд. Чунин тамоюлот роҳҳои ҳалли мутавозинро тақозо менамояд, то ки рушди устувори минтақаро бидуни афзоиши рақобати геополитикӣ таъмин карда тавонад.

Бояд гуфт, ки шиддат гирифтани низоъҳо, аз нав танзим кардани занҷирҳои нақлиётӣ ва логистикӣ пас аз фишори таҳримҳои зидди Русия ва шиддат гирифтани рақобат байни Чин ва Русия барои ба даст овардани бартарӣ дар Осиёи Марказӣ тамоюлоти дар боло номбаргардидаро боз ҳам шиддатнок мегардонанд. Густариши сармоягузории Чин дар баробари кӯшишҳои Русия барои тақвият

додани ҳамгироии Авруосиё тавассути ИИАО мушкилоти наверо барои суботи минтақавӣ эҷод мекунад. Чунин шакл гирифтани вазъият тақозои онро дорад, ки хатарҳои эҳтимолӣ ва имкониятҳои мавҷудаи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шароити тағйирёбии муносибатҳои байналмилалӣ аз сари нав арзёбӣ карда шаванд.

Равобити таърихии Русия бо Осиёи Марказӣ аз асри XIX оғоз мегардад, аниқтараш аз замоне ки минтақа ба ҳайати Империяи Русия шомил шуда буд. Давраи Шуравӣ чунин равандҳои ҳамгироиро тавассути фазои ягонаи иқтисодӣ ва инфрасохтори мудофиавӣ мустаҳкам кард. Робитаҳои мазкур барои ташаккулёбии шаклҳои муосири ҳамкорӣ заминаи институтсионалиро фароҳам оварданд. Дар ин маврид олимони рус иброз медоранд, ки «Барои Русия Осиёи Марказӣ минтақаи манфиатҳои таърихан муайяншуда, шарики муҳим барои ҳамкории имтиёзнок дар соҳаҳои ҳарбӣ-сиёсӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ-гуманитарӣ мебошад» [120, с.227]. Чунин мавқеъгирӣ идомаи сиёсати Русияро муайян мекунад ва воситаҳои анъанавии таъсиррасонии ин кишварро бо лоиҳаҳои нави ҳамгироӣ муттаҳид месозад.

Афзалиятҳои геополитикии Русия дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба нигоҳ доштани ҳузури низомӣ тавассути СААД нигаронида шудаанд. Намояндагони баландпояи Федератсияи Русия борҳо иброз доштаанд, ки пойгоҳҳои низомии ин кишвар дар Тоҷикистон ва Қирғизистон назорати марзҳои ҷанубии фазои пасошуравиро таъмин мекунанд. Машқҳои муштарак ва интиқоли силоҳ иқтидори дифоии кишварҳои муттаҳидро тақвият медиҳанд. Сиёсати энергетикӣ ба нигоҳ доштани назорат бар долонҳои нақлиётӣ, аз ҷумла системаи лӯлаи гази Осиёи Марказӣ - Русия нигаронида шудааст. Русия кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки мақоми худро ҳамчун кишвари интиқолдиҳандаи карбогидрид нигоҳ дорад ва роҳҳои алтернативии аз қаламрави он убуркунандаро пешгирӣ кунад.

Ҳамкориҳои иқтисодии Русия дар минтақа тавассути механизмҳои ИИАО тақвият меёбанд. Русия кӯшиш менамояд, ки тавассути механизмҳои мазкур ба кишварҳои Осиёи Марказӣ режимҳои имтиёзноки тиҷоратӣ пешниҳод кунад. Русия сармоягузории худро ба бахши энергетика ва инфрасохтори нақлиётӣ низ равона менамояд, то ки ҳамбастагии иқтисодиёти кишварҳои минтақаро тақвият диҳад. Дар сарчашмаҳои илмӣ қайд мегардад, ки «Ташаббусҳои иқтисодии Русия дар доираи ИИАО ҳамчун василаи маҳдуд кардани таъсири афзояндаи Чин ва кишварҳои Ғарб ба шумор мераванд» [76, с.79]. Таъсиси минтақаҳои озоди тиҷоратӣ ва ҳамоҳангсозии тарифаҳои гумрукӣ барои нигоҳ доштани мавқеи бартаридоштаи сармояи Русия дар минтақа равона карда шудаанд.

Дар баробари талошҳои геополитикии Русия дар минтақаи Осиёи Марказӣ Чин низ ҳузури худро торафт тақвият медиҳад. Ташаббуси «Як камарбанд - як роҳ» воситае мебошад, ки барои густариши ҳузури иқтисодии Чин дар Осиёи Марказӣ хизмат менамояд. Дар доираи ин ташаббус таваҷҷуҳи асосӣ ба эҷоди долонҳои нақлиётӣ равона шудааст, ки он минтақаро бо вилоятҳои Чин ва бозорҳои ҷаҳонӣ мепайвандад. Сохтмони роҳҳои оҳан, шоҳроҳҳо ва марказҳои логистикӣ ба ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказӣ ба занҷирҳои таъминоти ҷаҳонӣ мусоидат мекунад. Чунин лоиҳаҳои инфрасохторӣ хароҷоти муомилотиро коҳиш медиҳанд ва ҳаҷми тиҷоратро дар байни кишварҳои иштирокчӣ бештар мекунанд. Унсури энергетикии ташаббуси «Як камарбанд – як роҳ» барои содир намудани карбогидридҳои Осиёи Марказӣ ба Чин равона шудааст. Татбиқи лоиҳаҳои лӯлакашӣ, ба монанди лӯлаи гази Осиёи Марказӣ-Чин, вобастагии байни ҷонибҳоро тақвият медиҳад. Сармоягузорӣ дар саноати истихроҷ ва иқтидорҳои коркарди маъдан ба Чин имкон медиҳад, ки манбаъҳои энергетикии худро гуногун созад. Ҳамзамон, кишварҳои Осиёи Марказӣ барои содир намудани маҳсулоти худ ба технологияҳо ва бозорҳои нав дастрасӣ пайдо мекунанд. Рушди

инфрасохтори лозима дар доираи ташаббуси «Як камарбанд – як роҳ» ба тағйирёбии иқтисодиёти Осиёи Марказӣ мусоидат мекунад, аммо хатари вобастагии иқтисодиро ба вуҷуд меорад. Қарзҳои Чин аксар вақт бо шартҳои махсус, масалан бо шарти истифодаи пудратчиён ва таҷҳизоти чинӣ пешниҳод мегарданд. Чунин ҳолат барои маҳаллисозии занҷирҳои истеҳсолӣ ва интиқоли технология имкониятҳои иқтисодиро каме маҳдуд мекунад. Бо вуҷуди ин, беҳтар шудани пайвастагии нақлиётӣ дастрасӣ ба бандарҳои баҳрӣ ва роҳҳои нави тиҷоратии минтақаро имконпазир мегардонад.

Дар Осиёи Марказӣ ниҳодҳои молиявии таъсисдодаи Чин дар татбиқи лоиҳаҳои «Як камарбанд – як роҳ» нақши назаррас мебозанд. Бонки сармоягузории инфрасохтории Осиё ва Фонди Роҳи абрешим барои сохтмони инфрасохтори минтақа имтиёзҳои молиявӣ пешниҳод менамояд. Шартҳои маблағгузорӣ аксар вақт иштироки имтиёзноки ширкатҳои чиниро дар лоиҳаҳо пешбинӣ мекунанд. Чунин мавқеъгирии Чин то андозае вобастагии технологӣ ва молиявии минтақаро ба вуҷуд меоварад. Сиёсати қарздиҳии Чин хатари афзоиши бори қарзро барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ба вуҷуд меорад. Баъзе лоиҳаҳо дар шакли даромади оянда аз истифодаи инфрасохтор ё захираҳои табиӣ гарав талаб мекунанд. Ин метавонад соҳибихтиёрии кишварҳои қабулкунандаро дар дарозмуддат маҳдуд кунад. Бо вуҷуди ин, дастрасӣ ба сармоягузории Чин барои рушди инфрасохтори муҳим ҷолиб боқӣ мемонад.

Ҳамкориҳои иқтисодӣ дар доираи ташаббуси «Як камарбанд – як роҳ» дар минтақаҳои наздисарҳадии Чин бо масъалаҳои амниятӣ низ зич алоқаманд аст. Рушди инфрасохтор дар Осиёи Марказӣ тавассути эҷоди ҷойҳои корӣ ба устувории минтақаи мухтори Синтзян-Уйғур низ мусоидат мекунад. Ба андешаи Р. Алимов, «Чин ва кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳадафҳо ва нигаронихои муштараки зиёде дар самти рушд доранд, бахусус дар масъалаҳои таъмини амният ва суботи минтақа» [3,

с.156]. Дар ин ҷо, Р. Алимов ба ҳамбастагии манфиатҳои Чин ва кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соҳаи амният ишора мекунад, ки метавонад чораҳоеро барои ба эътидол овардани вазъ дар минтақаҳои марзӣ, аз ҷумла ноҳияи мухтори Синтзян-Уйғур, дар бар гирад. Чин ба пешгирии руҳияи ҷудоихоҳӣ ва муқовимат кардан бо паҳншавии экстремизм манфиатдор аст. Аз ин рӯ, лоиҳаҳои сармоягузорӣ аксар вақт ҷузъҳоеро дар бар мегиранд, ки ба тақвияти назорат бар гурӯҳҳои этникӣ ва таъмини суботи минтақавӣ нигаронида шудаанд.

Афзалиятҳои стратегии ИМА ва Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ дастгирии системавии ниҳодҳои демократӣ ва ислоҳоти ҳуқуқиро дар бар мегиранд. Чунин ташаббусҳо, ба монанди платформаи С5+1 ва барномаҳои рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ барои тақвияти плюрализми сиёсӣ ва идоракунии демократӣ равона шудаанд. Иттиҳоди Аврупо ба татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи башар тавассути кумаки техникӣ ва муколамаи сиёсӣ талош меварзад. Чунин талошҳо ҳадафи дарозмуддати таҳияи моделҳои устувори демократӣ дар минтақаро инъикос мекунанд. Кӯшиши давлатҳои ғарбӣ барои таблиғи арзишҳои либералӣ баъзан вақт якҷониба сурат мегиранд ва аз ин рӯ, чунин ташаббусҳоро дар баъзе мавридҳо ҳамчун таҳдид ба соҳибихтиёрӣ мешуморанд.

Таҳлилгарони соҳа қайд мекунанд, ки «интиқоли механикии қолибҳои сиёсии Ғарб хусусиятҳои иҷтимоию фарҳангии ҷомеаҳои маҳаллиро нодида мегирад. Дар посух, ИМА ва Иттиҳоди Аврупо тадриҷан таваҷҷуҳи худро аз фишори мустақим ба усулҳои ғайримустақими таъсиррасонӣ тавассути барномаҳои таълимӣ ва дастгирии расонаҳои мустақил иваз мекунад» [106, с.143]. Чунин равиш барои кам кардани дарки дахолат ба корҳои дохилии давлатҳои минтақа пешбинӣ шудааст. Рушди мубодилаи академӣ ва дипломатияи фарҳангӣ ҳамчун василаҳои неруи нарм ҷузъи муҳимми стратегияи Ғарб боқӣ мемонад. Рушди мубодилаи академӣ ва дипломатияи фарҳангӣ ҳамчун

василаҳои неруи нарм ҷузъи калидии стратегияи Ғарб боқӣ мемонанд. Як қатор барномаҳои байналмилалӣ, ба монанди «Фулбрайт» ва «Эразмус Мундус» ҳаракати касбию тахассусиро дар байни ҷавонон ҳавасманд мекунанд ва самти ғарбгароии элитаҳои ояндаро ташаккул медиҳанд. Дар мақолаи сиёсатшиноси тоҷик Шералӣ Ризоён таъсири таҳсил дар хориҷа ба рушди нерӯи инсонӣ ва элитаи сиёсии кишвар таҳлил шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки «ҷавононе, ки дар хориҷа таҳсил кардаанд, пас аз бозгашт ба ватан ба рушди нерӯи инсонӣ, фарҳанги сиёсӣ ва дар оянда элитаи сиёсӣ таъсир мерасонанд. Таҷрибаи таҳсил дар хориҷа афзалиятҳо ва моделҳои муайянеро барои густариши муносибатҳои хориҷӣ дар чунин афрод ташаккул медиҳад» [98, с.158]. Дар баробари ҳамаи ин кишварҳои ғарбӣ маблағгузории журналистикаи мустақил ва созмонҳои ғайриҳукуматии ҳуқуқи башарро ҳамчун воситаи ба вуҷуд овардани тафаккури интиқодии ҷомеа тақвият медиҳанд.

Амнияти энергетикӣ дар маркази рӯзномаи иқтисодии кишварҳои Ғарб қарор дорад. Онҳо мехоҳанд роҳҳои интиқоли карбогидриди Осиёи Марказиро тағйир диҳанд. Чунин лоиҳаҳо, ба монанди лӯлаи гази каспий ва навсозии инфрасохтори нафти Қазоқистон барои коҳиш додани вобастагии Аврупо аз таъминоти энергетикии Русия тарҳрезӣ шудаанд. Сармоягузорӣ дар энергияи барқароршаванда, бахусус дар иқтидори гидроэнергетикии Тоҷикистон ва Қирғизистон, бо ҳадафҳои гузариш ба иқтисоди сабзи Иттиҳоди Аврупо мувофиқанд. Чунин ташаббусҳо тавозуни манфиатҳои тиҷоратӣ ва ҳадафҳои геополитикии суст кардани монополияи акторҳои минтақавиро таъмин мекунанд. Аммо бояд эътироф кард, ки муқовимат бо таҳдидҳои фаромиллӣ унсури муҳимтарини низоми ҳамкориҳои амниятии Ғарб бо кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад. Амалиёти муштарак барои пешгирии қочоқи маводи мухаддир аз Афғонистон ва барномаҳои омӯзишӣ барои воҳидҳои зиддитеррористӣ иқтидори амалиётии кишварҳои Осиёи Марказиро тақвият медиҳанд. Шарикӣ дар доираи ташаббусҳои Созмони амният ва

ҳамкорӣ дар Аврупо оид ба амнияти киберӣ ва ҳифзи марзҳо форматҳои ҳамкории бисёрҷонибаро мукаммал мекунад. Чунин ҳамкорӣ ба кишварҳои Ғарб имкон медиҳад, ки суботи минтақавиро тақвият диҳанд ва ҳамзамон таъсири актӯрҳои дигари берунаро маҳдуд кунанд.

Бо назардошти масъалаҳои дар боло номбаргардида манфиатҳои геополитикии абарқудратҳо дар Осиёи Марказӣ таҳлили муфассалтареро талаб менамояд. Дар навбати аввал манфиатҳои иқтисодии Русияро таҳлилу баррасӣ намудан мувофиқи мақсад аст. Зеро Русия бо кишварҳои Осиёи Марказӣ робитаҳои қавии таърихӣ дорад. ИИАО воситаи муҳимми стратегияи ҳамгироии Русия дар Осиёи Марказӣ мебошад. Бо муттаҳид кардани тарифҳои гумрукӣ ва қоидаҳои техникӣ, Русия кӯшиш менамояд, ки бо кишварҳои минтақа фазои ягонаи иқтисодиро эҷод кунад. Ин равиш ба афзоиши гардиши тиҷорат ва рушди занҷирҳои устувори истеҳсолӣ мусоидат мекунад. Ташаккули институтсионалии ИИАО ба Русия имкон медиҳад, ки робитаҳои тиҷоратию иқтисодии хешро дар фазои пасошуравӣ мустаҳкам кунад. Ҳамоҳангсозии стандартҳои танзимкунанда дар дохили ИИАО дастрасии молу хидматҳои Русияро ба бозорҳои Осиёи Марказӣ осон мекунад. Сиёсати ҳамоҳангшудаи гумрукӣ монеаҳои маъмуриро ба ҳадди ақал мерасонад ва вобастагии иқтисодиро тақвият медиҳад. Аммо, дар натиҷаи чунин ҳамгироӣ қонунгузории миллӣ ба талаботи умумӣ мутобиқ карда мешавад, ки соҳибихтиёрии шариконро дар пешбурди сиёсати мустақили тиҷоратӣ каме маҳдуд мекунад. Ин раванд барои ба вуҷуд овардани таъсири дарозмуддати Русия заминаҳои институтсионалиро фароҳам меорад. Зеро, вобастагии иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ аз Русия тавассути механизмҳои кумаки молиявӣ ва техникӣ дар доираи ИИАО нигоҳ дошта мешавад. Пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ва сармоягузорӣ дар инфрасохтори муҳим нобаробарии чунин муносибатро тақвият медиҳад. Назорати долонҳои нақлиётӣ ва масирҳои энергетикӣ чунин системаи вобастагиро

мукаммалтар мекунад. Ҳамин тариқ, дар заминаи ташаббусҳои интегратсионии Русия манфиатҳои иқтисодии ин кишвар бо ҳадафҳои геополитикии он алоқамандӣ пайдо мекунанд.

Ширкатҳои энергетикии Русия дар маҷмааҳои энергетикии Осиёи Марказӣ нақши муҳим доранд. Назорати лӯлаҳои транзитӣ, ба монанди системаи лӯлаҳои гази Осиёи Миёна - Марказ, ба Русия имкон медиҳад, ки равандҳои содиротии минтақаро назорат кунад. Дар ин шароит шартномаҳои дарозмуддат барои харид ва интиқоли карбогидридҳо вобастагии устуворро ба вуҷуд меоранд. Сармоягузорӣ ба модернизатсияи инфрасохтори энергетикӣ мутобиқати технологии кишварҳои Осиёи Марказӣ бо стандартҳои Русияро тақвият медиҳад. Аҳамияти стратегии лоиҳаҳои энергетикӣ дар истифодаи онҳо барои назорати геополитикӣ баръало ба мушоҳида мерасад. Аз ин рӯ, иштироки ширкатҳои русӣ дар рушди конҳо ва шабакаҳои тақсимотӣ имкониятҳои гуногунранг кардани шарикиро каме маҳдуд мекунад.

Фаъолияти сармоягузории Русия дар Осиёи Марказӣ бо бартарии сармояи давлатӣ ва маблағгузории мақсадноки бахшҳои стратегӣ тавсиф мешавад. Қарзҳо тавассути Бонки рушди Авруосиё ва дигар муассисаҳо асосан ба бахшҳои энергетика, нақлиёт ва кишоварзӣ равона карда мешаванд. Дар таҳқиқоти олимони тоҷик қайд мегардад, ки «Фаъолияти сармоягузории Русия дар Тоҷикистон бо бартарии сармояи давлатӣ, бахусус дар бахшҳои стратегӣ, тавсиф мешавад. Сармоягузориҳои асосӣ ба бахши энергетика (сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ, навсозии шабакаҳои барқӣ), инфрасохтори нақлиёт (роҳҳо, марказҳои логистикӣ) ва комплекси агросаноатӣ (системаҳои обёрӣ, корхонаҳои коркард) равона карда шудаанд. Воситаҳои асосӣ созишномаҳои байниҳукуматӣ ва маблағгузорӣ тавассути муассисаҳои рушд, ба монанди Бонки рушди Авруосиё мебошанд» [14, с.45-46]. Таъсиси корхонаҳои муштарак бо ширкатҳои миллӣ ба Русия имкон медиҳад, ки қисме аз захираҳои табиии Осиёи Марказиро назорат намояд. Чунин сармоягузориҳо на танҳо ба

манфиатҳои иқтисодии Русия, балки ба воситаи нигоҳ доштани таъсири сиёсӣ дар муддати тӯлонӣ низ хизмат мекунанд. «Корхонаҳои муштарак бо сармояи Русия дар соҳаҳои истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданоки Осиёи Марказӣ ба як канали муҳимми нуфузи иқтисодӣ ва сиёсии Русия табдил ёфтаанд. Тавассути онҳо Маскав ба захираҳои табиии минтақа, аз қабили тилло, нуқра, уран ва иқтидори нерӯгоҳҳои барқи обӣ дастрасӣ пайдо мекунад. Ин вобастагии пойдори кишварҳои Осиёи Марказӣ аз сармоягузорӣ, технология ва бозорҳои Русияро ба вуҷуд меорад, ки ин, дар навбати худ, ҳамчун асоси шарикии дарозмуддати сиёсӣ бо шартҳои мусоид барои Русия хизмат мекунад» [23, с.108-109].

Дар баробари Русия инчунин Чин низ дар Осиёи Марказӣ манфиатҳои иқтисодии худро дорад. Тиҷорати байни Чин ва кишварҳои Осиёи Марказӣ бо рушди устувор ифода карда мешавад ва инъикосгари пайдоиши Чин ҳамчун шарики иқтисодӣ барои минтақа мебошад. Аммо чунин низоми тиҷорат сохтори нобаробар дорад: содирот аз минтақа асосан ашёи хом аст, дар ҳоле ки аз Чин молҳои саноатӣ ва таҷҳизот ворид карда мешавад. Чунин сохтор вобастагии иқтисодиёти Осиёи Марказиро аз талабот ва таъминоти маҳсулоти тайёри чинӣ ба вуҷуд меорад ва ҳамзамон ба диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ таъсир мерасонад. Дар натиҷа, муносибатҳои тиҷоратӣ асоси ҳамбастагии иқтисодӣ мегарданд ва арзиши иловагӣ берун аз минтақа мутамарказ мешавад. Дигаргуншавии тиҷорат на танҳо аз рӯйи ҳаҷм, балки аз рӯи инфрасохтори нақлиётӣ ва сиёсати тарифӣ, ки ба рақобатпазирии истеҳсолкунандагони минтақавӣ таъсир мерасонанд, муайян карда мешавад. Барои кишварҳои Осиёи Марказӣ, тиҷорат бо Чин даромади назарраси асъори хориҷиро таъмин мекунад ва ҳамзамон рушди коркарди маҳаллӣ ва истеҳсолоти технологияҳои инноватсиониро маҳдуд мекунад. Дар маҷмуъ, муносибатҳои тиҷоратӣ асоси нуфузи иқтисодии Чинро ташкил медиҳанд ва ба қарорҳои иқтисодӣ ва

афзалиятҳои стратегии давлатҳои минтақа то андозае таъсир мерасонанд.

Ҳамаи лоиҳаҳо дар доираи ин ташаббус ба эҷоди робитаҳои роҳи оҳан, роҳи нақлиётӣ ва энергетикӣ нигаронида шудаанд, ки ҳамгироии минтақаро ба занҷирҳои таъминоти Авруосиё тақвият медиҳанд. Ғайр аз ин, бонкҳо ва ширкатҳои сохтмонии давлатии Чин дар татбиқи ин лоиҳаҳо нақши муҳим мебозанд ва ҳам маблағгузорӣ ва ҳам иҷрои шартномаҳоро таъмин мекунанд. Чунин омезиши манбаъҳои маблағгузорӣ ва пудратчиён таъсири Чинро дар раванди банақшагирӣ ва афзалиятҳои рушди инфрасохтори минтақа тақвият медиҳад. Механизмҳои қарзӣ ва нақшаҳои сармоягузории Чин маблағгузории дарозмуддатро барои лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ таъмин мекунанд ва идоракунии шартномаҳо аз ҷониби пудратчиёни чиниро дар бар мегиранд. Шартҳои маблағгузорӣ ва робитаи ташкилии лоиҳаҳо бо муассисаҳои чинӣ робитаи наздик байни сармоягузорӣ ва сохтани иншоотро ба вуҷуд меоранд. Чунин муносибат боиси он мегардад, ки инфрасохтор барои дастгирии транзит ва ҳамгироӣ бо масирҳои логистикии Чин фаъолият кунад. Дар баробари шабакаи нақлиёт, инфрасохтори саноатии мувофиқ, аз ҷумла паркҳои саноатӣ ва марказҳои логистикие, ки ба коркард ва хидматрасонии ҷараёнҳои транзитӣ нигаронида шудаанд, низ таҳия шуда истодааст. Иштироки ширкатҳои сохтмонии чинӣ дар сохтмони чунин иншоот ҳамгироии технологӣ ва ташкилии истеҳсоли маҳаллиро ба занҷирҳои иқтисодии Чин таъмин мекунад. Дар ҳоле ки татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ метавонад ба рушди иқтисодӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ мусоидат кунад.

Модели иқтисодии Чин барои дастрасии бештар пайдо намудан ба захираҳои табиии Осиёи Марказӣ ба сармоягузории мустақим дар бахши истихроҷ ва механизмҳои маҳдуд кардани таъминот тавассути шартномаҳои дарозмуддат ва созишномаҳои консессионӣ такя мекунад. Чунин созишномаҳо шартҳои истеҳсолот, ҳаҷми таъминот ва

нишондодҳои тиҷоратиро муайян мекунанд ва пешгӯишаванда будани таъминоти саноатии Чинро фароҳам меоранд. Модели сармоягузории Чин бошад ҷараёни интиқоли мол ба Чинро бештар менамояд ва ҳамзамон қобилияти минтақаро барои афзоиши коркард ва ба даст овардани саҳми бештари арзиши иловашуда маҳдудтар мекунад. Таъмини дастрасӣ ба захираҳои иқтисодӣ омили муҳимми рушди устувор ба шумор меравад, зеро оқибатҳои сиёсӣ ва стратегӣ дорад ва дар таҳлили минбаъдаи амниятӣ ба назар гирифтани он хеле муҳим аст.

Чи гунае ки дар боло низ ишора гардид, кишварҳои Ғарб арзишҳои сиёсӣ ва модернизатсияи институтсионалиро тавассути барномаҳо ва лоиҳаҳои ҳамаҷониба таблиғ мекунанд. Ин гуна василаҳои таъсиррасонӣ кумаки молиявӣ, барномаҳои бунёди институтҳо ва дастгирии ҷомеаи шаҳрвандиро дар бар мегиранд. Ҳамин гуна тадбирҳо барои тақвияти салоҳияти идоракунӣ, афзоиши демократикунонӣ ва муқаррар кардани стандартҳои танзимкунанда равона карда шудаанд. Таъсири сиёсии дохилии чунин ташаббусҳо тавассути афзоиши нақши субъектҳои ғайриҳукуматӣ ва касбияти муассисаҳои давлатӣ зоҳир мешавад. Татбиқи ислоҳот аксар вақт бо эҳтиёткорӣ ва каме пароканда сурат мегирад, зеро зарурати мутобиқ кардани арзишҳои нав ба шароити миллӣ вуҷуд дорад. Баъзан барномаҳо ҳамчун дахолати беруна қабул карда мешаванд, ки самаранокии дарозмуддати онҳоро маҳдуд мекунад.

Ташаббусҳои сиёсӣ-дипломатӣ ва чораҳои амниятӣ ҳамчун василаҳои маҳдуд кардани таъсири аз ҳад зиёди кишварҳои хориҷӣ хизмат мекунанд. Ин гуна фаъолият форматҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро дар бар гирифта, ба таҳкими ниҳодҳои давлатӣ ва эҷоди механизмҳои амнияти дастаҷамъӣ нигаронида шудаанд. Чунин дастгирӣ барои нигоҳ доштани имконият ҷиҳати интихоб кардани сиёсати хориҷӣ барои давлатҳои минтақавӣ ва пешгирӣ аз гегемонияи яктарафа нигаронида шудааст.

Воситаҳои таъсиррасонии сиёсӣ-иқтисодии давлатҳои Ғарб таҳримҳо, шарту шароитҳои расонидани кӯмак ва иштирок дар ташаббусҳои бисёрҷонибаро дар бар мегиранд. Таҳримҳо ва шартҳо барои ташаккули ангезаҳои рафторӣ ва нишон додани мавқеи сиёсӣ истифода мешаванд. Самаранокии амалии ин воситаҳо бо шарофати мавҷудияти шарикони алтернативии иқтисодӣ ва сиёсӣ барои кишварҳои минтақа маҳдуд аст. Маҳз чунин имкониятҳои геополитикӣ аксар вақт таъсири ангезаҳои Ғарбро коҳиш медиҳанд.

Гуфтан зарур аст, ки ҳамаи кишварҳои абарқудрат дар минтақаи Осиёи Марказӣ манфиатҳои амниятӣ низ доранд. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки бо кишварҳои минтақа дар самти таъмини амнияти худ ҳамкориҳои гуногун амалӣ созанд. Русия амнияти ҳарбии кишварҳои Осиёи Марказиро тавассути низоми созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба кафолат медиҳад. Асоси ин ҳамкорӣ созишномаҳо дар доираи САДД мебошанд, ки ҳифзи дастаҷамъии марзҳоро пешбинӣ мекунанд. Механизмҳои мазкур бо ташаббусҳои минтақавӣ оид ба мубориза бо қочоқи маводи мухаддир ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманди доранд. Шарикии стратегӣ оид ба таъмини амнияти марзӣ машваратҳои мунтазамро дар бар мегирад. Объектҳои низомии Русия, ки дар минтақа ҷойгиранд, унсури муҳимми амниятӣ мебошанд. Мисоли ин гуфтаҳо Пойгоҳи низомии 201-ум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки суботи марзиро дар шароити нооромиҳои Афғонистон таъмин мекунад. Посгоҳҳои муштараки марзӣ дар Қирғизистон ва Қазоқистон назорати таҳдидҳои фаромарзиро осон мекунанд. Ин гуна инфрасохтор имкон медиҳад, ки ба чолишҳои пайдошаванда дар доираи масъулият вокуниши фаврӣ ба амал бароварда шавад.

Мубориза бо таҳдидҳои террористӣ тавассути ҳамоҳангсозии мақомоти иктишофӣ дар доираи форматҳои бисёрсатҳа амалӣ карда мешавад. Мубодилаи иттилоот байни Хадамоти федералии амнияти Русия ва мақомоти дахлдори кишварҳои Осиёи Марказӣ ба халалдор

кардани фаъолияти гурӯҳҳои байналмилалӣ мусоидат мекунад. Марказҳои таҳлилӣ роҳҳои ҳаракати ҷангиёнро аз Афғонистон ва Сурия ба таври муштарак назорат мекунанд. Ҳамкории амалӣ машқҳои мунтазами зиддитеррористиро дар бар мегирад, ки таҳти сарпарастии созмонҳои байналмилалӣ пайваста гузаронида мешаванд. «Аз нигоҳи амалӣ, гузаронидани машқҳои фармондеҳӣ ва амалиётӣ-тактикӣ ҳадди ақал як маротиба дар як сол таҳти сарпарастии Сохтори минтақавии зиддитеррористии СҲШ ба нақша гирифта мешавад» [74, с.97]. Дар машқҳои «Рубеж» ва «Бародарии вайроннашаванда» сенарияҳои безараргардонии гурӯҳҳои тахрибкор пайваста машқ карда мешаванд [125]. Чунин чорабиниҳо қобилияти амалиётии воҳидҳои кишварҳои гуногунро тақвият медиҳанд.

Ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникӣ бо шартҳои имтиёзнок таъминоти силоҳ ва таҷҳизоти муосирро дар бар мегирад. Қазоқистон ва Ӯзбекистон системаҳои мушакии зиддиҳавоии С-300-и Русия ва системаҳои мушакии партоби сершумори «Торнадо-Г»-ро мегиранд. Таъмири мошинҳои зиреҳпӯши давраи шуравӣ дар объектҳои Русия модернизатсияи артишро дар бар мегирад. Чунин тадбирҳо барои стандартикунонии қобилиятҳои ҳарбӣ мутобиқи талаботи умумии амниятӣ равона карда шудаанд. Тайёр кардани кадрҳо барои нерӯҳои амниятии кишварҳои Осиёи Марказӣ самти муҳим боқӣ мемонад. Ҳар сол беш аз ду ҳазор афсар дар академияҳо ва мактабҳои олии ҳарбии Русия омӯзиш мегиранд. Барномаҳои муштарак амнияти киберӣ, логистика ва идоракунии бӯҳронҳоро низ фаро мегиранд.

Чин бошад чораҳои амниятиро дар минтақаҳои ҳаммарзи Осиёи Марказӣ, бахусус дар минтақаи мухтори Синзян-Уйғур тақвият медиҳад. Чунин чораҳо барои пешгирии воридшавии фаромарзии гурӯҳҳои тундрав ва идеологияҳои экстремистӣ равона шудаанд. Тақвияти назорат аз рӯйи ҷараёнҳои муҳоҷират ва фазои иттилоотӣ ба унсури асосии стратегияи Чин табдил ёфтааст. Машқҳои муштараки зиддитеррористӣ

бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва модернизатсияи инфрасохтори марзӣ равиши ҳамаҷонибаи Чинро нишон медиҳанд. Ташкили системаҳои электронии пайгирӣ ва назорати биометрӣ дар марзҳо хатари ҳаракати ғайриқонунии қочоқчиёнро коҳиш медиҳад. Ин гуна чорабиниҳо бо тақвияти ҳузури низомӣ дар минтақаҳои баҳсбарангез мукаммал карда мешаванд.

Лоиҳаҳои иқтисодӣ дар доираи ташаббуси «Як камарбанд - як роҳ» ҳамчун воситаи таъмини суботи минтақавӣ хизмат мекунанд. Иншооти инфрасохтори нақлиётӣ ва энергетикӣ аксар вақт бо мақсадҳои ҳам низомӣ ва ҳам шаҳрвандӣ метавонанд истифода бурда шаванд. Сармоягузорӣ дар долонҳои логистикӣ ҳамзамон ҳузури стратегии Чинро тақвият медиҳанд. Сохтмони роҳҳои оҳан ва нақлиёт тавассути минтақаҳои кӯҳистон дастрасии нерӯҳои амниятиро ба минтақаҳои дурдаст беҳтар мекунад. Рушди шабакаҳои алоқаи рақамӣ бо татбиқи системаҳои амнияти киберӣ, ки дар Чин истеҳсол шудаанд, алоқамандии зиёд дорад. Чунин шакли ҳамгироии манфиатҳои иқтисодӣ ва дифоӣ дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Чин вобастагии мутақобиларо ба вуҷуд меорад.

Тавассути механизмҳои СҲШ Чин барои ҳамоҳангсозии амнияти минтақавӣ фазои институтсионалӣ фароҳам меорад. СҲШ барномаҳои муштараки зиддитеррористӣ ва стандартҳои мубориза бо ҷиноятҳои кибернетикиро таблиғ мекунад. Ҷаласаҳои мунтазами вазирони дифоъ ва машқҳои «Миссияи сулҳ» ба таҳияи равишҳои ягонаи муқовимат бо таҳдидҳо мусоидат мекунанд. Нигарониҳо дар мавриди паҳншавии руҳияи ҷудоихоҳии уйғурҳо сиёсати этникии Чинро дар Осиёи Марказӣ ташаккул медиҳанд.

ИМА барномаҳои омӯзиши низомӣ ва таъмини таҷҳизоти махсусро дар Осиёи Марказӣ барои тақвияти қобилиятҳои минтақавии мубориза бо терроризм ва қочоқи маводи мухаддир амалӣ мекунад. Чунин ташаббусҳо машқҳои муштарак ва таъсиси марказҳои омӯзишии

пешрафта барои кормандони амниятиро дар бар мегиранд. Дар доираи татбиқи чунин ташаббусҳо таваҷҷуҳи асосӣ ба рушди қобилияти ҳамкории неруҳои амниятии Осиёи Марказӣ равона карда шудааст. Ҳадафи геополитикии ин гуна барномаҳо таҳияи механизмҳои алтернативии амниятӣ мебошад, то ки вобастагии минтақаро аз сохторҳои Русия коҳиш диҳанд. Тавре ки муҳаққиқони соҳа қайд мекунанд, «барномаҳо ва лоиҳаҳои гуногуне, ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо, Чин, ИМА, инчунин Туркия ва Эрон (ҳарчанд камтар) ба аъзои алоҳидаи ИИАО пешниҳод карда мешаванд, ба коҳиши фаъолияти ҳамгироӣ дар дохили ин иттиҳод оварда мерасонад» [70, с.555]. Ҳамин тариқ, чи гунае ки мушоҳида мегардад, ҳамкориҳои низомӣ барои аз нав тақсим кардани нуфуз дар минтақаи Осиёи Марказӣ истифода бурда мешаванд.

Иттиҳоди Аврупо ба ислоҳоти институтсионалии низомҳои ҳифзи ҳуқуқ ва назорати марзӣ тавассути татбиқи амалияҳои муосири идоракунӣ таваҷҷуҳ медиҳад. Барномаҳои кумаки техникӣ барои модернизатсияи инфрасохтори гумрукӣ ва татбиқи стандартҳои байналмилалии маъмурияти марзӣ равона карда шудаанд. Дар доираи ин гуна ташаббусҳо ба тақвияти назорат аз рӯйи ҳаракати одамон ва молҳо барои муқовимат ба таҳдидҳои фаромиллӣ таваҷҷуҳи махсус равона карда мешавад. Ташаббусҳои лоиҳавӣ яке аз василаҳои асосии Иттиҳоди Аврупо мебошад, зеро дар заминаи онҳо дастгирии молиявӣ ва содироти моделҳои танзимкунанда бо ҳам алоқаманд карда мешаванд. Чунин ташаббусҳо, ба монанди Идоракунии марзҳо дар Осиёи Марказӣ барои эҷоди расмиёти ягонаи назорати гумрукӣ равона шудаанд. Ин раванд на танҳо амниятро тақвият медиҳад, балки қонунгузориро бо стандартҳои аврупоӣ тадриҷан ҳамоҳанг месозад.

Лоиҳаҳои энергетикии Ғарб, аз қабили дастгирии лӯлаи гази «TAPI» (Туркманистон-Афғонистон-Покистон-Ҳиндустон), ба диверсификатсияи масирҳои нақлиётӣ нигаронида шудаанд. Стратегияи

мазкур барои коҳиш додани вобастагии захираҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ аз Русия ва эҷоди роҳҳои алтернативии содиротӣ равона шудааст. Ҳамзамон, барномаҳои рушди самаранокии энергетикӣ ва энергияи барқароршаванда барои тақвияти истиқлолияти энергетикии минтақа амалӣ карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, рақобати Русия ва Чин дар Осиёи Марказӣ тавассути пешбурди лоиҳаҳои иқтисодӣ ва ташаккули минтақаҳои таъсиррасонӣ зоҳир мешавад. Дар сатҳи иқтисодӣ, ин дар рақобати байни ташаббусҳои ҳамгироӣ, ба монанди ИИАО ва ташаббуси «Як камарбанд – як роҳ» инъикос меёбад. Ҳамзамон, ҳамкориҳои низомӣ-стратегӣ, аз ҷумла мубодилаи технологӣ, машқҳои муштарак ва ҳамоҳангсозӣ дар маконҳои алоҳидаи минтақавӣ, рушд мекунанд. Ихтилофоти муваққатӣ ба манфиатҳои қудратҳои бузург хатари ноустувории минтақавиро афзоиш медиҳанд ва талошҳои муштаракро барои таъмини амният мураккаб мегардонанд. «Аммо, баъзан вақт манфиатҳои қудратҳои ҷаҳонӣ бо ҳам мувофиқат намекунанд, ки ин ҳолат ба низоми амнияти минтақавӣ таҳдид мустақим дорад. Дар айни замон, ҳадафи асосии геополитикии абарқудратҳо назорат намудани минтақаи марказии Авруосиё, инчунин захираҳои минтақа ва роҳҳои нақлиётии он мебошад» [67, с.208]. Чунин рақобат дар рушди мутавозини долонҳои инфрасохторӣ ва пайдоиши соҳаҳои алоҳидаи таъсиррасонӣ ба энергетика ва логистика инъикос меёбад. Давлатҳои минтақа маҷбуранд, ки дастовардҳои иқтисодиро барои безарар гардонидани таҳдиду хатарҳои сиёсӣ истифода баранд. Айни замон кишварҳои минтақа барои таъмини кафолатҳои сармоягузорӣ ва амнияти ҷонибҳо аз дипломатияи бисёрсамта истифода мебаранд. Дар натиҷаи рақобати геополитикии абарқудратҳо ташаббусҳои иқтисодӣ ва робитаҳои низомӣ-стратегии онҳо барои ҳукуматҳои Осиёи Марказӣ фазои интихоби маҳдудро эҷод мекунанд.

Сиёсати ИМА ва Иттиҳоди Аврупо нисбат ба Осиёи Марказӣ ба пешбурди ислоҳоти сиёсӣ ва муҳайё сохтани шароит барои рушди

ҷомеаи шаҳрвандӣ нигаронида шудааст. «Ташаббусҳои мазкур, пеш аз ҳама, ба масъалаи ҳуқуқи инсон ва рушди демократия дахл дорад ва ҳамчун афзалиятҳои стратегии сиёсати хориҷии ИМА боқӣ мемонанд. Бо вуҷуди ин, ихтилофоти мавҷуда дар арзёбии ҷонибҳо дар бораи равандҳои демократикунонӣ метавонанд тавассути муколама ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли созанда ҳал карда шаванд» [85, с.32]. Чунин мавқеъгирӣ аксар вақт аз ҷониби коршиносони маҳаллӣ ҳамчун дахолат ба корҳои дохилии кишварҳои Осиёи Марказӣ баррасӣ карда мешавад ва боиси ташаннуҷи дипломатӣ мегардад. Дар посух ба фишори беруна, ҳукуматҳои минтақавӣ баъзан назоратро дар соҳаи ҷамъиятӣ сахттар мекунанд ва фаъолияти созмонҳои ғайриҳукуматиро зери назорат қарор медиҳанд.

Туркия ва Эрон тавассути ташаббусҳои таълимӣ, грантҳо ва унсурҳои неруи нарм барои ба даст овардани нуфузи фарҳангӣ ва динӣ дар минтақа рақобат мекунанд. Чунин талошҳо барои тақвияти робитаҳо бо диаспораҳо, дастгирии барномаҳои забонӣ ва динӣ ва густариши ҳузури фарҳангӣ дар соҳаи маориф равона шудаанд. Дар ниҳоят, рақобат дар атрофи нуфузи фарҳангӣ ва динӣ самти дигари рақобатҳоро ба вуҷуд меоварад. Чунин тамоюлот бе чунучаро ба ҳувияти дохилии шаҳрвандон ва интихоби самтҳои сиёсати хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсиргузорӣ менамояд.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, лоиҳаҳои муштараки инфрасохторӣ ва энергетикӣ дар Осиёи Марказӣ заминаи ҳамкориҳои мутақобилан судманди Чину Русияро фароҳам меоранд. Робитаҳои устувори иқтисодӣ ва манфиатҳои мутақобилаи онҳо дар таъмини суботи минтақавӣ аҳамияти зиёд дорад. Чунин ҳамкорӣ ба афзоиши вобастагии мутақобилаи Чину Русия таъсиргузорӣ мекунад ва эҳтимолияти шиддат гирифтани низоъҳои якҷонибаро коҳиш дода, ҳамоҳангии сиёсати онҳоро нисбат ба минтақа ба вуҷуд меорад. Дар таҳқиқоти Раҳимов К.Х. дар робита ба ин масъала қайд гардидааст, ки: «Лоиҳаҳои муштараки

инфрасохторӣ ва энергетикӣ асоси ҳамкориҳои дуҷонибаи Чин ва Русияро ташкил медиҳанд. Роҳу усулҳои татбиқи лоиҳаҳои муштарак ҳам ташаббусҳои давлатӣ ва ҳам шарикии бахши хусусиро дар бар гирифта, барои ҳамгироии минбаъда заминаи муҳимми иқтисодӣ фароҳам меоранд» [96, с.417]. Ҳамоҳангии фаъолиятҳои сатҳи техникӣ ва молиявӣ ба ҳарду ҷониб имкон медиҳад, ки муҳлат ва стандартҳои татбиқи лоиҳаҳоро бо ҳамдигар мувофиқа намоянд, хароҷоти корҳои минбаъдаро кам кунанд ва самаранокии сармоягузории муштаракро афзоиш диҳанд. Ҳамзамон, ҳамкориҳои дуҷонибаи ҳамоҳангшуда ба инобат гирифтани афзалиятҳои миллӣ ва идоракунии равандҳои буҳрониро низ талаб мекунад. Дар амалияи сиёсӣ мушоҳида намудан мумкин аст, ки имконияти татбиқи лоиҳаҳои муштарак бо сабаби мавҷудияти як қатор омилҳо, аз ҷумла нобаробарии иқтидори иқтисодӣ ва афзалиятҳои стратегӣ, ки баъзан вақт метавонанд бо ҳам мувофиқат накунанд, маҳдуд аст. Бархӯрди манфиатҳо дар мавриди пайдо намудани дастрасӣ ба захираҳо ва бештар намудани нуфузи худ дар кишварҳои алоҳидаи минтақа метавонад ҳатто дар сурати мавҷуд будани ҳадафҳои муштараки иқтисодӣ боиси ба амал омадани низоъ гардад. Аз ин рӯ, устувории ҳамкориҳои минтақаии Чин ва Русия аз қобилияти Маскав ва Пекин ҷиҳати нигоҳ доштани тавозуни нуфуз ва тақсими манфиатҳо вобаста аст.

Равишҳое, ки аз ҷониби НАТО ва СҲШ нисбат ба таъмини амнияти минтақавӣ пешниҳод мегарданд, аз рӯйи як қатор принсипҳо ва механизмҳои амалӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ниҳодҳои ғарбӣ, чун анъанавӣ, ба форматҳои шарикии дастаҷамъӣ, тақвияти ҳамкории мутақобила ва пешбурди стандартҳои нави мубориза бо таҳдидҳои фаромиллӣ такя мекунанд. Аммо СҲШ бошад ба принсипҳои дахлнопазирии марзҳо ва дахлнопазирии соҳибихтиёрӣ ишора намуда, дар робита ба ин масъала маҷмуи механизмҳои амниятӣ ва афзалиятҳои аъзои худро муайян мекунад. Чунин мавқеъгириҳои мутафовит баъзан

вақт хавфу хатари нофаҳмиҳои мутақобиларо ба вуҷуд оварда, ташаккули низоми ягонаи амнияти минтақавиро душвор мегардонад. Дар сурати набудани механизмҳои муассири ҳамоҳангсозӣ ба амал омадани бархӯрди манфиатҳо, шарҳи гуногуни таҳдиду хатарҳо ва авҷ гирифтани рақобати шадид дар дохили ниҳодҳои минтақавӣ имконпазир мегарданд. Аммо, агар тарафҳо барои коҳиш додани хатарҳо ва аз байн бурдани нофаҳмиҳо механизмҳои муассирро таҳия карда тавонанд, мавҷудияти равишҳои гуногун барои ба амал баровардани ҳамкориҳои маҳдуд, масалан дар соҳаҳои алоҳида фазои муносибро ба вуҷуд меоваранд.

Сармоягузорӣ ва қарзҳои хориҷӣ ба рушди иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсири назаррас мерасонанд. Лоиҳаҳои бузурги инфрасохторие, ки бо дастгирии шарикони хориҷӣ амалӣ мешаванд, аксар вақт афзалиятҳои рушди миллиро муайян мекунанд. Чунин тамоюлот ба маблағгузории беруна вобастагиро ба вуҷуд меорад ва имконияти таҳияи мустақилонаи стратегияҳои иқтисодиро маҳдуд мекунад. Чунин таъсиргузориҳо дар бахшҳои энергетика ва нақлиёт, ки дар онҳо акторҳои байналмилалӣ бартарӣ доранд, ба назар мерасад. Ба андешаи муҳаққиқи чинӣ С. Чжу, «бо афзоиши таъсири сармояи Чин ба корхонаҳои муштарак (дар якҷоягӣ бо мушкилоти баргардонидани қарзи кишварҳои Осиёи Марказӣ ба Чин), қудрати геополитикӣ ва иқтисодии Чин дар минтақа вобастагии кишварҳои Осиёи Марказиро тадриҷан афзоиш медиҳад» [113, с.60]. Айни замон Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз Чин 3,8 млрд доллар, Ҷумҳурии Қазоқистон 10 млрд доллар ва Ҷумҳурии Қирғизистон бошад 1,6 млрд доллар қарзи беруна доранд [129]. Чунин тамоюлот дар лоиҳаҳои лӯлаи гази Осиёи Марказӣ-Чин ва навсозии долонҳои нақлиётӣ ба назар мерасад. Вобастагии афзояндаи молиявӣ аз акторҳои беруна боиси зарурати гузаштҳои сиёсӣ дар масъалаҳои соҳибихтиёрӣ мегардад. Кишварҳои минтақа маҷбуранд, ки қонунгузорӣ ва қоидаҳои худро барои қонеъ кардани талаботи сармоягузорони

хориҷӣ танзим кунанд. Ин махсусан дар соҳаи идоракунии захираҳои табиӣ ба назар мерасад, ки дар он созишномаҳои консессионӣ назорати захираҳои стратегиро маҳдуд мекунанд.

Ҳамин тариқ, Осиёи Марказӣ ҳавзаи муҳимми геополитикие мебошад, ки дар он таъсири мутақобилаи субъектҳои беруна фазои бисёрҷанбаи рақобатӣ ва самтҳои гуногуни ҳамкориро ташаккул медиҳад. Лоиҳаҳои иқтисодӣ, аз қабили ташаббуси «Як камарбанд - як роҳ»-и Чин ва механизмҳои ҳамгироии иқтисодии Русия дар доираи ИИАО вобастагиҳои инфрасохторӣ ва тиҷоратии кишварҳои минтақаро ба вуҷуд меоранд. Дар айни замон, масъалаҳои амниятӣ, аз ҷумла ҳамкории ҳарбӣ-техникии Русия ва барномаҳои зиддитеррористии ИМА, заминаҳои геополитикии таъмини суботи минтақавиро ташаккул медиҳанд. Ҳамкориҳои дипломатии кишварҳои минтақа дар доираи қолабҳои институтсионалӣ (масалан, СҲШ) зоҳир мешавад. Чунин ниҳодҳои минтақавӣ ҳамчун фазои ҳамоҳангсозии манфиатҳои кишварҳои минтақа ба шумор мераванд. Аммо, мавҷудияти чунин механизмхои низ ьаъзан вақт зиддиятҳои асосиро аз байн намебарад: густариши иқтисодии Чин, тавсеаи энергетикии Русия ва рӯзномаи демократикунонии Ғарб самтҳои гуногуни фишорҳои мутақобиларо ба вуҷуд меоранд. Дар чунин шароит минтақаи Осиёи Марказӣ ба озмоишгоҳи таъсирпазирии гибридӣ табдил меёбад. Қариб дар ҳама ҳолатҳо лоиҳаҳои рушд бо масъалаҳои амниятӣ алоқамандии зич доранд.

Ҳамин тариқ, таҳлилу баррасии нақш ва мавқеи акторҳои геополитикӣ нишон дод, ки таъсири устувори онҳо бар асоси ҳамбастагии механизмҳои иқтисодӣ ва институтсионалӣ асос ёфтааст. Русия мавқеи худро тавассути долонҳои энергетикӣ ва сохторҳои амнияти дастаҷамъӣ нигоҳ медорад, Чин ҳузури худро тавассути воситаҳои қарздиҳӣ ва сармоягузорӣ афзоиш медиҳад, дар ҳоле ки Ғарб ба рӯзномаи меъёрӣ ва институтсионалӣ такя мекунад. Дар раванди

таҳлили масъалаҳои номбаргардида як тамоюлоти зиддунақиз (парадокс) ошкор гардид: ҳатто стратегияҳои рақобатпазир шабакаи вобастагиҳои мутақобилан тақвиятдиҳандаро эҷод мекунанд ва маҳз бо шарофати чунин вобастагӣ муқовимати ошкорои ҷонибҳо коҳиш меёбад.

Мавқеъгириҳои гуногун дар мавриди дастрасӣ ба захираҳо ва таъмини амният ҳамчун як мушкили системавӣ боқӣ мемонанд, зеро лоиҳаҳои инфрасохтории рақобатпазир ва пойгоҳҳои низомӣ нуқтаҳои ихтилофро ба вуҷуд меоранд. Назорати долонҳои нақлиётӣ, густариши энергетика ва бартарии институтсионалӣ бархӯрди манфиатҳоро ба вуҷуд меоранд. Бо назардошти осебпазирии минтақа ба ноустувории бозори ҷаҳонӣ ва таҳдидҳои фаромарзии афзоянда чунин вазъ метавонад аз ҷониби фишороваріҳои беруна шадидтар шавад.

Мубрамии таҳқиқот бо тақвияти ташаббусҳои азими солҳои 2023-2024 асоснок мегардад. Густариши лоиҳаҳои иқтисодии Чин бо эҳёи равандҳои ҳамгироии Авруосиё рост меояд. Ин гуна тамоюлот дар заминаи авҷ гирифтани низоъҳои ҷаҳонӣ ва тағйир додани моделҳои анъанавии ҳамкорӣ инкишоф меёбанд. Дар натиҷаи чунин равандҳо Осиёи Марказӣ ба майдони озмоиши стратегияҳои гибридӣ табдил меёбад. Ҳамин гуна тағйирпазирии афзоянда тақозо мекунад, ки равишҳои таҳлилӣ аз нав дида баромада шаванд: ба ҷои сенарияҳои «рақобат-ҳамкорӣ», бояд таъсири мутақобилаи субъектҳои гуногунро ба назар гирем. Густариши сармоягузории Чин бо ҳузури ҳарбӣ-сиёсии Русия ва барномаҳои рушди демократии Ғарб раванди таъсиргузории бисёрҷонибаро ба вуҷуд меорад. Чунин ҳолат ояндабинии таъсири ғайримустақими ташаббусҳои гуногунсамтро аҳамиятнок мегардонад.

Барои давлатҳои Осиёи Марказӣ коркарди стратегияи бисёрсамтае, ки тавозуни байни манфиатҳои иқтисодӣ ва хавфҳои сиёсиро таъмин мекунад, хеле аҳамиятнок аст. Гуногунсозии шарикони хориҷӣ бояд бо тақвияти мустақилияти институтсионалӣ ва кам кардани вобастагии яктарафа ҳамроҳ карда шавад. Баланд бардоштани шаффофияти

созишномаҳои дуҷониба бо субъектҳои беруна метавонад ба механизми ҳифзи соҳибихтиёрӣ табдил ёбад ва зимни татбиқи манфиатҳои миллӣ дар доираи лоиҳаҳои ҷаҳонӣ муваффақиятҳои зарурӣ ба даст оварда шавад. Иштирокчиёни беруна бояд таваҷҷӯҳи худро ба шаклҳои ҳамкорие равона кунанд, ки барои ҳалли мушкилоти фаромарзӣ, аз идоракунии захираҳои об то мубориза бо экстремизм метавонанд мусоидат кунанд. Лоиҳаҳои яктарафае, ки номутавозинӣ эҷод мекунанд, бояд ба ташаббусҳои бисёрҷонибаи минтақавӣ иваз карда шаванд. Ин равиш тавассути таъмини ҳамоҳангсозии манфиатҳо ва нигоҳ доштани муҳити рақобатнок хатари шиддат гирифтани вазъро дар соҳаҳои ғайрисиёсӣ коҳиш медиҳад.

2.2. Таъсири равандҳои геополитикии минтақавӣ ба вазъи сиёсии Осиёи Марказӣ

Дар солҳои 2023-2024 минтақаи Осиёи Марказӣ бинобар сабаби афзоиш ёфтани таъсири бӯҳронҳои Украина ва ноустувории доимӣ дар Афғонистон ба маркази таваҷҷуҳи геополитикаи ҷаҳонӣ табдил ёфт. Омилҳои номбаргардида боис шуданд, ки моделҳои анъанавии амният ва ҳамкории иқтисодӣ аз нав дида баромада шаванд ва давлатҳои минтақаро маҷбур карданд, ки шаклҳои нави ҳамкориро ҷустуҷӯ намоянд. Таъмини соҳибихтиёрӣ дар шароити афзоиши фишорҳои беруна ва таҳдидҳои фаромарзӣ махсусан муҳим гаштааст. Чунин ҳолат зарурати таҳлили системавии нақши тағйирёбандаи Осиёи Марказиро дар муносибатҳои байналмилалӣ ба миён меорад. Афзоиши низоъҳо дар канори минтақа мушкилоти анъанавиро (аз ҷараёни муҳоҷират то қочоқи маводи мухаддир)-ро шадидтар карда, хатарҳои нави марбут ба самти дигаргунсозии занҷирҳои таъминот ва масирҳои энергетикиро ба вуҷуд овардааст. Таҳдиди идомаёбандаи Афғонистон дар якҷоягӣ бо таъсири таҳримҳо ба Русия, барои таҳияи механизмҳои мутобиқшаванда ҷиҳати ҳифзи суботи минтақавӣ намунаҳои ҷадидро эҷод карда истоодаст.

Дигаргуниҳои мазкур тақозо мекунанд, ки функсияҳои созмонҳои минтақавӣ, аз ҷумла САД ва СҲШ, ки заминаҳои институтсионалии онҳо ҳанӯз ба воқеияти кунунӣ пурра мувофиқат намекунанд, аз нав дида баромада шаванд.

Ғайр аз ин, рақобати актороҳои беруна, ки манфиатҳои онҳо аксар вақт бо ҳадафҳои муттаҳидсозии минтақавӣ мухолифат мекунанд, омили асосии ноустуворкунандаи низомҳои сиёсии Осиёи Марказӣ ба шумор мераванд. Стратегияҳои Русия, Чин, ИМА ва Иттиҳоди Аврупо, ки ба захираҳои энергетикӣ ва долонҳои нақлиётӣ нигаронида шудаанд, барои кишварҳои минтақа намунаҳои вобастагии нобаробарро ба вуҷуд меоранд. Фишангҳои иқтисодии ва фишорҳои беруна, ба монанди квотаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ё лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо шароити сиёсӣ нобаробарии иҷтимоии дохилии кишварҳои минтақаро шадидтар мекунанд. Ин махсусан дар давлатҳои бисёрмиллат, ки дар онҳо таъсири беруна зиддиятҳои таърихиро шадидтар мекунад, ба назар мерасад. Аммо ба сари кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳмил намудани самтҳои гуногуни сиёсати хориҷӣ боиси парокандагии ҳамкории дохилиминтақавӣ мегардад ва ба таҳияи равишҳои ягона ҷиҳати ҳалли мушкилоти фаромарзӣ монеа мешавад. Бартарии иқтисодии Чин тавассути ташаббуси «Як камарбанд - як роҳ» бо нуфузи низомӣ ва сиёсии Русия ҳамзистӣ дорад. Чунин вобастагии бисёркутба қобилияти соҳибихтиёрии давлатҳоро барои пешбурди сиёсати мустақили дохилӣ маҳдудтар мекунад ва хатари бӯҳронҳои идоракуниро афзоиш медиҳад.

Таҳлили таҳаввулоти Созмони ҳамкориҳои Шанхай, САД ва ИИАО имкон медиҳад, ки дараҷаи таъсири онҳо ба равандҳои сиёсии дохилии кишварҳои узви ин созмонҳо муайян карда шавад. Масалан, «моҳи январи соли 2022 бо дархости президенти Қазоқистон Қосимҷомарт Тоқаев, нерӯҳои сулҳҷӯи САД барои мӯътадил кардани вазъ дар давраи эътирозҳои оммавӣ ва нооромиҳо ба Қазоқистон фиристода шуданд. Ин чорабинӣ омодагии созмонро барои вокуниши

фаврӣ ба бӯҳронҳо нишон дод ва мавқеи мақомоти Қазоқистонро, ки аз дастгирии байналмилалӣ бархӯрдор буданд, тақвият дод. Дар дохили ин кишвар созмон инчунин аҳамияти амнияти дастаҷамъонаро барои кишварҳои узв таъкид кард» [53, с.35].

Дар чунин шароит ба мухолифатҳои байни ҳадафҳои эълоншудаи ҳамгироии минтақавӣ ва амалияҳои воқеии ҳамкорӣ, ки аксар вақт хусусияти рақобатпазир доранд, таваҷҷуҳи махсус равона карда мешавад. Ба инобат гирифтани ин омил имкон медиҳад, ки зарфияти сохторҳои мавҷуда барои коҳиш додани хатарҳои беруна арзёбӣ карда шавад. Таҳқиқоти муқоисавии тағйироти сиёсӣ дар давлатҳои минтақа дарки фарқкунандаи ташаббусҳои ҳамгироиро аз ҷониби элитаҳои миллӣ нишон медиҳад. Дар ҳоле ки Қазоқистон ИИАО-ро ҳамчун воситаи модернизатсияи иқтисодӣ мешуморад, Ӯзбекистон ба сиёсати хориҷии бисёрҷониба такя мекунад ва Қирғизистон бошад дар байни имтиёзҳои беруна ва ҳифзи соҳибихтиёрӣ мувозинатро нигоҳ медорад. Чунин равишҳои гуногун барои кам кардани таҳдидҳои беруна ва ба назар гирифтани шароити мушаххаси ҳар як давлат таҳияи сенарияҳои устуворро талаб мекунад.

Бояд гуфт, ки дар шароити ташаккулёбии манзараи нави геополитикӣ мутобиқсозии таҷрибаи мусбати Тоҷикистон дар соҳаи истиқлолияти об ва энергетика барои дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ хеле зарур мебошад. Татбиқи лоиҳаҳои нерӯгоҳи барқи обии Роғун ва ҳамкорӣ бо донорҳои байналмилалӣ имконияти муттаҳид кардани манфиатҳои миллиро бо ташаббусҳои ҳамгироӣ нишон медиҳад. Ин таҷриба барои идоракунии захираҳои фаромарзӣ дар шароити рақобати акторҳои беруна муҳим аст. Механизмҳои ба ин монандро метавон дар соҳаи амнияти энергетикӣ татбиқ кард, зеро дар ин самт ҳанӯз ҳам вобастагӣ аз захираҳои содиротӣ осебпазирии минтақавиро нигоҳ медорад.

Тули панҷ соли охир СҲШ доираи вазифаҳои худро васеъ карда, масъалаҳои амнияти минтақавиро бо ташаббусҳои иқтисодӣ муттаҳид сохтааст. Дар доираи ин созмон шаклҳои нави ҳамкориҳое пайдо шудаанд, ки ба ҳамоҳангсозии талошҳо барои мубориза бо таҳдидҳои фаромиллӣ ва рушди долонҳои нақлиётӣ ва логистикӣ нигаронида шудаанд. Дар чунин шакл васеъ гардидани вазифаҳои он заминаи институтсионалии созмонро тақвият дода, аҳамияти онро дар низоми амнияти минтақавӣ афзоиш медиҳад. Дар айни замон, СҲШ ҳамкориҳои амалиро дар соҳаи иқтисодӣ тақвият додааст, ки дар ҷаласаҳои он оид ба масъалаҳои тиҷорат, сармоягузорӣ ва дастгирии лоиҳаҳои инфрасохторӣ зоҳир мешавад. Чунин равиш имкон медиҳад, ки масъалаҳои амният ва рушди иқтисодӣ ба рӯзномаи ягона ворид карда шаванд ва парокандагии ташаббусҳои минтақавиро коҳиш диҳанд. Дар натиҷа, СҲШ барои ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлатҳои Осиёи Марказӣ ва субъектҳои беруна ҳамчун заминаи институтсионалӣ хизмат мекунад.

САД дар посух ба чолишҳои нави амниятӣ, аз ҷумла ноустувории минтақавӣ, нақш ва вазифаҳои худро каме тағйир додааст. Модернизатсияи ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникӣ ба яке аз самтҳое табдил ёфтааст, ки ба баланд бардоштани омодагии ҷангӣ ва мутобиқати қувваҳои мусаллаҳи кишварҳои узв нигаронида шудаанд. Чунин дигаргуниҳо аз зарурати вокуниши фаврӣ ба хатарҳое, ки аз минтақаҳои ноустуворӣ ҳамсояҳои наздисарҳадӣ ва танишҳои марзӣ бармеоянд, пайдо шудаанд. Дар айни замон, САД ба мудофиаи дастаҷамъӣ таваҷҷуҳи махсус медиҳад ва барои эҷоди механизмҳои вокуниши муштарак ва мубодилаи таҷриба дар соҳаи амният захираҳои худро муттаҳид мекунад. Модернизатсияи ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникӣ ҳамоҳангсозии машқҳо, мубодилаи маълумоти иктишофӣ ва стандартикунонии расмиётро дар бар мегирад. Чунин фаъолнокӣ метавонад дар дарозмуддат иқтидори созмонро дар минтақа тақвият диҳад. Ҳамзамон, рушди ҳамкориҳои низомӣ ба САД имкон медиҳад,

ки форматҳои ҳамкории бештар ба иқтисод нигаронидашударо низ мукаммал гардонад.

Дар тули панҷ соли охир ИИАО бо мақсади бартараф кардани монеаҳои дар соҳаҳои тиҷорат ва сармоягузорӣ мавҷудбуда ҳамгироии амиқтари иқтисодиро пеш мебарад. Пешбури чунин сиёсат ба ҳамоҳангсозии расмиёти гумрукӣ ва коҳиш додани монеаҳои ғайримустақим нигаронида шуда, бо ин васила ба афзоиши тиҷорат дар байни аъзоён ва коҳиш додани хароҷоти муомилот мусоидат мекунад. Талошҳои мазкур робитаҳои иқтисодии байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва шарикони иқтисодии онҳоро дар дохили Иттиҳоди номбаргардида тақвият медиҳанд. Бартараф кардани монеаҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ, беҳтар кардани муҳити институтсионалӣ ва эҷоди қоидаҳои пешгӯишаванда масъалаҳое ба шумор мераванд, ки ба онҳо доимо таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Чунин дигаргуниҳои сифатӣ ба ҷалби сармоягузорӣ ва рушди занҷирҳои истеҳсолии мутақобила мусоидат намуда, устувории иқтисодиёти минтақаро афзоиш медиҳад. Дар натиҷа, ИИАО ҳамчун омили пешбарандаи ҳамгироии иқтисодӣ хизмат намуда, механизмҳои коҳиш додани парокандагии бозорҳои минтақавиро ташаккул медиҳад.

Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки ҳар яке аз ин се созмон самтҳои махсуси фаъолияти худро доранд ва дар ҳалли мушкилоти минтақавии Осиёи Марказӣ якдигарро пурра мекунанд. СҲШ унсурҳои сиёсӣ, амниятӣ ва иқтисодиро муттаҳид мекунад, САД ба амнияти дастаҷамъӣ ва ҳамкории низомӣ-техникӣ ва ИИАО ба ҳамгироии иқтисодӣ ва бартараф кардани монеаҳои ин самт равона шудааст. Чунин фарқиятҳои функсионалӣ имкон медиҳад, ки ба мушкилоти гуногуни минтақа саривақт вокуниш нишон дода шавад. Самаранокии ҳар яке аз ин сохторҳо аз мутобиқати амалҳои он бо афзалиятҳои миллӣ ва дараҷаи ҳамкории байни худи ташкилотҳо вобаста аст. Ҳамоҳангсозии дастаҷамъонаи давлатҳои Осиёи Марказӣ имкон медиҳад, ки паҳлуҳои

мусбати таҷрибаи байналмилалӣ истифода бурда шавад ва такрорёбии талошҳои минтақавӣ кам карда шавад. Чунин муносибат барои ҳалли бомуваффақиятонаи масъалаҳои минтақавӣ муҳим аст. Умуман, фаъолияти бо ҳам алоқаманди се созмони номбаргардида иқтидори Осиёи Марказиро барои ҳалли мушкилоти дохилӣ ва беруна тақвият медиҳад.

Стратегияи Русия дар Осиёи Марказӣ дар даҳсолаи охир тағйироти назаррасеро аз сар гузаронидааст. Аз нигоҳи таърихӣ, Маскав доимо кӯшиш мекард, ки тавассути фишангҳои таъсиррасонии низомӣ, сиёсӣ ва энергетикӣ мавқеи бартаридоштаро нигоҳ дорад. Ба андешаи олимони соҳа, «вазъияти нооромии байналмилалии солҳои охир дар муносибатҳои байни Федератсияи Русия ва Ғарб масъалаҳои зиёдеро тағйир дод ва Русияро маҷбур кард, ки унсурҳои асосии доктринаи нави сиёсати хориҷии худро аз нав дида барояд» [100, с.6]. Чунин ҳолат боиси он гардид, ки Русия дар консепсияи шарикии стратегии худ самтгириҳои навро пайгирӣ намояд. Дар бахши энергетика, Русия аз схемаҳои таъминоти монополистӣ тадриҷан даст кашид, ба ташаккули шарикии бисёрсамта рӯ овард. Таъсиси иттиҳоди сеҷонибаи газ бо Қазоқистон ва Ӯзбекистон дар соли 2023 намунаи ин навъи ҳамкорӣ мебошад [124]. Лоиҳаҳои энергетикии ҳастаӣ низ ба таври мувозӣ рушд мекунанд, аз ҷумла сохтмони нерӯгоҳи атомӣ дар Ӯзбекистон [140]. Чунин шакли диверсификатсия имкон медиҳад, ки тавозуни байни манфиатҳои иқтисодӣ ва нуфузи сиёсӣ нигоҳ дошта шавад. Дар соҳаи низомӣ САД ҳамчун воситаи таъмини амнияти минтақавӣ баромад менамояд. Аммо, пас аз рӯйдодҳои Украина, кишварҳои Осиёи Марказӣ дар рушди минбаъдаи ҳамкорӣ бо Русия эҳтиёткорона муносибат мекунанд. Русия чунин ҳолати номуайяниро тавассути густариши созишномаҳои дуҷонибаи ҳарбӣ-техникӣ ва пешниҳоди силоҳу аслиҳа бидуни шартҳои сиёсӣ ҷуброн мекунад.

Чин кӯшиш менамояд, ки лоиҳаҳои инфрасохтории ташаббуси «Як камарбанд – як роҳ»-ро ба ниёзҳои маҳаллии кишварҳои Осиёи Марказӣ мутобиқ гардонад. Бо ин мақсад лоиҳаҳои азими қаблан қабулшуда ба лоиҳаҳои хурдтар ва бештар ба талабот нигаронидашуда табдил дода мешаванд. Дар ин замина ба стандартҳои экологӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад, зеро ин масъалаҳо ба ниёзҳои мақомоти давлатии маҳаллӣ ҷавобгӯ мебошанд. Рушди долонҳои нақлиётӣ намунаи чунин мутобиқшавӣ мебошад: роҳи оҳани Чин-Қирғизистон-Ӯзбекистон бо назардошти маҳдудиятҳои экологӣ аз нав дида баромада мешавад. Дар бахши энергетика ба сармоягузориҳои «сабз»: неругоҳҳои офтобӣ дар Қазоқистон ва неругоҳҳои барқи обӣ дар Тоҷикистон таваҷҷуҳи махсус дода мешавад.

Муносибатҳои Русия ва Чин дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз як ҷониб хусусияти рақобатпазир дорад, аз ҷониби дигар якдигарро пурра мегардонанд. Дар соҳаи амният манфиатҳои Русия ва Чин то андозае бо ҳамдигар мувофиқат менамоянд. Масалан, дар заминаи СҲШ ҳарду кишвар мубориза бо терроризм ва ҷудоихоҳиро дар байни мақомоти дахлдори худ ҳамоҳанг мекунанд. Аммо ташаббусҳои иқтисодии Русия ва Чин дар рақобати шадид қарор доранд. Чунончӣ, Иттиҳоди иқтисоидии Авруосиё ва «Як камарбанд – як роҳ» моделҳои алтернативии ҳамгироиро пешниҳод менамоянд. Кишварҳои Осиёи Марказӣ аз чунин рақобати иқтисодӣ самаранок истифода намуда, фоидаи худро афзоиш медиҳанд. Масалан, Ҷумҳурии Қазоқистон дар як вақт ҳам дар равандҳои интеграционии авруосиёӣ ва ҳам лоиҳаҳои инфрасохтории чинӣ иштирок менамояд. Чунин ҳамкории бисёрсамта имкон медиҳад, ки аз ҳамаи сарчашмаҳои мавҷуда сармоягузорӣ дарёфт карда шавад ва вобастагии кишвар аз як шарики беруна бамаротиб коҳиш ёбад.

Кишварҳои Осиёи Марказӣ нисбат ба ташаббусҳои Маскав ва Пекин равишҳои гуногунро пайгирӣ менамоянд. Қазоқистон ва

Қирғизистон тавассути ИИАО ва Созмони Паймони амнияти дастаҷамъӣ бо Русия робитаҳои наздик доранд, аммо сармоягузории Чинро фаъолона ҷалб мекунанд. Ӯзбекистон сиёсати мутавозинтарро пеш мебарад ва аз иттифоқҳои низомӣ канорагирӣ мекунад. Туркманистон бетарафии қатъиро нигоҳ медорад ва асосан ҳамкориҳои иқтисодиро бо Чин дар бахши газ инкишоф медиҳад.

Бояд гуфт, ки бӯҳрони Афғонистон дар рӯйхати таҳдидҳои асосии минтақаи Осиёи Марказӣ боқӣ мемонад. Фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ, аз ҷумла шохаи хуросонии ташкилоти террористии бо ном Давлати исломӣ, хатари экстремизми фаромарзиро ба вуҷуд меорад. Ноустуворӣ дар минтақаҳои марзии Афғонистон ба ташаккули долонҳо барои ҳаракати ғайриқонунии ҷангиён мусоидат мекунад. Чунин вазъият ҳамоҳангии бештари байни хадамоти иктишофии кишварҳои Осиёи Марказиро талаб мекунад. Қочоқи маводи мухаддир аз Афғонистон барои амнияти минтақавӣ мушкилоти иловагӣ ба бор меоварад. Роҳҳои интиқоли афюн тавассути кишварҳои Осиёи Марказӣ ба манфиати фаъолияти созмонҳои экстремистӣ мебошад. Қочоқи маводи мухаддир дар минтақа сатҳи ҷиноятқорӣ ва фасодро афзоиш медиҳад. Мубориза бо он чораҳои ҳамаҷонибаро ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи бисёрҷониба талаб мекунад.

Ноустувории Афғонистон ва нооромиҳои ин кишвар мушкилоти муҳоҷиратро барои Осиёи Марказӣ ба вуҷуд меорад. «Хатари вуруди шумораи зиёди паноҳандагони Афғонистон ба кишварҳои Осиёи Марказӣ бо сабаби бадтар шудани бӯҳрони озуқаворию ҷаҳонӣ, қобилияти заифи Толибон дар идоракунии иқтисодиёт ва нохоҳиши кишварҳои Ғарб барои расонидани кумакҳои башардӯстона ва дигар кумакҳои иқтисодӣ ба Афғонистон, хеле назаррас боқӣ мемонад» [97, с.187]. Чунин вазъият ва тамоюлот ба низомҳои иҷтимоию иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ фишори иловагӣ эҷод мекунанд.

Баҳсҳои марзӣ ба муносибатҳои байнидавлатии кишварҳои минтақа таъсири манфӣ мерасонанд. Танишҳои шиддатнок байни Тоҷикистон ва Қирғизистон чандин маротиба ба амал омада буданд, дар сарҳади давлатии байни Тоҷикистону Қирғизистон ҳодисаҳои мусаллаҳона ба таври даврӣ рух медоданд. Ихтилофоти ҳудудӣ байни Ӯзбекистон ва Қирғизистон низ эҳтимоли шиддат гирифтани вазъро дорад. Низоъҳои мазкур равандҳои ҳамгироии минтақавиро мураккаб мегардонанд ва хатарҳои иловагии амниятиро ба вуҷуд меоранд.

СҲШ дар таъмини амнияти Осиёи Марказӣ нақши муҳим мебозад. Самти асосии он мубориза бо таҳдидҳои фаромарзӣ, аз ҷумла терроризм, ҷудоихоҳӣ ва экстремизм мебошад. Машқҳои муштарак ва мубодилаи иттилоотии дар доираи созмон татбиқшаванда ба таҳкими эътимоди байни кишварҳои узв мусоидат мекунанд. Механизмҳои ҳамкории СҲШ барои ҳамоҳангсозии талошҳои назорати марзӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд. Таъсиси сохторҳои махсус ҷиҳати муқовимат бо таҳдидҳои амниятӣ ба як воситаи муҳимми СҲШ табдил ёфтааст. «Конвенсияи СҲШ таъсиси Сохтори доимии зиддитеррористии ин созмон, ки қароргоҳаш дар Бишкек ҷойгир буд (он соли 2004 ба Тошканд кӯчонида шуд), пешбинӣ мекард» [94, с.38]. Сохтори номбаргардида ҳамкории амалиёти фаврии мақомоти иктишофӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ҳамоҳанг мекунад. Машқҳои мунтазами зиддитеррористии «Миссияи сулҳ» ҷиҳати вокуниши фаврӣ нишон додан ба таҳиду хатарҳои мавҷуда омодагии дастаҷамъонаи аъзои СҲШ-ро нишон медиҳад.

СААД суботи низомӣ ва сиёсиро тавассути системаи кафолатҳои амнияти мутақобила таъмин мекунад. Неруҳои вокуниши фаврии дастаҷамъӣ барои рафъи таҷовузи беруна ва бартараф кардани вазъияти буҳронӣ тарҳрезӣ шудаанд. Системаи муштараки мудофиаи ҳавоӣ қобилияти мудофиавии кишварҳои узвро тақвият медиҳад. Машқҳои ҳамасолаи «Бародарии осебнопазир» қобилияти ҳамкории қуввахои

мусаллаҳи кишварҳои узви САД-ро тақвият медиҳанд. Иқтидори сулҳофарии САД ҳангоми ба амал омадани бӯҳронҳои гуногуни минтақавӣ, аз ҷумла дар рӯйдодҳои Қазоқистон дар моҳи январи соли 2022, дар сатҳи баланд нишон дода мешавад. Ҷойгиркунии контингентҳои сулҳофари дастаҷамъӣ ба пешгирии тавсеаи низоъҳои дохилӣ мусоидат мекунад. Тамрини муштараки воҳидҳои сулҳофар омодагии онҳоро барои анҷом додани амалиёти сулҳҷӯёна афзоиш медиҳад. Механизмҳои мазкур, пеш аз ҳама, эътимоди байниҳамдигарии аъзои созмонро бамаротиб баланд мебардоранд.

ИИАО тавассути ба амал баровардани ҳамбастагии иқтисодӣ ба таҳкими сиёсии муносибатҳои аъзои он мусоидат мекунад. «Ҳамгироии сиёсӣ ва ҳарбӣ бо Русия дар доираи САД, инчунин ҳамгироии иқтисодӣ бо Русия дар доираи ИИАО унсурҳои асосии механизми номбаргардида мебошанд» [110, с.72]. Минтақаи ягонаи гумрукӣ ва сиёсати ҳамоҳангшудаи саноатӣ барои ҳамкории дарозмуддати онҳо равона шудаанд. Коҳиши монеаҳои тиҷоратӣ ба афзоиши сармоягузории мутақобила мусоидат мекунад. Аммо, амиқтар шудани ҳамгироии иқтисодӣ саволҳои зиёдеро дар бораи ҳифзи соҳибихтиёрии кишварҳои иштирокчӣ ба миён меорад. Ҳамоҳангсозии талаботи меъёрӣ баъзан вақт дар қонунгузории миллӣ зарурати гузашт карданҳоро ба вуҷуд меорад. Тафовути имкониятҳои иқтисодӣ тақсимоти номутавозини манфиатҳоро ба вуҷуд меорад. Ин ва дигар омилҳо метавонанд дар муносибатҳои байни аъзои ИИАО дар ояндаи дур мушкилиҳои ҷиддӣ эҷод кунанд.

Рақобате, ки зимни татбиқи ташаббусҳои гуногуни интегратсионӣ дар сиёсати минтақавӣ ба мушоҳида мерасад, зиддиятҳои зиёдеро ба вуҷуд меорад. Иштироки кишварҳои Осиёи Марказӣ дар СҲШ, САД ва ИИАО раванди ҳамоҳангсозии афзалиятҳои онҳоро ба мушкилиҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ менамояд. Бояд гуфт, ки Русия ва Чин дар минтақаи Осиёи Марказӣ манфиатҳои худро доранд ва манфиатҳои худро пайгирӣ менамоянд. Тафовути манфиатҳои стратегии Русия ва Чин, пеш аз ҳама,

аз равишҳои онҳо нисбат ба ҳамгироии иқтисодӣ вобаста мебошад. Чунин ҳолат ба парокандагии рӯзномаи минтақавӣ оварда мерасонад. Гуногунрангии форматҳои ҳамгироӣ ба қобилияти давлатҳо дар пешбурди сиёсати ягонаи хориҷӣ таъсир мерасонад. Нигоҳ доштани мувозинат дар байни иттиҳодияҳои минтақавӣ вобаста ба масъалаҳои муҳимми минтақавӣ таҳияи мавқеъҳои ягонаро каме душвор мегардонад. Ташаббусҳои рақобатпазир дар соҳаҳои амният ва иқтисод самаранокии ҳамкориҳои минтақавиро коҳиш медиҳанд. Чунин вазъ барои суботи сиёсии Осиёи Марказӣ мушкилоти иловагӣ эҷод мекунад.

Бояд гуфт, ки яке аз омилҳои ташаккулёбии равандҳои интегратсионӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ мубориза бо таҳдиду хатарҳо мебошад. Барои мисол, буҳрони Афғонистон ба амнияти Осиёи Марказӣ таъсири мустақим дорад. Дар соли 2021 ба сари қудрат расидани ҳаракати «Толибон» мушкилоти мавҷударо шадидтар кардааст ва бо ин сабаб суботи минтақавӣ бо таҳдиду хатарҳои навин рӯ ба рӯ шуда истодааст. Дар чунин шароит ташаккул додани механизмҳои нави ба роҳ мондани назорати минтақаҳои марзӣ ҷиҳати пешгирии таҳдидҳои фаромарзӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Қочоқи маводи мухаддир яке аз омилҳои асосии ноором кардани минтақа боқӣ мемонад. Афғонистон истеҳсолкунандаи асосии афюн дар ҷаҳон боқӣ мемонад ва роҳҳои асосии қочоқи маводи мухаддир аз кишварҳои Осиёи Марказӣ мегузаранд. Ин вазъият ба афзоиши фасод дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва маблағгузории гурӯҳҳои ғайриқонунии ҷиноятӣ мусоидат мекунад. Кишварҳои минтақавӣ маҷбуранд, ки барои назорати марз ва ҳамкории байнидавлатӣ хароҷоти худро афзоиш диҳанд. Муҳоҷирати ғайриқонунӣ аз Афғонистон ба системаҳои иҷтимоию иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ фишори иловагӣ эҷод мекунад. Мавҷи гурезагон вазъияти демографиро мураккабтар ва мушкилоти бозори меҳнатро шадидтар мекунад. Ин боиси сахттар шудани қонунҳои муҳоҷират ва афзоиши эҳсосоти миллатгароӣ мегардад. Хавфу хатари ба амал омадани

низоъҳои қавмӣ ва тағйир ёфтани манзараи сиёсии ҷомеа оқибатҳои дарозмуддати равандҳои мазкур метавонанд бошанд.

Терроризми фаромиллӣ ба суботи дохилии кишварҳои Осиёи Марказӣ ба таври ҷиддӣ таҳдид менамояд. Фаъолияти як қатор созмонҳои террористӣ, аз ҷумла шохаи хуросонии ташкилоти террористии бо ном Давлати исломӣ аз тундгароии афзояндаи исломӣ шаҳодат медиҳад. Афзоиши фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ бо истифодаи қаламравҳои беназорати Афғонистон алоқаманд аст. Ин вазъият талошҳои ҳамоҳангшудаи ҳамаи субъектҳои минтақавиро талаб мекунад. «Мавҷудияти чунин созмонҳо, инчунин майлу хоҳиш надоштан ё нотавонии Толибон барои маҳдуд кардани фаъолияти онҳо, манбаъҳои асосии пайдоиши мушкилоти амниятӣ барои ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ мебошанд. Мутаассифона, Афғонистон баъди ба сари қудрат расидани ҳаракати Толибон хеле зуд ба маркази фаъолияти террористӣ табдил ёфт» [115, с.45]. Чунин арзёбӣ бо афзоиши шумораи ҳодисаҳои террористӣ дар минтақаҳои марзии Тоҷикистон ва Узбакистон тасдиқи худро пайдо мекунад. Нотавонии мақомоти нави Афғонистон ва зери назорати қатъӣ қарор дода натавонистани чунин вазъ кишварҳои ҳамсояро маҷбур мекунад, ки стратегияҳои амниятии худро аз нав дида бароянд. Дар посух ба таҳдидҳои террористӣ, роҳбарияти сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ назорати сарҳадиро сахттар кардаанд. Ҳукуматҳои минтақа салоҳияти мақомоти иктишофиро васеъ мекунанд ва дар фазои рақамӣ чораҳои маҳдудкунанда ҷорӣ мекунанд. Маҳз дар чунин шароит ҳамкориҳои амниятии кишварҳои Осиёи Марказӣ бо Русия ва Чин афзоиш меёбанд.

Тавсеаи руҳияи тундгароӣ дар байни аҳолии Осиёи Марказӣ бо омилҳои гуногун алоқаманд аст. Масалан, коргарони муҳоҷире, ки дар кишварҳои мизбон бо табъиз рӯ ба рӯ мешаванд, осебпазир мегарданд. Ин ва дигар омилҳои барои ҷалби афрод аз ҷониби созмонҳои мамнуъ заминаи мусоид фароҳам меоранд. Афзоиши руҳияи тундгароӣ ба

муносибатҳои байнимазҳабӣ ва ислоҳоти қонунгузорӣ таъсир мерасонад. Зеро дар натиҷаи бештар шудани хавфу хатари тундгароии динӣ давлатҳои минтақа назорати муассисаҳои динӣ ва барномаҳои таълимиро шадидтар мекунанд. Нисбат ба фаъолияти иттиҳодияҳои диние, ки берун аз назорати ҳукумат қарор доранд, маҳдудиятҳои гуногун ҷорӣ карда мешаванд. Ҳамзамон, барои тақвияти асосҳои дунявии давлатдорӣ ва муколамаи байнимазҳабӣ стратегияҳои нав таҳия ва қабул мегарданд.

Дар баробари таҳдидҳои номбаргардида дар минтақаи Осиёи Марказӣ як қатор мушкилиҳои дигари экологию амниятии дигар низ мавҷуданд, ки таҳкими муносибатҳои байнидавлатӣ ва таъмини рушди устувори минтақа аз ҳалли самараноки онҳо низ вобастагии зиёд дорад. Яке аз чунин масъалаҳо истифодаи самараноки захираҳои обӣ ва таъмини амнияти энергетикии кишварҳои минтақа мебошад. Ҳавзаи Амударё манбаи асосии об барои Осиёи Марказӣ мебошад, ки дар он манфиатҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Туркманистон ва Афғонистон ба ҳам мепайванданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари болооб захираҳои обии худро ҳамчун дароиди стратегӣ барои рушди нерӯгоҳҳои барқи обӣ истифода мебарад. Ӯзбекистон ва Туркманистон, ки кишварҳои аграрӣ мебошанд, ба обёрии заминҳои кишоварзии худ вобастаанд ва аз ин рӯ, тарафдори истифодаи афзалиятноки об барои мақсадҳои кишоварзӣ ҳастанд. Дар шароити тағйирёбии иқлим норасоии об метавонад асоси баҳсҳои тӯлонии байнидавлатиро ташкил медиҳад. Бархӯрди манфиатҳо аз сабаби тағйирёбии мавсимии ҷараёни об ва тағирёбии иқлим, ки пешгӯишавандагии пойгоҳи захираҳоро коҳиш медиҳад, шадидтар мешавад. Набудани механизми минтақавӣ оид ба тақсимоти захираҳои об боиси қабули қарорҳои яктарафа мегардад. Кӯшишҳои ҳалли масъала дар доираи Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсозии захираҳои об то ҳол натиҷаи устувор надодаанд, зеро дар атрофи методологияи истифодаи об ҳанӯз ҳам ихтилофи назарҳо вуҷуд

доранд. Вазъият бо иштироки субъектҳои беруна, ки моделҳои алтернативии идоракунии захираҳоро пешниҳод мекунанд, боз ҳам мураккабтар мешавад.

Муносибати байни кишварҳои Осиёи Марказӣ дар масъалаҳои об дар шакли ҳамгироии рушдёбанда ба назар мерасад. Захираҳои обие, ки асосан аз дарёҳои фаромарзӣ (Амударё, Сирдарё ва дарёҳои кӯчак) ташкил шудаанд, барномаҳои мухталифи кишварҳо ва рушди баҳсҳои мутақобиларо ба вуҷуд меоваранд. Нақшаҳои обёрӣ ва сохтмони неругоҳҳои барқи обии нав, ба монанди лоиҳаҳо дар қисми болоӣ ва поёнии дарёҳо, ҳатто дар ҳолати як қатор созишномаҳо низ мувофиқан такомул ёфта истодаанд. Ин раванд ба ҳолати умумии истифодаи захираҳои обӣ таъсири манфӣ мерасонад ва сабаби паст шудани самаранокии истифодаи он мегардад. Амнияти энергетикии кишварҳои Осиёи Марказӣ низ ба ҳалли масъалаҳои обӣ вобаста мебошад. Таъмини манбаъҳои барқ, ки барои рушди иқтисодӣ ва таҳкими инфрасохтор хеле муҳим мебошанд, ба захираҳои обии доимӣ ва мустақим ниёз дорад. Барои таъмини рушди устувори минтақа ва таҳкими муносибати байнидавлатӣ, ҳалли масъалаҳои мутақобила бояд дар шакли созишномаҳои нави байнидавлатӣ ва сохтани механизмҳои нави ҳамкорӣ сурат гирад. Механизмҳои мазкур метавонанд ҳамкории мутақобилаи кишварҳо дар таҳияи нақшаҳои умумии истифодаи захираҳои обӣ, сохтмони лоиҳаҳои неругоҳҳои барқи обии нав ва ташкили системаҳои назорати умумии сифати обро дар бар гиранд. Ҳамин тавр, танҳо ҳамкории дастаҷамъии кишварҳои минтақа ва ташкили муколамаи доимӣ метавонад ба ҳалли ин масъалаҳо мусоидат кунад.

Таҳкими муносибати байни кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ин самт ба ташкили минтақаи устувор ва рушди мутақобилаи он таъсири муҳим мерасонад. Ҳалли самараноки масъалаҳои истифодаи захираҳои обӣ ва таъмини амнияти энергетикии кишварҳо метавонад ба таври мустақим ба таҳкими сулҳу оромӣ дар минтақа ва ташкили шароити мусоиди

рушди иқтисодии ҳама кишварҳои он оварда расонад. Ин раванд барои таъмини оромии минтақа ва рушди мутақобилаи он дар оянда заминаи муҳим мегузорад.

Нерӯгоҳи барқи обии Роғун, бузургтарин лоиҳаи энергетикии Тоҷикистон, рамзи орзуҳои кишвар барои мустақилияти энергетикӣ мебошад. Иқтидори эҳтимолии Неругоҳи барқи обии Роғун баъди пурра ба истифода додани он 3600 МВт мебошад. Бо чунин иқтидор Ҷумҳурии Тоҷикистон қодир мегардад, ки ниёзҳои дохилии хешро пурра қонеъ гардонад ва иқтидори содиротиашро бештар намояд. Аммо, татбиқи лоиҳа аз соли 1976 бо муқовимати кишварҳои поёноб рӯ ба рӯ шудааст, зеро аз коҳиши таъминоти об барои бахши пахтакорӣ нигарон буданд. Аҳамияти стратегии Роғун барои Тоҷикистон хеле зиёд аст, зеро бо шомил кардани он ба барномаҳои рушди миллӣ Тоҷикистон ҳамчун кишвари «тавлидгари иқтисоди сабз» шинохта мешавад. Коршиносони байналмилалӣ қайд мекунанд, ки «ин лоиҳа ба муносибатҳои минтақавӣ то андозае таъсиргузорӣ намудааст, зеро вайрон шудани тавозуни байни афзалиятҳои энергетикӣ ва обёрии заминҳои киштшавандаи кишварҳои поёнобро метавонад ба вуҷуд оварад» [80, с.124]. Маблағгузории Бонки ҷаҳонӣ ва ниҳодҳои молиявии аврупоӣ сатҳи эътирофи бехатарии экологии лоиҳаи мазкурро то як андоза таъмин намудааст, аммо норозигии субъектҳои минтақавиро пурра коҳиш надодааст. Дар соли 2016 баъди иваз гардидани роҳбарияти сиёсии Ӯзбекистон муколамаи байни Тоҷикистон ва ин кишвари ҳамсоя қисман ба эътидол ома два дар солҳои баъдӣ дар сатҳи хеле хуб қарор гирифт. Аммо баҳсҳои техникӣ дар атрофи нишондодҳои сарбанди Неругоҳи барқи обии Роғун ва низоми пур кардани обанбор нишон медиҳанд, ки баррасии масъалаи таносуби истеҳсоли энергия ва ниёзҳои ирригатсионӣ ҳанӯз ҳам идома дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ташаббускори рушди дипломатияи об кӯшиш менамояд, ки ҳадафҳои стратегии худро дар соҳаи

гидроэнергетика бо зарурати нигоҳ доштани суботи минтақавӣ ба амал барорад. Иштироки Тоҷикистон дар платформаҳои бисёрҷониба, ба монанди Муколамаи оби Осиёи Марказӣ, нишонаи эътирофи аҳамияти механизмҳои чунин гуфтушунидҳо мебошад. Ҳамзамон, рушди силсиланерӯгоҳҳои барқи обии рудхонаи Вахш идома дорад, ки дар сиёсати дохилӣ афзалияти истиқлолияти энергетикиро нишон медиҳад. Дурнамои ҳалли устувори масъалаҳои номбаргардида аз таҳияи созишномаҳои ҳамаҷонибае вобаста мебошад, ки ниёзҳои мавсимии ҳамаи ҷонибҳоро дар бар мегирад. Таҷрибаи идоракунии муштараки захираҳои фаромарзӣ дар мисоли дигар минтақаҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки барои ҳалли масъалаҳои обии дорои характери минтақавӣ таъсис додани сохторҳои мустақили назоратӣ ва механизмҳои арбитражӣ зарур аст. Татбиқи бомуваффақияти чунин моделҳо метавонад дар Осиёи Марказӣ низоъҳои обӣ ва энергетикиро на танҳо аз байн бубарад, балки ба омили минбаъд ташаккул ёфтани ҳамкориҳои минтақавӣ табдил диҳад.

Баъзан вақт мушоҳида намудан мумкин аст, ки ба сиёсати пешгирифтаи як қатор давлатҳои Осиёи Марказӣ субъектҳои хориҷӣ таъсири назаррас мерасонанд. Қазоқистон дар доираи лоиҳаҳои ҳамгироии Авруосиёӣ модели мураккаби ҳамкорӣ бо Русия ва Чинро нишон медиҳад. «Русия ва Чин шарикони асосии иқтисодиву тиҷоратии беруназминтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошанд ва ҳар гуна мухолифат ба сиёсати иқтисодии Русия ва Чин ба татбиқи стратегияҳои рушди миллии онҳо таъсир мерасонад» [86, с.708]. Майтдинова Г. қайд менамояд, ки «қариб ҳамаи кишварҳои минтақа айни замон стратегияҳои модернизатсияи худро бо Ташаббуси «Як камарбанд ва роҳ»-и Чин мутобиқ мекунанд ва якчанд кишварҳо (Тоҷикистон, Узбекистон, Қазоқистон ва Қирғизистон) шарикони стратегии Русия мебошанд; Қирғизистон ва Қазоқистон инчунин муттаҳидони ИИАО ҳастанд» [86, с.708].

Иштирок дар ИИАО ҳамоҳангии зичи иқтисодӣ ва низомӣ-сиёсиро бо Маскав таъмин мекунад. Чунин ҳамкорӣ дар лоиҳаҳои муштараки инфрасохторӣ ва ҳамкории энергетикӣ инъикос ёфтааст. Ғайр аз ин, сармоягузории Чин тавассути ташаббуси «Як камарбанд – як роҳ» ба диверсификатсияи долонҳои нақлиётӣ ва модернизатсияи саноатӣ мусоидат мекунад. Ҷустуҷӯи тавозун байни ҳамгироии Авруосиё ва манфиатҳои миллӣ сиёсати хориҷии Қазоқистонро ба таҳаввулоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ намудааст. Ҷумҳурии Қазоқистон зимни густариши муносибатҳои тиҷоратӣ бо Чин хеле зиёд кӯшиш менамояд, ки эҳтиёткор бошад, то ки дороиҳои стратегии кишвар дар ихтиёри назорати хориҷӣ қарор нагирад. Чунин мавқеъгирӣ имкон медиҳад, ки соҳибихтиёрии Қазоқистон ҳифз карда шавад ва ҳамзамон аз вобастагии аз ҳад зиёд ба як акторҳои беруна пешгирӣ гардад ва инчунин форматҳои ҳамкории бисёрҷониба низ таҳия карда шаванд. Таҳлили модели Қазоқистон таҷзияи ӯҳдадориҳои ҳамгироӣ дар доираи ИИАО ва истифодаи амалии имкониятҳои иқтисодии Чинро дар бар мегирад. Шарикии стратегии Қазоқистон оид ба таъмини амният бо Русия тавассути лоиҳаҳои энергетикии Чин пурра карда мешавад. Чунин равиши сиёсӣ сохтори мураккаби сиёсати хориҷии Қазоқистонро ба вуҷуд оварда, мавқеи минтақавии ин кишварро дар Осиёи Марказӣ тақвият медиҳад.

Ӯзбекистон сиёсати хориҷиеро пеш мебарад, ки дар он бетарафии анъанавӣ бо тақвияти ташаббусҳои минтақавӣ алоқаманд карда мешавад. Даст кашидани Ӯзбекистон аз блокҳои ҳарбӣ-сиёсӣ ба Тошканд имкон медиҳад, ки бо Русия, Чин ва кишварҳои Ғарб ҳамкориҳои баробарҳуқуқро инкишоф диҳад. Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо Русия дар соҳаҳои муҳофизат ва кишоварзӣ ҳамкории иқтисодӣ ба роҳ мондааст, аммо сармоягузории Чинро дар соҳаи саноат ва инфрасохтори нақлиётӣ истифода мебарад. Истифодаи муҳити рақобатноки акторҳои ҷаҳонӣ барои ба ҳадди аксар расонидани манфиатҳои иқтисодӣ хусусияти фарқкунандаи стратегияи Ӯзбекистон мебошад. Иштирок дар

лоиҳаҳои СҲШ бо рушди муносибатҳои дуҷониба бо Иттиҳоди Аврупо ва ИМА омехта карда мешавад. Чунин мавқеъгирӣ хатари вобастагии яктарафаи сиёсати хориҷиро коҳиш медиҳад. Чунин равиш татбиқи афзалиятҳои миллиро бидуни халалдор кардани соҳибихтиёрӣ имконпазир мегардонад. Дар тақвияти ҳамоҳангии минтақавӣ бо кишварҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ сиёсати хориҷии Ӯзбекистон аз соли 2016 фаъолтар гардидааст. Ташаббусҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба ҳалли масъалаҳои обу энергетика ва рушди пайвастаи нақлиётӣ стратегияи бисёрсамтаи ин кишварро ташкил медиҳанд.

Ҷумҳурии Қирғизистон бошад дар шароити афзоиши таъсиррасонии беруна бо мушкилоти нигоҳ доштани суботи сиёсии дохилӣ рӯ ба рӯ аст. Вобастагии Қирғизистон аз муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳамкории ҳарбӣ-техникӣ тавассути САД дар шароити тағйирёбандаи геополитикӣ осебпазирии вайро ба вуҷуд меорад. Дар ин кишвар зуд-зуд иваз гардидани элитаи ҳукмрон заифии ниҳодҳои сиёсии онро нишон медиҳад. Чунин вазъ имкон намедиҳад, ки ҳукумати ин кишвар барои вокуниш ба мушкилоти минтақавӣ стратегияи мувофиқ таҳия намояд. Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки фишори беруна зиддиятҳои дохилии ҷомеаи Қирғизистонро шадидтар мекунад. Вобастагии иқтисодӣ аз истихроҷи тилло ва интиқоли пули муҳоҷирон имкониятҳои Қирғизистонро барои диверсификатсияи робитаҳои сиёсати хориҷӣ маҳдуд мекунад. Аз ин рӯ, тақвияти ниҳодҳои давлатӣ ва рушди ҳамкории минтақавӣ барои Ҷумҳурии Қирғизистон омили асосии таҳкими устувории системаи сиёсӣ боқӣ мемонад.

Ҳамин тариқ, бо назардошти гуфтаҳои боло қайд бояд кард, ки диверсификатсияи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ аҳамияти стратегӣ дорад. Масалан, рушди муносибатҳо бо Туркия, Эрон ва кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ имкон медиҳад, ки вобастагии кишварҳои Осиёи Марказӣ аз марказҳои анъанавии геополитикӣ коҳиш дода шавад. Чунин муносибат ба

ташаккули низоми бисёркутбаи ҳамкорӣ мусоидат намуда, иқтидори робитаҳои дипломатии минтақаро афзоиш медиҳад. Самтҳои мушаххаси ҳамкорӣ метавонанд лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ дар соҳаҳои энергетика ва кишоварзиро дар бар гиранд. Ташкили низомҳои имтиёзноки тиҷоратӣ бо Покистон ва Ҳиндустон дастрасӣ ба бозорҳои навро фароҳам меорад. Густариши мубодилаи фарҳангӣ ва башардӯстона бо Эрон ва Туркия робитаҳои таърихиро тақвият медиҳад ва барои шарикии дарозмуддат заминаи мусоид фароҳам меорад.

Тақвияти иқтидори институтсионалии маъмурияти давлатӣ навсозии расмиёти маъмурӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои рақамиро талаб мекунад. Афзоиши шаффофияти қабули қарорҳо хатари дахолати беруна ба равандҳои сиёсии дохилиро коҳиш медиҳад. Ислоҳоти низомҳои судӣ ба тақвияти механизмҳои ҳуқуқии ҳифзи соҳибихтиёрии миллӣ оварда мерасонад. Ба андешаи олими ватанӣ Усмонзода Х.У., «чунин ҳолат барои фаҳмидан ва вокуниш нишон додан ба равандҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, ки ба манфиатҳо ва имкониятҳои ҷомеаҳои Осиёи Марказӣ мувофиқанд, табиатан зарурати таҳияи парадигмаҳои мувофиқро ба миён меорад» [105, с.62]. Тақсимоти оқилонаи захираҳо байни бахшҳои мудофиа ва иҷтимоӣ мувозинати манфиатҳоро ба вуҷуд меорад. Дар заминаи равиши системавӣ идора намудани бӯҳронҳо имкон медиҳад, ки осебпазирии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар муқобили таҳдидҳои гибридӣ ба ҳадди ақал расонида шавад.

Рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ асоси моддии истиқлолияти иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказиро ташкил медиҳад. Бунёди долонҳои байналмилалии Шимол-Ҷануб ва Шарқ-Ғарб роҳҳои содироти энергияро гуногунранг мегардонад. Модернизатсияи марказҳои роҳи оҳан дар Ӯзбекистон ва Қазоқистон иқтидори транзитии минтақаро афзоиш медиҳад. «Ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ яке аз роҳҳои муҳофизати Осиёи Марказӣ аз таъсиррасонӣ ва рақобати носолими бозори ҷаҳонӣ аст. Ҳамкории минтақавӣ метавонад рушди

устувори субъектҳо ва ҳамкории ҳамсоягии некро таъмин кунад» [69, с.284]. Таъсиси марказҳои логистикӣ дар Қирғизистон ва Тоҷикистон ҳамкории байнидавлатиро тақвият медиҳад. Татбиқи системаҳои идоракунии ҷараёни боркашонии рақамӣ хароҷоти ҷонибҳоро коҳиш медиҳад ва рақобатпазирии онҳоро афзун мегардонад.

Барои кишварҳои Осиёи Марказӣ такмили системаҳои амнияти иттилоотӣ барои безарар гардонидани таҳдидҳои муосири гибридӣ хеле муҳим аст. Амнияти киберӣ ва инфрасохтори он ба унсури ҳатмии амнияти миллӣ табдил меёбад. Таъсиси марказҳои минтақавии мониторинги таҳдидҳои рақамӣ имкон медиҳад, ки ба ҳамлаҳои киберӣ зуд вокуниш нишон дода шавад. «Аз замони ба сари қудрат расидани ҳаракати Толибон дар Афғонистон, рӯҳониёни исломӣ дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ вазифадор карда шудаанд, ки бо масҷидравон сӯҳбатҳои таълимӣ гузаронанд ва онҳоро аз хатарҳои терроризм ва экстремизм огоҳ кунанд» [115, с.44]. Барномаҳои таълимии баланд бардоштани саводнокии иттилоотии шаҳрвандон осебпазирии аҳолиро дар муқобили маълумоти нодуруст коҳиш медиҳанд. Ҳамкории байниидоравии мақомоти иктишофӣ қобилияти муқовимат ба экстремизми идеологиро тақвият медиҳад.

Бо назардошти таҳлилу баррасии масъалаҳои дар боло номбаргардида метавон баъзе тавсияҳои амалӣ барои таҳкими суботи минтақавӣ пешниҳод намуд. Ҳамин тариқ, таҳияи созишномаҳои бисёрҷониба барои ҳамоҳангсозии бозорҳои энергетикӣ ва истифодаи об таъсиси мақомоти махсуси байниҳукуматиро талаб мекунад. Чунин сохторҳо метавонанд тақсимоти захираҳои обро дар дарёҳои фаромарзӣ бо назардошти ноустувории мавсимӣ ва ниёзҳои кишоварзӣ танзим кунанд. Ҳамкории техникӣ дар самти мониторинги гидрометеорологӣ ва татбиқи технологияҳои сарфакунандаи об самаранокии идоракуниро беҳтар мекунад. Ҳамоҳангсозии системаҳои энергетикии минтақа тавассути ҳалқаҳои энергетикии ба ҳам пайвастшуда истеҳсол ва

транзити нерӯи баркро беҳтар мегардонад. Таъсиси бозори умумии энергетикие, ки бар асоси механизмҳои шаффофи тарифӣ асос ёфтааст, вобастагиро аз таъминкунандагони беруна коҳиш медиҳад. Лоиҳаҳои муштараки энергияи барқароршаванда пойгоҳи технологӣ ва рушди устуворро тақвият медиҳанд.

Ниҳодикунонии платформаҳои машваратӣ ҷаласаҳои мунтазами шуроҳои амниятӣ ва вазоратҳои дахлдори кишварҳои Осиёи Марказиро дар бар мегирад. Таҳияи инфрасохтори ягона барои вокуниш ба таҳдидҳои террористӣ ва экстремистӣ самаранокии ҳамкориро беҳтар хоҳад кард. Ҳамоҳангсозии хадамоти марзӣ тавассути таъсиси марказҳои муштараки мониторинги соҳа назорати ҷараёни фаромарзиро тақвият медиҳад. Таъсиси маркази таҳлилии доимӣ барои арзёбии хатарҳои минтақавӣ пешгӯии таҳдидҳои стратегиро таъмин мекунад. Татбиқи системаи бисёрсатҳаи мубодилаи иттилоот байни мақомоти иктишофӣ имкон медиҳад, ки мушкилоти амниятӣ фавран коҳиш дода шаванд. Таҳияи стандартҳои ягонаи амнияти киберӣ инфрасохтори муҳимми давлатҳои минтақаро ҳифз мекунад.

Дар натиҷаи таҳқиқи таъсири равандҳои геополитикии минтақавӣ ба вазъи сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ чунин хулосаҳо пешниҳод намудан мумкин аст. Сохторҳои интегратсионии минтақавӣ, аз ҷумла СҲШ, САД ва ИИАО, ба манзараи сиёсии Осиёи Марказӣ таъсири мухталиф расонидаанд. Аз як тараф, онҳо платформаеро барои ҳамоҳангсозии иқтисодӣ ва вокунишҳои муштарак ба чолишҳои амниятӣ фароҳам меоранд, ки чунин тамоюлот дар таъмини суботи минтақа аҳамияти зиёд дорад. Аз тарафи дигар, бартарии иштирокчиёни пешбари ин иттиҳодияҳо вобастагиҳои нобаробарро ба вуҷуд меорад, ки таҳкими соҳибихтиёрии давлатҳоро дар масъалаҳои муҳимми сиёсати хориҷӣ маҳдуд мекунад. Таҳлили таҳаввулоти ин созмонҳо дар панҷ соли охир нишон дод, ки механизмҳои онҳо барои пешбурди манфиати субъектҳои беруна истифода мешаванд. Чунин раванд махсусан дар соҳаҳои

ҳамкории иқтисодӣ ва амнияти дастаҷамъӣ ба назар мерасад, ки дар он имтиёзҳо барои шарикони калидӣ иқтидори дипломатии кишварҳои Осиёи Марказиро коҳиш медиҳанд. Чунин тағйирпазирӣ қобилияти ниҳодҳои минтақавиро барои хидмат ба манфиатҳои воқеии ҳамаи иштирокчиён каме мушкил мегардонад.

Бӯҳрони сол то сол афзояндаи Афғонистон ва баҳсҳои марзӣ барои халалдор намудани суботи сиёсии Осиёи Марказӣ таҳдидҳои мураккаберо эҷод мекунанд. Ҷараёнҳои муҳоҷират, ҷиноятҳои фаромарзӣ ва паҳншавии идеологияҳои радикалӣ ваҳдати иҷтимоиро халалдор мекунанд ва захираҳои ниҳодҳои давлатиро зери фишор қарор медиҳанд. Мушкилоти мазкур танишҳои мавҷудаи этникӣ-сиёсиро шадидтар мекунанд ва барои дахолати беруна муҳити мусоид фароҳам меоранд. Таҳқиқоти масъалаҳои мазкур нишон дод, ки ноустуворӣ дар канори минтақа мустақиман ба динамикаи сиёсии дохилии кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсир мерасонад. Набудани вокунишҳои ҳамоҳангшуда ба таҳдидҳои амниятӣ парокандагии равишҳои миллиро бештар мекунад, самаранокии вокунишҳои минтақавиро коҳиш медиҳад ва осебпазириро ба фишорҳои беруна афзоиш медиҳад.

Баҳсҳои обу энергетика омили систематикии танишҳои байнидавлатӣ дар Осиёи Марказӣ боқӣ мемонанд. Ба инобат нагирифтани механизмҳои ҳуқуқии эътирофшудаи умумиҷаҳонӣ барои тақсимоти захираҳои дарёҳои фаромарзӣ давра ба давра барҳӯрди манфиатҳоро байни кишварҳои болооб ва поёноб ба вуҷуд меорад. Таҷрибаи Тоҷикистон зарурати таҳияи моделҳои инноватсионии ҳамкориро нишон медиҳад, ки лоиҳаҳои энергетикиро бо афзалиятҳои экологӣ ва иҷтимоӣ муттаҳид мекунанд. Таҷрибаи Тоҷикистон дар соҳаи энергетика барои кишварҳои дигар дар таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои энергетикии устувор ва мувофиқ ба ниёзҳои ҷомеа намуна шуда метавонад. Бо дарназардошти афзалиятҳои экологӣ ва иҷтимоӣ, инчунин истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, мо метавонем ба ояндаи

энергетикии устувор ва шукуфон ноил гардем. Долони энергетикии Осиёи Марказӣ имкониятҳои назаррасеро барои тақвияти мустақилияти минтақавӣ пешниҳод мекунанд, аммо татбиқи онҳо хатари афзоиши вобастагии берунаро ба бор меорад. Диверсификатсияи стратегии масирҳои нақлиётӣ ва шарикӣ метавонад бахши энергетикаро аз объекти рақобати геополитикӣ ба абзори тақвияти қудрати гуфтушуниди давлатҳои минтақавӣ табдил диҳад.

Номутаносибии таъсири беруна байни қудратҳои ҷаҳонӣ мухолифатҳои сиёсии дохилиро дар кишварҳои Осиёи Марказӣ шадидтар мекунад. Коҳиш додани чунин таъсири манфӣ дар баробари диверсификатсияи робитаҳои сиёсати хориҷӣ тақвияти мунтазами иқтидори институтсионалии давлатҳоро талаб мекунад. Ҳамгироии тадриҷии иқтисодӣ, ки бар асоси принсипҳои манфиати мутақобила асос ёфтааст, метавонад муносибатҳои нобаробари субъектҳои берунаро танзим намояд. Тавсияҳое, ки барои кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳия гардидаанд, ба эҷоди механизмҳои устувори ҳамкории минтақавӣ нигаронида шудаанд. Татбиқи онҳо институтсионализатсияи ҳамкории бисёрсатҳа, мониторинги мунтазами хатарҳои геополитикӣ ва мутобиқсозии тачрибаҳои беҳтаринро дар бар мегирад.

БОБИ III. ДУРНАМОИ ТАҲКИМИ ВАЗЪИ СИЁСӢ ВА ГЕОПОЛИТИКӢ ДАР МИНТАҚАИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

3.1. Таъмини амнияти минтақавӣ омили муҳимми таҳкими вазъи сиёсии Осиёи Марказӣ

Осиёи Марказӣ ҳамчун минтақаи хоси геополитикӣ нуқтаи бархӯрди манфиатҳои қудратҳои гуногун ба ҳисоб меравад. Вусъат пайдо намудани ҷаҳонишавӣ ҳамчун раванди фарогир эҳтиёҷоти густариши ҳамгироии байни кишварҳоро боло бурдааст. Ба ақидаи С.Ҳангтинтон: «Вақте, ки сухан дар бораи ҷаҳонишавӣ ва таъсири он ба минтақаҳои мушаххас меравад, баррасӣ намудани он дар қаринаи ду тамоюли асосӣ, яъне ҳамгироии ҷаҳонӣ ва тавсеаи гуногуншаклии он ба мақсад мувофиқ аст. Маҳз якҷоя амал кардани онҳо (ва дар баъзе ҳолатҳо дар муқобили якдигар қарор гирифтанашон) инкишофи ҷаҳони имрӯза, номуайянии он ва аз ҳама муҳимтар - ҳифзи онро барои ҳар як миллат ва давлат муҳим месозад» [159, с.18-19]. Ин заруратро кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун минтақаи калидии геополитикӣ дар марҳалаи муосири рушди худ эҳсос намуда истодаанд. Маҳз номуайянӣ дар ҳамкории байни субъектҳои асосии муносибатҳои байналмилалӣ, вайрон шудани таносуб дар низоми муносибатҳо, хусусан байни абарқудратҳо, боиси афзоиши шиддат гашта истодааст.

Ҳамгирии ҷаҳонӣ дар шароити муосир дар шакли глобализатсия ба амал омада, раванди ба вуҷуд овардани вобастагии иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии мамлакатҳои гуногунро дар бар мегирад. Чунин тамоюл дар заминаи рушди технологияҳои иттилоотӣ, тиҷорати байналмилалӣ ва ҳаракати озоди сармоя амалӣ мегардад. Дар минтақаҳои пешрафта, мисли Аврупо ва Амрикои Шимолӣ, ҳамгироӣ боиси афзоиши сатҳи зиндагӣ, навовариҳо ва дастрасии васеъ ба бозорҳои ҷаҳонӣ шудааст. Аммо дар минтақаҳои рушдкунанда, ба монанди Осиёи Марказӣ, аз ҳад

зиёд гардидани чунин равандҳо метавонад ба вобастагии иқтисодӣ ва нобаробарӣ оварда расонад, зеро тамоюлоти мазкур кишварҳои тозаистиқлоли минтақаро бо таъсири манфии ширкатҳои фаромиллӣ рӯ ба рӯ месозад.

Дар чунин шароит ба амал баровардани диверсификатсияи иқтисодӣ ва гуногунсамтии сиёсати хориҷӣ омили муҳиммест, ки барои ҳифзи хусусиятҳои маҳаллӣ ва фарҳангии минтақаҳо равона шудааст. Ин маънои онро дорад, ки ҳар як миллат ва давлат бояд саъй кунад, то арзишҳои миллии худро дар шароити ҷаҳонишавӣ нигоҳ дорад ва аз ҳамоҳангшавии комил бо стандартҳои ғарбӣ худдорӣ варзад. Масалан, дар минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, як қатор кишварҳо, ба монанди Ҳиндустон ва Индонезия бо истифода аз ин тамоюл, саноати маҳаллӣ ва фарҳанги анъанавиро пеш мебаранд, ки ин ба онҳо имкон медиҳад, то дар бозори ҷаҳонӣ ҷойгоҳи мустақил пайдо кунанд. Ҳамчунин, ин тамоюл ба ҳалли мушкилоти экологӣ ва иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

Дар аксар маврид ин ду тамоюл дар муқобили якдигар амал мекунанд ва ин сабабгори зиддиятҳои ҷиддӣ мегардад. Масалан, ҳамгироии ҷаҳонӣ метавонад ба осебпазир гардидани анъанаҳои маҳаллӣ оварда расонад, чун фарҳанги оммавии ғарбӣ тавассути расонаҳо ва ширкатҳои тиҷоратӣ паҳн мешавад. Дар ин замина, тавсеаи гуногуншаклӣ ҳамчун воситаи муқовимат пайдо мешавад, зеро ҷаҳонишавӣ миллатҳоро водор месозад, ки ҳувияти худро таҳким бахшанд. Дар минтақаҳои пасошуравӣ, ба мисли Қафқоз ва Осиёи Марказӣ, ин зиддиятҳо баъзан ба низоъҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ оварда расонидаанд, зеро давлатҳо байни фоидаи иқтисодии ҳамгироӣ ва ҳифзи соҳибихтиёрии фарҳангӣ баъзан вақт наметавонанд тавозуни лозимаро пайдо кунанд.

Бо вуҷуди ин, бо ҳам алоқаманд намудани омилҳои номбаргардида метавонад ба натиҷаҳои мусбат оварда расонад, агар онҳо бо тартиб ва ором идора карда шаванд. Дар мисоли Иттиҳоди Аврупо, кишварҳо

ҳамгироии иқтисодиро бо нигоҳдории гуногуншаклии забонӣ ва фарҳангӣ амалӣ кардаанд. Чи гунае ки мушоҳида мешавад, чунин мавқеъгирӣ ба рушди устувори онҳо мусоидат кардааст. Дар минтақаҳои дигар, ба монанди Амрикои Лотинӣ, диверсификатсияи иқтисодӣ, пешрафти саноати маҳаллӣ ва тиҷорати дохилӣ ба коҳиш додани таъсири манфии глобализатсия мусоидат намудааст. Чунин ҳолатҳо нишон медиҳанд, ки ҳар як давлат бояд сиёсати худро бар асоси шароити хоси кишвараш таҳия кунад, то ҳам аз фоидаҳои ҳамгироӣ баҳра барад ва ҳам гуногуншаклиро ҳифз намояд.

Дар ниҳоят, ҳифзи инкишофи ҷаҳони имрӯза дар шароити номуайянӣ аз масъулияти ҳар як миллат ва давлат вобаста аст. Ҷаҳонишавӣ на танҳо имкониятҳо, балки хатарҳоро низ ба вуҷуд меорад, ва танҳо бо муттаҳид кардани ҳамгироӣ бо гуногуншаклӣ метавон ин хатарҳоро коҳиш дод. Чунин раванд саъю талоши муштараки ҳукуматҳо, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалиро талаб менамояд. Дар чунин шароит минтақаҳои мушаххас, аз ҷумла Осиёи Марказӣ, метавонанд нақши муҳим бозанд, агар онҳо таҷрибаи худро бо дигарон мубодила кунанд ва роҳҳои ҳамоҳангшударо пайдо карда тавонанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки омилҳои таъсиррасон ба вазъи сиёсии минтақаи Осиёи Марказӣ хеле зиёданд. Ба ақидаи А. Раҳмонзода: «Дигаргуниҳои амиқ дар сохтори ҷомеаи ҷаҳонӣ, тағйирёбии харитаи геосиёсии ҷаҳон ва ташаккулёбии гурӯҳҳои ҳамгироии байналмилалӣ бисёре аз давлатҳоро водор ба он сохт, ки ба ҷустӯҷуйи шаклҳои нави амнияти дастаҷамъӣ ва ҳамкории иқтисодӣ машғул шаванд. Равандҳои наздикшавии давлатҳои мустақил ва муттаҳид гардидани онҳо дар ниҳодҳои асосии минтақавӣ омили асосии муносибатҳои муосири байналмилалӣ гардиданд. Бо ин тартиб зарурати гузаронидани таҳлили ҳамаҷонибаи падидаи ҳамгироӣ, воқеияти муосир, ояндаи давлатҳо ва минтақаҳо дар фазои геосиёсии минтақаи Осиёи марказӣ пайдо мешавад» [46, с.36]. Вобаста ба ин қайд намудан зарур аст, ки маҳз

ҳамгироии минтақавӣ дар шароити муосири Осиёи Марказӣ яке аз омилҳои муҳим дар роҳи таъмини суботи минтақа мебошад.

Дар асри XXI раванди ҳамгироӣ на танҳо дар минтақаҳои пешрафта, балки дар фазоҳои таърихан ҳамқисмат низ амиқтар мешавад. Осиёи Марказӣ, ки дар гузашта ба унвони майдони «бозии бузург» байни қуввахои хориҷӣ маълум буд, имрӯз дар назари марказҳои сиёсатшиносии ҷаҳон ҳамчун минтақаи мустақили геосиёсӣ, ки қодир ба ташаккули худмуайянӣ аст, баррасӣ мешавад. Ин тағйири мавқеъ натиҷаи пошхӯрии системаи дуқутбаи ҷаҳонӣ ва ба вуҷуд омадани марказҳои нави ҳокимияти иқтисодӣ ва сиёсӣ мебошад. Сиёсатшиноси тоҷик Муҳаммадзода П. иброз медорад, ки «Дар ҳақиқат, имрӯз, дар шароити тағйироти куллӣ дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ, нақш ва мавқеи Осиёи Марказӣ рӯз аз рӯз афзоиш меёбад. Осиёи Марказӣ дар ҷаҳони муосир мавқеи муҳимми стратегиро ишғол мекунад. Ин минтақа дорои потенсиали бузурги эҷодӣ буда, метавонад дар оянда ба як нерӯи пешбарандаи тағйироти назаррас табдил ёбад. Дар айни замон, Осиёи Марказӣ ҳоло бо оқибатҳои пурраи ҳама мушкилоте, ки дар саросари ҷаҳон ба миён меоянд, рӯ ба рӯ аст. Бинобар ин, равиши стратегие бояд истифода бурда шавад, ки ба манфиати кишварҳои минтақа бошад» [137]. Давлатҳои минтақа бо истифода аз манфиатҳои мутақобила ва фарҳангҳои таърихии наздик дар роҳи эҷоди нақшаҳои ҳамкории минтақавӣ қадам мегузоранд. Чунин ҳамкорӣ метавонад барои рушди минбаъдаи ҳамгироии минтақа дар оянда хизмат кунанд.

Яке аз ҷолибтарин ҷиҳатҳои ин раванд дигаргунии тафаккури амниятӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ мебошад. Гарчанде ки амнияти анъанавӣ, ки асосан ба ҳифзи сарҳадҳо ва муқовимат бар таҳдидҳои хориҷӣ равона шудааст, ҳанӯз мавқеи худро гум накардааст, вале эҳтиёҷ ба навъи дигари амният – амнияти иқтисодӣ, энергетикӣ, обӣ ва экологӣ зиёд мегардад. Ин тағйирот давлатҳоро ба сӯи ҳамкории дастаҷамъӣ ва ташкилотҳои минтақавие мекашонад, ки қобилияти бартараф кардани

ин мушкилоти муштаракро дошта бошанд. Масалан, масъалаи тақсимоти манбаъҳои об ё транзити энергия аз ҳолати манфиатҳои миллии холис ба майдоне табдил ёфтааст, ки танҳо дар натиҷаи гуфтушуниди доимӣ ва созишҳои мушаххаси ҳамҷаворӣ ҳал карда мешавад.

Раванди ҷаҳонишавӣ ва инкишофи шабакаҳои нақлиётии байналмилалӣ низ барои Осиёи Марказӣ имкониятҳои бесобиқа фароҳам овардаанд. Минтақа ҳамчун камарбанди бузурги байни Шарқу Ғарб, Шимолу Ҷануб баромад кардааст, ки он ба қуввaҳои минтақавӣ имконияти нави иқтисодӣ ва сиёсӣ медиҳад. Лоиҳаҳои бузурге чун "Як камарбанд, як роҳ" ё кори фаъоли нақлиётии Транс-каспий на танҳо рушди инфрасохторро суръат мебахшанд, балки давлатҳои минтақаро ба таври объективӣ ба ҳамкории зичтар ва ҳалли мушкилоти гуманитарӣ мекашонад. Ин фазои нақлиётӣ ба ҷузъи муҳимми харитаи геоиқтисодии нави минтақа табдил меёбад.

Ояндаи раванди ҳамгироӣ дар Осиёи Марказӣ вобаста ба қобилияти давлатҳо барои ҳалли мушкилоти таърихан мавҷуда хоҳад буд. Таҷрибаи СҲШ, Созмони ҳамкории исломӣ, ИИАО ва дигар субъектони ҳамгироии минтақавӣ нишон медиҳад, ки созишҳои назаррас имконпазиранд. Ҳамин тариқ, ҷомеаи ҷаҳонӣ, шояд, дар оянда назари худро ба ин минтақа чун намунае аз ташаккули сулҳомези фазои геосиёсӣ, ки дар он манфиатҳои муштараки минтақавӣ аз тарафдориҳои қаблии таърихӣ пеш меоянд, муаррифӣ намояд.

Дар ин замина, ба ақидаи таҳлилгар М.Боканова: «Хусусияти хоси Осиёи Марказӣ - мавҷудияти маҷмуи беназири чолишҳо ва таҳдидҳои сатҳҳои гуногун мебошад. Минтақа гаравгони афзоиши номуайянии ҷаҳонӣ шудааст. Вобастагии он аз сохтори сиёсати ҷаҳонӣ мушкили дарозмуддат аст, зеро таносуби қуввaҳо дар арсаи ҷаҳонӣ байни актoрҳои асосии беруна пайваста тағйир меёбад» [21, с.56]. Дар ҳақиқат, дар марҳалаи кунунӣ тағйирпазирии пайвастаи таносуби қуввaҳо ва

дигаргуниҳои ҷиддӣ дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ мушкилоте маҳсуб меёбад, ки ба кишварҳои минтақа таҳдидҳои зиёдеро пеш меоварад. Хусусан таъсиррасонии ин раванд ба мавқеъмуайянкунии кишварҳои минтақа эҳсос гардида истодааст. Интихоби мавқеи ба манфиатҳои миллию давлатии онҳо мувофиқ масъалаи мураккабест, ки кишварҳоро бо он рӯ ба рӯ кардааст. Дар замони муосир, ки абарқудратҳо шаклҳои гуногуни таҳримҳои иқтисодиро нисбати якдигар амалӣ намуда истодаанд, интихоби мавқеи муфид хеле мушкил гаштааст. Таҳдиди наафтидан ба рӯйхати вайронкунандагони ин таҳримҳо кишварҳои минтақаро ба эҳтиёткории махсус водор месозад. Дар натиҷа тарҳҳои гуногуни иктисодии барои таҳкими истиқлолияту давлатдории ин кишварҳо зарурӣ метавонанд амалӣ нашуда монанд.

Воқеияти сиёсии гузашта ва имрӯза собит мекунад, ки мавқеи муносиби ҷойгиршавӣ ва захираҳои бойи табиӣ, мавҷудияти омилҳои гуногуни иҷтимоию фарҳангӣ ва сиёсию иқтисодӣ аз ҳар ҷиҳат барои акторҳои асосии геополитикӣ ҷолибияти минтақаи мазкурро боло мебарад. Ин ҳолат имкон медиҳад, ки абарқудратҳо аз мавқеи авлавияти манфиатҳои геополитикии худ ба он назар дошта бошанд. Ҳамин аст, ки таъсиррасониҳо ва талошҳо баҳри нигоҳ доштани нуфуз аз ҷониби онҳо пайваста эҳсос карда мешавад. Вобаста ба ин, В. Бакланов қайд мекунад, ки: «Дар шароити муосири норасоии махсусан шадиди захираҳои энергетикӣ аҳаммияти Осиёи Марказӣ аз ҷиҳати геоиқтисодӣ ба таври назаррас меафзояд. Мавҷудияти конҳои нафту газ, захираҳои уран, тилло, дигар металлҳои ранга ва канданиҳои фоиданок дар якҷоягӣ бо мувофиқати роҳандозии иртибототи байналмилалӣ давлатҳои тавонои ҷаҳонро ба ин минтақа ҷалб мекунад. Дар ин ҷо манфиатҳои сохторҳои гуногуни байнидавлатии ИМА, Русия ва Чин, ширкатҳои трансмиллии энергетикӣ ва нақлиётии Ғарбу Шарқ, инчунин динҳои гуногун барҳӯрд мекунанд» [122]. Манбаи захираҳои обӣ будани минтақа низ боиси таваҷҷуҳи бештари кишварҳои манфиатдор гаштааст. Дар натиҷа ҳар

кадоме аз ҷонибҳо мекӯшанд, ки дар ин ҷо таъсиру нуфузи бештар дошта бошанд. Ҳамаи ин дар якҷоягӣ фазои геополитикӣ ва геоиқтисодии минтақаро ҳассосу осебпазир мегардонад. Таъсири талошҳои зикргардида хусусан дар замони вусъати раванди ҷаҳонишавӣ шиддати тоза пайдо мекунад. Маълум аст, ки бозиҳои манфиатхоҳонаи геополитикӣ қодиранд барои кишварҳои минтақа мушкилиҳои зиёдеро пеш оваранд.

Воқеият ин аст, ки мавқеи муносиби ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва имкониятҳои бойи захиравӣ Осиёи Марказиро дар нақшаҳои геополитикӣ нуқтаи махсус гардонидааст. Сабаби дигари ҷолибияти минтақа дар он аст, ки он ба сифати масири ҷудокунандаи тамаддунҳо, аз он ҷумла ислом ва динҳои дигар маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, зиддиятҳо ва таҳдидҳои идеологии дар минтақа мавҷуда ва пайдошаванда вижагиҳои ба худ хос доранд, яъне бо тафовутҳо ва ихтилофоти тамаддунӣ боз ҳам печидатар мешаванд. Маҳз омили идеологӣ яке аз таҳдидҳои ҷиддӣ маҳсуб ёфта, технологҳои сиёсӣ ҳамаҷиҳата кӯшиш намуда истодаанд, ки аз он тибқи манфиатҳои худ истифода намоянд. Дар ин раванд барҳӯрдҳои эътиқодӣ таҳдиди ҷиддӣ ба амният ва суботи минтақа маҳсуб меёбанд. Маълум аст, ки экстремизму терроризми байналмилалӣ ихтилофҳои эътиқодиро ҳамчун сарчашмаи устуворгардонии қудрати худ истифода мебаранд. Вобаста ба ин, «таҳаммулнопазирӣ ва эҳтирому эътироф накардани ақидаи дигарон, ботил шуморидани арзишу меъёр ва донишу ғояҳои умумипазируфта, худнамоишдиҳӣ ва зоҳирпарастӣ дар иҷрои ниёзҳои эътиқодӣ ва маҷбур сохтани дигарон ҷиҳати пайравӣ ба онҳо, нишон додани фарқияти мансубияти мафкуравии худ тавассути рафтори дағалу зиддиқонунӣ нишонаҳои рафтори ифротгароёна мебошанд, ки ҳамаи онҳо чун натиҷа зиддият, ихтилоф, бадбинии миллию мазҳабӣ ва дигар пайомадҳои манфиро дар бар доранд» [108]. Чунин таҳдидҳо кулли ҷомеаҳои Осиёи Марказиро метавонанд домангир шаванд.

Дар баробари ин Осиёи Марказӣ минтақаи буферӣ буда, марзҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро аз Афғонистон ҷудо мекунад. Маълум аст, ки вазъи ноустувори сиёсии давомдор дар Афғонистон ин худ нишонаи татбиқи ҷузъе аз лоиҳаи бузурги геополитикӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад. Ҳолати мазкур вазъи амниятии минтақаро осебпазир гардонида, ба мақсадҳои баъзе аз неруҳои геополитикӣ мувофиқ мебошад. Дар чунин шароит, кишварҳои Осиёи Марказӣ бояд барои таъмини субот ва амнияти минтақа тадбирҳои мушаххас андешанд. Ин тадбирҳо бояд ҳам дар дохили кишварҳо ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ амалӣ шаванд. Дар дохили кишварҳо, муҳим аст, ки ҳукуматҳо ба таҳкими ниҳодҳои давлатӣ, мубориза бо терроризму экстремизм, беҳтар намудани фазои маънавии ҷомеа ва таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон диққати ҷиддӣ диҳанд. Ин омилҳо барои пешгирии нооромиҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ, ки метавонанд аз берун истифода шаванд, хеле муҳиманд.

Дар сатҳи минтақавӣ ҳамкорӣ бо кишварҳои ҳамсоя ва шарикони стратегӣ дар самти амният ва мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ аҳамияти калон дорад. Табодули иттилоот, гузаронидани машқҳои муштараки низомӣ ва таҳияи стратегияҳои муштарак оид ба муқовимат бо таҳдидҳои амниятӣ метавонад ба таҳкими субот дар минтақа мусоидат кунад. Ҳамчунин, муколамаи фаъол бо Афғонистон ва кӯшишҳо барои ҳалли сулҳомези муноқишаҳо дар ин кишвар муҳим аст. Илова бар ин, кишварҳои Осиёи Марказӣ бояд дар самти рушди иқтисодӣ ва инфрасохтор низ ҳамкорӣ кунанд. Лоиҳаҳои муштараки иқтисодӣ, бунёди роҳҳо ва шабакаҳои энергетикӣ метавонад ба афзоиши шуғл, беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум ва таҳкими иқтисоди минтақа мусоидат намояд. Ин омилҳо дар навбати худ ба суботи сиёсӣ ва амниятии минтақа таъсири мусбат мерасонанд.

Вобаста ба ин, равандҳои сиёсии минтақа дар замони муосир зери таъсири омилҳои гуногуни геополитикӣ моҳияти мушкилу мураккаб ва

пешгӯйинашаванда пайдо карда истодаанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи 78 Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид моҳи сентябри соли 2023 чунин ибрози андеша намуда буд: «Амният, субот ва ҳамкории минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ мустақиман аз вазъияти Афғонистон вобаста аст. Афғонистон дар вазъияти мураккаби сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ боқӣ мемонад. Ин бузургтарин бӯҳрони инсонӣ дар ҷаҳон аст. Тавре ки Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид қайд кард, 97 фоизи аҳолии Афғонистон дар фақр зиндагӣ мекунанд. Бо назардошти ин вазъияти душвор, Тоҷикистон шароити заруриро барои истифодаи имконоти логистикии худ барои идома додани расонидани кумаки башардӯстона ба мардуми Афғонистон фароҳам овардааст. Бо истифода аз ин фурсат, ман бори дигар мехоҳам ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муроҷиат кунам, ки кумаки башардӯстонаро ба мардуми боранҷу азоби Афғонистон афзоиш диҳанд. Дар ин замина, мо барои ҳамкории минбаъда бо шарикони байналмилалӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор омодаем. Мо минбаъд низ бовар дорем, ки роҳандозии муколамаи дохилиафғонӣ ва таъсиси як ҳукумати воқеан фарогир бо иштироки намояндагони ҳама гурӯҳҳои этникӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ барои ноил шудан ба сулҳу суботи пойдор дар Афғонистон муҳим аст» [139].

Аммо, вақте ки сухан сари муайян намудани мавқеи кишварҳои минтақа ва пасошуравӣ дар муносибат ба режими ҳаракати Толибон дар Афғонистон меравад. Зуҳуроти дар ин самт ҷараёндошта аз он гувоҳӣ медиҳад, ки мавқеъивазкунии кишварҳо вобаста ба масъалаи мазкур боиси болоравии мунтазами мавқеи Толибон дар Афғонистон ва устуворгардии режими онҳо гашта истодааст. Ҷумҳурии Қазоқистон Толибонро аз рӯйхати созмонҳои террористӣ ҳазф намуд, Русия эълон дошт, ки дар Ҳирот маркази логистикӣ месозад, Ҷумҳурии Ӯзбекистон мақсади дарёфти роҳи ҳамкорӣ бо онҳоро дорад. Ин худ нишонаи тағйири муносибат нисбат ба режими Толибон дар Афғонистон мебошад

ва номаълум аст, ки дар оянда чӣ паёмадҳое дошта метавонад. Мушкил сари он аст, ки пешниҳодоти ҷомеаи ҷаҳонӣ дар масъалаи таъсиси ҳукумати фарогир дар ин кишвар амалӣ нашуда, масъалаи ҳуқуқу озодиҳои занон чун пештара дар ҳолати ногувор қарор дорад. Дар ин масъала режими Толибон ба ягон созишу гузашт розӣ нашудааст.

Тибқи ақидаҳои коршиносон: «Бо вуҷуди он ки ҳукумати Толибонро ягон давлат эътироф накардааст, аксар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Русия саъй доранд ҳамкориҳоро бо Афғонистон бештар кунанд. Моҳи июни соли ҷорӣ як ҳайати Толибон дар Форуми иқтисодӣ дар Санкт-Петербург ширкат кард» [134]. Ҳолати мазкур аз он гувоҳӣ медиҳад, ки омилҳои гуногуни таъсиррасон ба вазъи геополитикии минтақа метавонанд дар маҷмуъ ба ҳамгироии минтақавии кишварҳо таъсири манфии худро расонад. Масъалаи дигари муҳим ин то кадом дараҷа «худӣ» шудани Толибон мебошад. Оё онҳо метавонанд то ба охир дар татбиқи ҳадафҳои геополитикии абарқудратҳо содиқ монанд, суоли кушода боқӣ мемонад.

Моҳи марти соли 2024 сафари вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба Афғонистон сурат гирифта, «дар раванди музокирот ҷонибҳо доираи васеи ҳамкориҳои дуҷонибаро мавриди баррасӣ қарор доданд. Диққати махсус ба масъалаи ташкили шароити муносиб ҷиҳати тақвияти ҳамкориҳои иктисодӣ ва беҳтар намудани муносибати байни доираҳои соҳибкорӣ дода шуд» [123]. Албатта, дарк намудан мумкин аст, ки ҳамҷаворӣ бо ин кишвар, новобаста ба режими сиёсии он, тақозо менамояд, ки бо дарназардошти манфиатҳои миллию давлатӣ муносибатҳои дуҷониба дар самтҳои муайян ба роҳ монда шаванд. Дар ин ҷо ҳам масъалаҳои амниятӣ, аз он ҷумла таъмини амнияти сарҳадӣ, ҳам амнияти идеологию иттилоотӣ ва ҳам масъалаҳои иқтисодӣ авлавият пайдо мекунанд.

Дар чунин шароит мушкилоти дигари вобаста ба муносибатҳои ҳамкорӣ дар самти мубориза ба муқобили экстремизму терроризм ба миён меояд. Дар натиҷа дар самти мубориза бо ин зуҳуроти манфии глобалӣ, ки

тавассути санадҳои ҳамкорӣ дар доираи созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ қабул шудаанд, мушкилиҳо пеш меоянд. Чуноне, ки Чжоу Тзюн қайд мекунад: «Минтақаи Осиёи Марказӣ як гирехи беназири геополитикӣ мебошад, ки чаҳор қудрати ҳастаӣ – Русия, Чин, Ҳиндустон ва Покистонро мепайвандад. Аз ин рӯ, барои мо муҳим ба назар мерасад, ки давлатҳои Осиёи Марказӣ ба такягоҳи сулҳу субот табдил ёфта, ба терроризми байналмилалӣ ва ҷиноятҳои муташаккил муқовимат карда тавонанд. Мушкилии амнияти минтақавӣ хусусияти глобалӣ ва аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Вазифаи стратегии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар марҳалаи кунунӣ аз он иборат аст, ки дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ бо қудратҳои ҷаҳонӣ робитаҳои нав барқарор намуда, диққати асосиро ба ҳалли масъалаҳои таъмини амнияти миллӣ ва минтақавӣ равона намоянд. Ба ин кишварҳо ба ҷузъ аз кишварҳои дар боло зикршуда ИМА, Ҷопон, Эрон, Туркия, инчунин Арабистони Саудӣ, Кореяи Ҷанубӣ ва кишварҳои Иттиҳоди Аврупо дохил мешаванд» [111, с.166]. Тавсифи геополитикии зикргардида собит месозад, ки минтақаи Осиёи Марказӣ бояд ҳамчун минтақаи амн боқӣ монад, зеро дар ин ҷо сухан сари барҳӯрди манфиатҳое меравад, ки қодиранд мушкилиҳои сатҳи глобалӣ эҷод намоянд. Аз ҳамин сабаб ҳам таваҷҷуҳ ба он ҳамчун маркази «кураи замин» хело зиёд аст. Худи раванди рушди муносибатҳо дар ин кишварҳо нишон медиҳад, ки кишварҳои дар гурӯҳи дуюм зикргардида ҳам лоиҳаҳои муайяни геополитикӣ оид ба Осиёи Миёнаро таҳия ва татбиқ намуда истодаанд.

Ба ақидаи коршиносон яке аз консепсияҳои геополитикие, ки дар минтақа амалӣ шуда истодааст, ин консепсия «Осиёи Марказии Кабир» мебошад, ки онро ИМА татбиқ намуда истодааст. Аксари коршиносон онро қисми таркибии консепсияи «Ховари Миёнаи Кабир» меҳисобанд. Консепсияи мазкур андешидани чораҳоеро дар назар дорад, ки татбиқи онҳо ба афзудани нуфузу таъсири ИМА дар минтақа нигаронида шудааст.

Қудрати дигари манфиатдор дар Осиёи Марказӣ Иттиҳоди Аврупо маҳсуб меёбад. Ба ақидаи коршиносон: «Аз замони пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ Осиёи Марказӣ (мисли тамоми фазои пасошӯравӣ) як ҷузъи “аврупои сиёсӣ”, яъне минтақае буд, ки дар доираи манфиатҳои геостратегии Иттиҳоди Аврупо қарор дорад» [118, с.40]. Масъалаҳои вобаста ба ҳуқуқи инсон, рушди демократия ва озодиҳои демократӣ мавзуи марказӣ дар муносибатҳои байни Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои Осиёи Марказӣ маҳсуб меёфт. Дар ин ҷо манфиатҳои дигаре ҳам ниҳон ҳастанд, ки дар бораи онҳо И. Сидоров бамаврид қайд намудааст: «Рушди бартаридоштаи сиёсати хориҷии Иттиҳоди Аврупо дар минтақа бо омилҳои зерин муайян карда мешавад: рушди стратегӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ, инчунин маҷмуи мушкилоти фаромиитақавии Осиёи Марказӣ ба сатҳи муносибатҳо таъсир мерасонад; бо вусъати Иттиҳоди Аврупо ва пурзӯр гардидани барномаҳои ҳамкорӣ ба ҳам наздик шудани курсҳои сиёсати хориҷӣ ба амал меояд; захираҳои бузурги энергетикии Осиёи Марказӣ онро барои Аврупо ҷолиб мегардонанд» [143].

Осиёи Марказӣ аз ҷиҳати геостратегӣ имкони тавсеаи таъсири актарҳои ҷаҳонӣ ба дигар минтақаҳои қитъаи Авруосиё мебошад. Дар айни замон равандҳои табдили Осиёи Марказӣ аз як минтақаи канорӣ (дар он ҷо тамоюлҳои геополитикӣ тамоман ба назар намерасид) ба минтақае, ки дар он манфиатҳои як қатор қудратҳои бузург ва дигар бахшҳои ҳаёти байналмилалӣ ҳарчи бештар ба ҳам мепайвандад, дар марҳалаи фаъол қарор доранд. Осиёи Марказӣ ҳам аз ҷиҳати ҷуғрофӣ, ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳам фарҳангӣ бо Чин, Туркия, Русия, Қафқоз ва ғайра алоқаманд аст. Ҳолати мазкур ифодаи воқеияти муосири сиёсии геополитикӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад. Воқеан ҳам, кушишҳои абарқудратҳо минтақаро ба як мавзеи аз диди геополитикӣ «серхаридор» мубаддал гардонидааст. Дар натиҷа кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки аксар кишварҳои рӯ ба рушд мебошанд, бо фишорҳои гуногунии аёну ниҳон рӯ

ба рӯ мешаванд. Ин бошад таъсири худро ҳам ба мавқеъмуайянкунии онҳо ва ҳам ҳамгироии сиёсию иқтисодӣ дар минтақа мерасонад.

Дар баробари ин масъалаи амниятӣ дар муносибати байни Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои Осиёи Марказӣ мавқеи хос дорад. Ба ақидаи коршиносон: «Мушкилоти амниятӣ, инчунин масъалаҳои мубориза бо таҳдидҳои терроризм, фундаментализми исломӣ ва радикализм ба он марбут аст, ки буҳрони тулонии низомию сиёсӣ дар Сурия ба як омили паҳншавии ақидаҳои ифротгароӣ ва пайдоиши ташкилоту гурӯҳҳои нави террористӣ табдил ёфтааст. Осиёи Марказӣ дар наздикии минтақае воқеъ аст, ки аз нигоҳи таҳдиди густариши терроризм ва радикализм хатарнок аст, барои Аврупо низ хатарнок ба назар мерасад. Омили манфӣ мушкилоти паҳншавии исломи радикалист» [131]. Ҳамзамон бо ин, муносибати духӯра дар мубориза ба муқобили экстремизму терроризм симои аслии Иттиҳоди Аврупоро барои минтақа номуайян мекунад. Масалан, Ташкилоти экстремистию террористии Ҳизби наҳзати исломӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, як қатор кишварҳои пасошӯравӣ ва аз ҷониби бархе аз созмонҳои минтақавӣ ҳамчун ташкилоти террористию экстремистӣ эътироф гаштааст, дар Иттиҳоди Аврупо озодона фаъолият намуда истодааст. Намояндагони ҳизби зикргардида, ки ба рӯйхати байналмилалии террористон шомил шудаанд, дар Аврупо озодона зиндагӣ ва фаъолият доранд. Ҳолати мазкур аз он гувоҳӣ медиҳад, ки сиёсати Иттиҳоди Аврупо оид ба масъалаҳои амниятӣ ва мубориза бо экстремизму терроризм ҳанӯз ҳам моҳияти духӯраи худро нигоҳ доштааст.

Яке аз қудратҳои бузург, ки талоши устуворгардонии мавқеи худро дар минтақа дорад, Ҷумҳурии Халқии Хитой мебошад. Робитаҳои неки ҳамҷаворӣ, муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи иктисодию гуманитарӣ, ки тайи солҳои баъди фурупошии Иттиҳоди Шуравӣ бо ин кишвар амалӣ шуда истодааст, ба тадриҷ рушд мекунанд.

Масъалаи таҳкими нуфузи Хитой дар минтақа мавзуест, ки онро пайваста доираҳои коршиносон пайгирӣ мекунанд. Аз он ҷумла, Т. Мамахатов қайд мекунад, ки: «Имрӯз Хитой нуфузи худро дар минтақа густариш дода, тавассути сохторҳои миллӣ амал мекунад, бо элитаи сиёсии маҳаллӣ робита барқарор мекунад, ба вазъи дохили кишвари шарик мутобиқ мешавад ва анъанаҳо, меъёрҳо ва амалияҳои маҳаллиро қабул мекунад. Ин самти фаъолият намунаи муваффақи омезиши неруи нарм, сармоягузорӣ ва қарзҳо буда, ҳамзамон ҳамчун механизми таъсиррасонӣ ба кишварҳои минтақа дар ҳалли масъалаҳои баҳсбарангез ба нафъи Чин хидмат мекунад. Инчунин дар ин ҷо қайд кардан муҳим аст, ки Осиёи Марказӣ дар татбиқи ташаббуси «Як камарбанд, як роҳ» нақши калидӣ дорад ва ҳамчун муҳимтарин бахши масири убури молу технологияҳои чинӣ ба Ғарб хизмат мекунад» [130]. Чуноне, ки маълум мешавад, имкониятҳои транзитии минтақа дар баробари дигар омилҳо ҷолибияти геополитикии онро боз ҳам боло бурдааст. Дар робита ба ин дар Саммите, ки соли 2023 дар шаҳри Сиан зери унвони «Хитой – Осиёи Марказӣ» баргузор шуда буд, эъломияи Сиан қабул гардид. Раисиҷумҳури Хитой Си Ҷинпин ҳамчунин дар ин саммит қайд кард, ки «шоҳроҳи Чин-Тоҷикистон, ки аз кӯҳҳои Помир мегузарад, шоҳроҳи Чин-Қирғизистон-Ӯзбекистон, ки аз кӯҳҳои Тиёншон убур мекунад, лӯлаи нафти Чин-Қазоқистон, лӯлаи гази Чин-Осиёи Марказӣ аз биёбон мегузарад ва Роҳи оҳани экспресси Чин ва Осиёи Марказӣ, ки Авруосиёро мепайвандад, системаҳои муосири корвонӣ мебошанд» [142]. Аслан талоши эҳёи шоҳроҳи бузурги абрешим ва сиёсати “Як камарбанд, як роҳ” ин кӯшиш баҳри тақвияти нуфуз дар ин минатақа мебошад. То ба сатҳи шарикии стратегӣ рушд намудани ҳамкориҳои дуҷонибаи байни Ҷумҳурии Мардумии Хитой ва кишварҳои минтақа худ нишонаи он аст, ки мавқеи ин қудрати бузурги ҷаҳонӣ дар минтақа устувор гашта истодааст.

Дар замони муосир, ки ба он шиддати баланди бархӯрди манфиатҳо, мусаллаҳшавии бошитоб, талошҳо баҳри ташаккули низоми нави ҷаҳонӣ ва тақсими минтақаҳои нуфуз хос аст, минтақаи Осиёи Марказӣ нисбат ба ҳамаи ин омилҳо осебпазир боқӣ мемонад. Идомаи бархӯрдҳо дар Украина, тасмимҳои тоза ба тозаи Ғарб вобаста ба истифодаи неру дар ин набард ба муқобили Русия, таҳдидҳои доимӣ оид ба эҳтимоли истифодаи аслиҳаи стратегӣ, шиддат гирифтани ихтилоф байни Русия ва олами Ғарб, инчунин идомаи истифодаи усулу василаҳои экстремистию террористӣ дар муборизаҳои сиёсӣ ҷаҳон ва аз он ҷумла, минтақаи Осиёи Марказиро дар шароити вазнини интихоб қарор додааст. Дар чунин шароит вусъати ҳамгироии минтақавӣ метавонад василаи боэътимоди таҳкими суботу амният бошад. Кишварҳои Осиёи Марказиро зарурат пеш меояд, ки тавассути мавқеъгирии устувор оид ба масъалаҳои калидӣ, дарки умумияти мақсадҳо, хусусан дар масъалаи таъмини амният ва субот, ҳифзи истиқлолу тамомияти арзӣ аз таҳдиду хатари равандҳои геополитикии муосир эмин монанд.

Неруи дорои мавқеи устувор дар минтақа чун пештара Русия боқӣ мемонад. Умумияти манфиату мақсадҳо дар бисёр масъалаҳо нуфузи кишвари мазкурро дар Осиёи Марказӣ нигоҳ медорад. «Низоми бидуни раводид (ба истиснои Туркманистон), амният ва мавҷуд набудани монеаи забонӣ таваҷҷуҳи зиёди шаҳрвандони кишварҳои Осиёи Марказӣ ба бозори кории Русияро муайян мекунад. Мақомот ҳамкорӣ дар соҳаи танзими муҳоҷиратро инкишоф дода, заминаи қонунгузории дахлдорро такмил медиҳанд» [141]. Омилҳои зикргардида ҷиҳати густариши равобит дар самтҳои гуногун байни Русия ва кишварҳои Осиёи Марказӣ замина фароҳам меоварад.

Ҳамзамон бо ин, ба инобат гирифтан зарур аст, ки Русия бо ин минтақа тавассути тулонитарин сарҳади заминӣ дар ҷаҳон, таърихи муштараки садсолаҳо ва шабакаи зичи ҳамкориҳои сиёсӣ, низомӣ, иқтисодӣ ва башардӯстона алоқаманд аст. Дар таҳқиқоти олимони тоҷик

қайд мегардад, ки «Умумияти таърихии байни мардуми Русия ва Тоҷикистон, ки дар муборизаи муштарак бо фашизм дар даврaи Ҷанги Бузурги Ватанӣ, сохтмони пас аз ҷанг ва рафъи бӯҳрони солҳои 1990 мустаҳкам шудааст, имрӯз ба шаклҳои нави ҳамкорӣ табдил меёбад. Русия бузургтарин сармоягузор дар иқтисоди Тоҷикистон, шарики калидии амниятӣ (тавассути СААД) ва бозори асосии меҳнат барои як қатор шаҳрвандони ҷумҳурӣ боқӣ мемонад. Ҳузури низомии Русия дар Тоҷикистон омили муҳими субот аст: Пойгоҳи низомии 201 таҳдидҳоро аз ҷануб бозмедорад ва ҳамчун платформа барои омӯзиши кадрҳои низомии тоҷик хизмат мекунад. Дар соҳаи башардӯстона, Русия барномаҳои таълимӣ, мубодилаи илмӣ ва ҳифзи забони русиро ҳамчун воситаи ҳамгироӣ ба фазои Авруосиё дастгирӣ мекунад. Ин робитаҳои бисёрҷанба, ки бар асоси таърихи муштарак ва наздикии ҷуғрофӣ асос ёфтаанд, модели шарикии устуворро ташкил медиҳанд, ки барои ҳарду ҷониб фоида меорад» [71, с.45].

Дар консепсияи сиёсати хориҷии Русия, ки моҳи марти соли 2023 қабул шуда буд, таъкид шудааст, ки: «Таъмини муносибатҳои устувори неки ҳамсоягии дарозмуддат ва муттаҳид кардани иқтидорҳо дар соҳаҳои гуногун бо кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (аз ҷумлаи кишварҳое, ки воқеан ба кори онҳо шомил шудаанд, зиёда аз нисфи онҳо ки аз тарафи давлатҳои Осиёи Миёна намояндагӣ мекунанд) барои амният, субот, тамомияти арзӣ ва инкишофи иҷтимоию иқтисодии Русия, мустаҳкам намудани мавқеи он ҳамчун яке аз марказҳои бонуфузи соҳибихтиёрии рушд ва тамаддуни ҷаҳонӣ муҳимтарин мебошанд» [141]. Аз ин ҷо бармеояд, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ дар сиёсати хориҷии Русия мавқеи хос дошта, густариши ҳамкориҳои бисёрҷониба ба нафъи ҷонибҳо хоҳад буд. Маҳз мавҷудияти робитаҳои тули зиёда 70-соли замони шуравӣ шаклгирифта баҳри тақвияти мавқеи он дар минтақа таъсиррасон мебошад.

Мубориза бо экстремизму терроризм, гардиши ғайриқонунии яроқ, маводи мухаддир, ҷинояткории муташаккил масъалаҳое мебошанд, ки баҳри густариши робитаҳо байни Русия ва кишварҳои минтақа заруратро қавӣ мегардонад. Ба ақидаи Т.Мамахатов: «Дар ҳамкории зиддитеррористӣ ва мубориза бо маводи мухаддири кишварҳои Осиёи Марказӣ дар СПАД ва Иттиҳоди давлатҳои мустақил нақши калидии Русия бебаҳс боқӣ мемонад. Аз ҷумла, ҳукумати Федератсияи Русия тасмим гирифтааст, ки барои мубориза бо таҳдиди маводи мухаддир дар солҳои 2023-2025 ба Тоҷикистон беш аз 2,5 миллион доллар ҷудо кунад. Дар чаҳорчӯби тарҳи муштараки Русия ва Идораи мубориза бо маводи мухаддир ва ҷинояткории Созмони Милали Муттаҳид барои кишварҳои Осиёи Марказӣ, Афғонистон ва Покистон, кадрҳои мубориза бо маводи мухаддир омода мешаванд» [130]. Амалҳои зикргардида собит месозанд, ки бо мақсади ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда Русия тадбирҳои маҷмуиро роҳандозӣ намуда истода, самаранокии татбиқи ҳадафҳои худро тавассути истифодаи василаҳои ниҳодию кадрӣ ва молиявӣ таъмин менамояд.

Густариши робитаҳои байнидавлатӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ дар доираи ҳамкорӣ дар иттифоқҳои байнидавлатию созмонҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ воқеиятест, ки тавассути он имкони паст намудани шиддати таъсиррасониҳои сиёсӣ ҷой дорад. Инро кишварҳои минтақа ба хубӣ дарк намуда, баҳри густариши фаъолияти ин созмонҳо, аз он ҷумла Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, СҲШ, САД ва ғайраҳо кӯшиш намуда истодаанд.

Омилҳои таъмини ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказиро таҳқиқ намуда, А.Ш. Раҳмонзода дуруст қайд мекунад, ки дар ин масир: «Таъсиси мақомот доир ба муқовимат ба таҳдидҳои ғайрианъанавии амният, аз ҷумла мубориза бо чолишҳои нав – терроризми байналмилалӣ ва ифротгароии динию мазҳабӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ низ ҳамкориҳои созандаи

минтақавиро тақозо менамоянд» [47, с.54]. Таҳдидҳои зикргардида бо хусусияти глобалии худ кайҳо боз барои давлатҳои минтақа мушкилиҳо эҷод намуда истодаанд. Бо дарназардошти сатҳи таҳдидҳои пайдошаванда ниҳодикунонии муносибатҳо дар самтҳои зикргардида идома доранд.

Вобаста ба ин дар заминаи таҳлили ин масъала олимон ишора менамоянд, ки: «Вазъи геополитикии ҳозира ба гунае аст, ки аз кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамкории воқеии бисёрҷанбаи сиёсӣ тақозо мегардад, аммо маҳз аз ҳамин сабаб минтақа ҳоло таҳти фишори бештар қарор дорад ва фишор аз ҷониби неруҳои гуногун бештар хоҳад шуд» [121]. Ҳолати мазкур водор мекунад, ки стратегияи ҳамкории бисёрҷанба минбаъд низ тақвият дода шавад, зеро дар марҳалаи кунунӣ маҳз он омили муҳимми таъмини субот дар минтақа баромад мекунад.

Олимону коршиносон таъкид мекунанд, ки: «Таъсири омилҳои беруна ба суботи минтақавӣ зиёд аст. Барои аз нав тақсим ва мустаҳкам намудани минтақаҳои нуфуз ва бартарияти худ субъектҳои хориҷӣ аз усулҳои гуногуни фишор болои давлатҳои минтақа, ки рақобати геополитикии онҳо тадриҷан ба марҳалаи нави фаъол мегузарад, истифода мебаранд» [126]. Вобаста ба ин кишварҳои минтақаро зарур аст, ки омили мазкурро доимо мадди назар дошта бошанд, зеро маълум нест, ки марҳалаи кунунии фаъолгардии рақобатҳо чи пайомадҳо дошта метавонанд ва то чӣ андоза давомнок буда метавонанд.

Ҳамин тариқ, дар заминаи таҳлили масъалаи таъсири равандҳои геополитикӣ ба вазъи сиёсии минтақаи Осиёи Марказӣ, хусусан фазои пасошуравӣ, метавон хулоса намуд, ки айни замон минтақаи мазкур аз диди геополитикӣ вазъияти ҳассосу мураккабро аз сар мегузаронад. Таъсирҳои ҷойдошта рӯз ба рӯз моҳияту мазмуни мураккабтару пешгӯинашаванда ба худ касб намуда истодаанд. Равандҳои муосири манфиатхоҳӣ ва талошҳои геополитикии абарқудратҳо таъсири бевосита ва бавоситаи худро ба вазъи иктисодию сиёсии минтақа расонида

истодаанд. Хусусияти равандҳои зикргардида дар он аст, ки онҳо дар ҳар лаҳза метавонанд моҳияти худро иваз намоянд. Дар натиҷа вазъ номуайян боқӣ мемонад. Аз як тараф дарки муҳим будани манфиатҳои миллию давлатӣ, истиқлолу озодӣ ва тамомияти арзӣ, аз тарафи дигар талоши дарёфти мавқеи муносибу мавзун дар байни абарқудратҳо кишварҳои минтақаро ба кӯшиши доимии масири мувофиқ водор мекунад. Ин амал, маълум аст, ки хеле мушкил аст, вале интихоби дигар мавҷуд нест. Гуё абарқудратҳо ва неруҳои дар минтақа таъсиррасон ин ҳолатро эҳсос мекунанд, ки доимо дар мавқеъмуайянкунии худ дар муносибат ба кишварҳои Осиёи Марказӣ рафтору муносибатҳои гуногунро истифода мебаранд. Афзалият додан ба як кишвар дар масъалаҳои муайян, хусусан содироти молу маҳсулоту хизматрасонӣ ва муайян намудани маҳдудият нисбат ба дигараш ба як амали маъмулӣ мубаддал шудааст. Ин бошад кишварҳои минтақаро дар вазъияти нобаробар қарор медиҳад.

Мушкили дигар ин дахолати рӯйирост ба сиёсати дохилии ин кишварҳо тавассути пешбурди муқовиматҳои идеологӣ мебошад. Изҳороти роҳбарони баландпояи ҳукумати Толибон оид ба вазъи динию мазҳабии минтақа худ нишонаи амиқи таҳоҷуми идеологӣ ва шиддат пайдо намудани таҳдиди идеологӣ аз ҷониби ин режим мебошад. Ин амал метавонад дар минбаъда нисбати ҳар як кишвари минтақа, ки дорои низоми дунявии давлатдорӣ мебошанд, рух диҳад. Бинобар ин зарур аст, ки ҳамгироии идеологию иттилоотӣ аз ҷониби ҳама кишварҳои минтақа пурзӯр карда шавад.

Масъалаи дигари шабеҳи омили зикргардида ин муносибат ва дахолати созмонҳои байналмилалӣ ва сиёсати дохилии кишварҳои гуногун мебошад, ки тавассути арзёбиҳои гуногун, аз қабили риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, таъмини ҳуқуқу озодиҳои динӣ, озодии матбуот ва баён ва ғайраҳо бе дарназардошти хусусиятҳои сиёсию давлатӣ ва миллию фарҳангии кишварҳои минтақа мавқеи (рейтинги) онҳоро дар

самтҳои гуногун муайян намуда, вобаста ба он сатҳи рушди демократия ва низоми давлатдории онҳоро баҳо доданӣ мешаванд. Дар натиҷаи арзёбиҳои хӯрдагирона ва ғаразнок ба низоми идоракунӣ ба давлатдории ин кишварҳо баҳои ғайривоқеӣ дода мешавад. Ҳолати мазкур аз ҷониби қувваҳои манфиатдори дохилию берунии минтақавӣ ҳамчун василаи дархост аз созмону кишварҳои қудратманди ҷаҳонӣ ҷиҳати андешидани чораҳои гуногуни водорсозию маҷбуркунии сиёсӣ истифода мешавад. Маълум аст, ки ин амалҳои дорои «агрессияи пӯшида» метавонанд марҳала ба марҳала ба болоравии шиддати иҷтимоӣ, афзоиши руҳияи эътирозӣ ва норозигӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ гарданд. Аз ин рӯ, ҳангоми баррасии таъсиррасониҳо ин омилро ҳам бояд ба инобат гирифт.

Дар муносибат ба чунин вазъ бояд гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон кишварест, ки баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ба марҳалаи нави давлатдорӣ қадам ниҳода, як раванди мураккаберо аз сар гузаронидааст. Марҳалаи навбатии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақили муносибатҳои байналмилалӣ, ки марҳалаи муқовимат ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро пушти сар намудааст, бо тағйироти амиқ қариб дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ тавсиф меёбад. Ҳамзамон, бояд таъкид намуд, ки «дар ҳамаи марҳалаҳои рушди ҷомеаи инсонӣ мушкилоте мавҷуданд, ки метавонанд ҳамчун омилҳои таҳдиди зиддиятҳо зуҳур намоянд. Бо вуҷуди ин, худи мавҷудияти зиддиятҳо метавонад заминаи рушд низ гардад, агар идоракунии дурусту самараноки онҳо таъмин карда шавад» [87, с.113]. Яъне, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари калидию стратегии минтақа, гоҳе бар таҳдидҳои замони муосир, аз қабили терроризму ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва қочоқи одам рӯ ба рӯ мегардад, аз тарафи дигар дар ростои бархӯрди манофеи абарқудратҳо, ки дар Осиёи Марказӣ сухани ниҳоиро дар даст доранд, рӯ ба рӯ мешавад. Ин вазъият

худ шаҳодат аз он медиҳад, ки мавқеи Тоҷикистон дар минтақа меҳварист.

Ҳамзамон, мавқеи ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми геополитикии минтақа ва ҷаҳон дар солҳои охир ба таври чашмрас тағйир ёфта, аҳамияти стратегӣ ва нуфузи минтақавии кишвар афзудааст. Таҳаввулоти амниятӣ, энергетикӣ, иқтисодӣ ва тамоюлҳои сиёсати ҷаҳонӣ боис гардидаанд, ки Тоҷикистон ҳамчун як минтақаи муҳим дар таҳкими суботи Осиёи Марказӣ ва робитаҳои байниқитъавӣ мавқеи назаррасро пайдо намояд. Ин равандҳо дар заминаи афзоиши рақобатҳои геополитикӣ, ташаккули «бозии нав»-и қудратҳои ҷаҳонӣ ва тағйирёбии манфиатҳои стратегӣ дар ҳавзаи Авруосиё ба миён омадаанд, ки дар маҷмуъ ҳассосияти минтақа ва нақши кишварҳои дорои мавқеи ҷуғрофии калидӣ, аз ҷумла Тоҷикистонро тақвият бахшидаанд [111, с.166].

Мафҳуми кишвари «калидӣ» дар системаҳои геополитикӣ ба давлатҳое нисбат дода мешавад, ки барои иртибототи трансконтиненталӣ, яъне пайвасткунандаи қитъаҳо, назорати роҳҳои стратегӣ, таъмини амният ва субот, инчунин барои ташаккули тавозуни қудрат дар фазои минтақаи муайян нақши ҳалкунанда доранд. Тоҷикистон бо мавқеи худ дар чорроҳаи мавқеъгириҳои геостратегии Чин, Русия ва Осиёи Ҷанубӣ дохил мегардад. Гузашта аз ин, омилҳои табиӣ, демографӣ, энергетикӣ ва сиёсӣ низ ба болоравии нақши кишвар дар таҳаввулоти минтақа таъсири ҷиддӣ мерасонанд.

Мавқеи ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан дар заминаи назарияҳои классикии геополитикӣ аҳамияти хосро дорад. Хусусан, Ҳэлфорд Маккиндер дар назарияи худ минтақаи марказии Авруосиёро меҳвари сиёсати ҷаҳонӣ меҳисобид ва кишварҳое, ки дар ҳошияи он ҷойгиранд, барои қудратҳои ҷаҳонӣ мусоидаткунандаи мавқеи стратегӣ ҳисобида шудааст [165]. Дар ҳамин замина, Ҷумҳурии Тоҷикистон барои робитаҳои амниятии шимолу ҷануб ва Шарқу Ғарб нақши босазоро иҷро

мекунад, зеро тавассути қаламрави кишвар роҳҳои куҳан ва нави тиҷорӣ, аз қабили Роҳи бузурги абрешим, инчунин долонҳои эҳтимолии энергетикӣ ва инфрасохторӣ гузаштанро доранд. Ҳатто агар Тоҷикистон дар маркази Ҳартленд (қалбгоҳ) қарор надошта бошад ҳам, ҷойгиршавии он дар ҳошияи ҷанубии ин фазо, дар наздикии Афғонистон, аҳамияти онро дар рақобатҳои геополитикӣ меафзояд [165].

Таҳлилҳои муосири геостратегӣ паҳлуҳои нави аҳамияти стратегии Тоҷикистонро равшан сохта, ин раванд аз лиҳози усулӣ бо далоили равшани таърихӣ собит шудааст.

Омилҳои амниятӣ яке аз паҳлӯҳои асосии нақши геополитикии кишварро ташкил медиҳанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Афғонистон зиёда аз 1300 км марз дорад, ки ин марз яке аз ҳассостарин хатти ҷудокунандаи минтақаи суботу нооромӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз аз ҳамин сабаб кишвар дар сиёсати амниятии Русия, Чин, ИМА, инчунин созмонҳои САД ва СҲШ унсури марказӣ ба шумор меравад. Таъмини субот дар Тоҷикистон ба таври мустақим ба суботи тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ таъсир мерасонад. Чунончи, ҳар гуна ноамнӣ дар Афғонистон аввалин навбат ба вазъияти марзҳои ҷанубии Тоҷикистон ва сипас ба давлатҳои дигари минтақа таъсир хоҳад расонид. Ин омил мавқеи Тоҷикистонро дар муодилаи амниятии минтақа ба таври назаррас баланд бардоштааст [111, с.166].

Захираҳои гидроэнергетикӣ ва иқтидори энергетикии Тоҷикистон яке аз асосҳои муҳимтарини мавқеи геополитикии кишварро ташкил медиҳанд. Тоҷикистон дорои тақрибан 60 дарсад иқтидорҳои гидроэнергетикии Осиёи Марказӣ мебошад, ки он кишварро ба як маркази эҳтимолии тавлиду содироти неруи барқ табдил медиҳад [118]. Татбиқи лоиҳаҳои бузурги энергетикӣ, мисли CASA–1000, на танҳо аҳамияти иқтисодии кишварро боло мебарад, балки мавқеи геополитикии онро низ тақвият медиҳад. Тавассути ин лоиҳа Тоҷикистон ба шабакаи энергетикии Осиёи Ҷанубӣ пайваст мешавад, ки ин раванд

имкони ҳамгироии иқтисодиро афзоиш дода, муносибатҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳои минтақавиро мустаҳкам мегардонад.

Масъалаи об низ ба геополитикаи Тоҷикистон сахт алоқаманд аст. Мавқеи кишвар дар саргаҳи дарёҳои бузурги минтақавӣ, аз ҷумла Вахш ва Панҷ, ба он имкон медиҳад, ки дар идораи оби Осиёи Марказӣ нақши калидӣ дошта бошад. Бо назардошти он ки баҳсҳои обӣ дар минтақа метавонанд ба манбаи муноқиша табдил ёбанд, Тоҷикистон дар муътадил нигоҳ доштани муносибатҳои гидросиёсӣ низ масъулияти ҷиддӣ дорад.

Иқтидори транзитии кишвар яке аз самтҳои афзояндаи аҳамияти геостратегии он ба шумор меравад. Бунёди роҳҳои автомобилгард ва роҳи оҳани Чин-Тоҷикистон-Афғонистон-Эрон имконият медиҳад, ки Тоҷикистон ба минтақаи муҳимми пайвандкунанда миёни Осиёи Ҷанубӣ, Марказӣ ва кишварҳои соҳили уқёнуси Ҳинд табдил ёбад. Ин долонҳо дар оянда метавонанд ба тағйири низоми савдо ва логистикаи Авруосиё таъсир расонанд.

Дар маҷмуъ, Тоҷикистон бо таъсири бузург дар сиёсати амниятӣ, энергетикӣ ва ҷуғрофиёи сиёсӣ, ба аҳамияти стратегӣ мусаллаҳ мебошад. Ҳамзамон, нақши кишвар дар ташаккули тавозуни сиёсӣ миёни Чин ва Русия дар минтақа низ қобили таваҷҷуҳ аст. Ин ду қудрат ба таври фаъол дар рушди иқтисодӣ ва амниятии кишвар иштирок карда, тавассути Тоҷикистон ба минтақаҳои дигар низ нуфуз меафкананд.

Аз ин рӯ, таҷзияи мавқеи геополитикии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки кишвар дорои маҷмуи омилҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ мебошад, ки дар таҳаввулоти сиёсӣ ва иқтисодии Осиёи Марказӣ нақши ҳалкунанда мебозанд. Бо такя ба консепсияҳои классикӣ ва муосир, инчунин бо дарназардошти воқеиятҳои ҷуғрофӣ, амниятӣ ва энергетикӣ метавон гуфт, ки Тоҷикистон дар фазои геополитикии асри XXI ҳамчун як давлати калидӣ ташаккул ёфта истодааст. Ин мавқеъ барои кишвар ҳам имкониятҳои нави ҳамкориҳо ва ҳам масъулиятҳои

сиёсӣ, амниятӣ ва иқтисодиро дар пай дорад. Дар ин замина, таҳкими сиёсати хориҷӣ, рушди дипломатияи энергетикӣ, боло бурдани қобилияти амниятӣ ва тавсеаи инфраструктураи транзитӣ метавонанд дар таҳкими мавқеи геополитикии кишвар нақши ҳалкунанда дошта бошанд.

Таҳлили маҷмуии консепсияҳои классикӣ ва муосири геополитикӣ дар иртибот ба мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки кишвар дар фазои геополитикии Осиёи Марказӣ ва Авруосиё дорои аҳамияти фаротар аз имкониятҳои демографӣ ва иқтисодии худ мебошад. Мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистон дар ҳошияи ҷанубии Ҳартленд, ҳаммарзӣ бо Афғонистон, ҷойгиршавӣ дар чорроҳаи масирҳои эҳтимолии транзитӣ, энергетикӣ ва коммуникатсионӣ, инчунин доро будани захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ, кишварро ба унсури калидӣ дар муодилаҳои амниятӣ ва рушди минтақавӣ табдил додааст.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва афзоиши рақобатҳои геополитикӣ, Тоҷикистон ҳамчун давлати калидӣ дар низоми амниятии Осиёи Марказӣ, идоракунии захираҳои обӣ, ҳамгироии энергетикӣ ва ташаккули шабакаҳои нави транзитӣ баромад мекунад. Лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ ва энергетикӣ, ҳамкориҳо дар доираи созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, инчунин нақши кишвар дар таъмини субот дар марзи ҷанубии минтақа, аҳамияти онро дар сиёсати қудратҳои бузург боз ҳам тақвият мебахшанд.

Дар натиҷа, метавон хулоса намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асри XXI ҳамчун давлати калидии геополитикӣ ташаккул ёфта истодааст, ки мавқеи он на танҳо ба амнияти миллӣ, балки ба субот ва рушди устувори тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ ва фазои Авруосиё таъсири ҷиддӣ мерасонад. Ин мавқеъ барои кишвар ҳам имкониятҳои нави стратегӣ ва ҳам масъулиятҳои баланд дар соҳаҳои сиёсати хориҷӣ, амният, энергетика ва ҳамкориҳои минтақавиро ба миён меорад. Таҳлили вазъи сиёсӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ нишон медиҳад, ки

вусъати таваҷҷуҳи кишварҳои абарқудрат ва дигар кишварҳое, ки талоши дар ин ҷо устуворгардонии таъсиру нуфузи худро доранд, аз кишварҳои минтақа коркарди стратегияи хоси ҳамгироишударо тақозо менамояд. Маҳз чунин стратегия имкон медиҳад, ки суботу ягонагӣ ва амният дар ин минтақаи муҳимми геополитикӣ таъмин бошад.

3.2. Дурнамои рушди Осиёи Марказӣ дар шароити тағйирпазирии вазъи геополитикии олам

Айни замон Осиёи Марказӣ бо тағйирпазирии манзараи геополитикии олам рӯ ба рӯ гардида истодааст. Чунин раванди дигаргуниҳоро, пеш аз ҳама, бо пайомадҳои низои Русия ва Украина, инчунин бо фишори таҳримҳои кишварҳои ғарбӣ дар муқобили Русия ва пайомадҳои ба шарикони минтақавӣ асоснок намудан мумкин аст. Равандҳои мазкур тақвияти иттифоқҳои осиёӣ ва меъмории нави робитаҳои амниятӣ ва иқтисодиро ташаккул медиҳанд. Дар шароити аз нав тақсим кардани нуфузи ҷаҳонӣ кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ маҷбур мегарданд, ки бо мақсади нигоҳ доштани тавозуни манфиатҳои худ моделҳои анъанавии ҳамкориро аз нав дида барояд. Афзоиши рақобат байни абарқудратҳои ҷаҳонӣ ҳам хатари парокандагӣ ва ҳам имкониятҳои нав барои рушди дипломатияи бисёрсамтаро ба вуҷуд меорад. Режими таҳримҳо алайҳи Русия ҷустуҷӯи долонҳои алтернативии нақлиётӣ ва воситаҳои молиявиро ба миён меорад. Чунин вазъ барои ҳифзу ҳимояи манфиатҳои иқтисодии минтақаи Осиёи Марказӣ махсусан муҳим гардидааст. Ҳамзамон, нақши СҲШ ва дигар платформаҳои минтақавӣ, ки механизмҳои нави ҳамкорӣ дар соҳаҳои амният ва сармоягузориро пешниҳод мекунанд, рӯ ба афзоиш аст.

Дурнамои рушди Осиёи Марказӣ дар шароити тағйирёбии вазъи геополитикии олам бояд бо назардошти фаъолнокии қувваҳои бузурги ҷаҳонӣ бештар намудани таъсири минтақавии онҳо дарк карда шавад. Баъди хориҷ шудани ИМА аз Афғонистон ва паст шудани дараҷаи

фаъолияти низомии Русия дар натиҷаи ҷанги Украина, Хитой фаъолона минтақаро ба маркази стратегии худ табдил додааст. Ҳамин тариқ, кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мавқеи стратегие қарор гирифтаанд, ки онҳо метавонанд ба воситаи дипломатияи тиҷоратӣ ва муносибати ҳамоҳангсозии мутавозин байни қуввaҳои хориҷӣ барои касби манфиатҳои миллии худ онро истифода баранд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки рушди иқтисодии Осиёи Марказӣ аз ҳалли масъалаҳои баланд бардоштани иқтидори транзитӣ ва бартараф намудани хатарҳои номутавозинии сохторӣ вобастагии зиёд дорад. Сармоягузориҳои Чин ва кишварҳои Халиҷи Форс модернизатсияи инфрасохтори минтақавиро тақвият медиҳанд, аммо дар баробари ин таҳдиди вобастагии аз ҳад зиёд аз маблағгузории берунаро ба вуҷуд меоранд. Барои минтақа татбиқи лоиҳаҳои диверсификатсионие, ки ба рушди технологияҳои рақамӣ ва энергияи сабз нигаронида шудаанд, айни замон хеле мубрам мебошанд. Дар ин раванд мутобиқ кардани ислоҳоти иқтисодӣ бо талаботи нави геополитикӣ яке аз мушкилиҳои низоми муносибатҳои минтақавӣ мебошад. Маҳдудияти таҳримҳое, ки ба низоми молиявии Русия таъсир мерасонанд, кишварҳои минтақаро маҷбур мекунанд, ки таҳияи механизмҳои алтернативии низомҳои пардохти ғайринақдии байналмилалиро суръат бахшанд. Дар баробари ин, аҳамияти ҳамкории минтақавӣ дар дохили ИИАО ва минтақаи Осиёи Марказӣ барои рушди занҷирҳои истеҳсолӣ ва логистикии устувор афзоиш меёбад.

Модернизатсияи сиёсӣ дар Осиёи Марказӣ дар заминаи қонунияти байни интизориҳои беруна аз демократикунонӣ ва зарурати тақвияти соҳибихтиёрӣ сурат мегирад. Дар раванди тағйирёбии моделҳои идоракунӣ унсурҳои рақамикунонӣ ва ҳифзи муассисаҳои анъанавӣ амалӣ карда мешавад, ки чунин муносибат барои мутобиқшавӣ ба шароити навин ва ҳамзамон ҳифзи суботи сиёсӣ хеле зарур мебошад. Ислоҳоти конститутсионие, ки дар Қазоқистон ва Ӯзбекистон гузаронида

шуданд, ҳамчун нишондиҳандаҳои таҳаввулоти системаҳои сиёсӣ арзёбӣ мегарданд.

Мушкилоти стратегии минтақа дар муқовимат бо хавфу хатари ноустувории Афғонистон ва ба даст овардани бартариҳои транзитӣ дар ҷаҳони бисёрқутбаи рушдёбанда мебошад. Таҳдидҳои терроризм ва қочоқи маводи мухаддир назорати сарҳадӣ ва ҳамоҳангӣ бо сохторҳои байналмилалиро тақвият медиҳанд, дар ҳоле ки як қатор лоиҳаҳо, ба монанди «Долони миёна» Осиёи Марказиро ҳамчун пайвандгари байни Аврупо ва Осиё мегардонад [145]. Афзоиши рақобат дар самти ташаккулёбии масирҳои нақлиётӣ аҳамияти истиқлолияти логистикиро афзоиш медиҳад. Чунин раванди дар мисоли рушди хатсайрҳои роҳи оҳани Қазоқистон-Туркия ва Ӯзбекистон-Покистон мушоҳида намудан мумкин аст. Ҳамзамон, диверсификатсияи таъминоти энергия тавассути лоиҳаҳои Туркменистон-Афғонистон-Покистон-Ҳиндустон ва CASA-1000 ҷиҳати табдил додани минтақа ба маркази энергетикӣ шароити хуб фароҳам меорад ва вобастагӣ аз масирҳои анъанавиро коҳиш медиҳад.

Осиёи Марказӣ дар байни қудратҳои пешбари ҷаҳонӣ, ки мехоҳанд нуфузи худро дар минтақа тақвият диҳанд, ба майдони рақобати стратегӣ табдил меёбад. Дар чунин шароит ИМА, Чин ва Русия муносибатҳои дуҷонибаро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ фаъолона инкишоф медиҳанд ва моделҳои гуногуни ҳамкории иқтисодӣ ва ҳарбӣ-сиёсиро пешниҳод мекунанд. Субъектҳои геополитикӣ ба захираҳои энергетикии Қазоқистон ва Туркманистон, инчунин иқтидори транзитии Ӯзбекистон таваҷҷуҳи хос зоҳир менамоянд. Дар чунин шароит Русия мавқеи худро тавассути ИИАО мустаҳкам мекунад ва механизмҳои алтернативии ҳамкории тиҷоратӣ ва иқтисодиро пешниҳод менамояд. Чунин рақобат ҳам имкониятҳои ба амал баровардани модернизатсия ва ҳам хатари вобастагии аз ҳад зиёд ба бозигарони берунаро ба вуҷуд меоварад. Як гурӯҳ сиёсатшиносони қазоқистонӣ иброз доштаанд, ки «дар ин гуна шароити шиддатнок барои минтақаи Осиёи Марказӣ

бинобар мавқеи ҷуғрофии худ имкониятҳои васеъ боз мешаванд: минтақа дар қалби АврупОсиё мавқеи муҳимми геостратегӣ дорад. Он фазои бузурги қитъавиеро, ки дар Аврупо ва Осиё аст, бо ҳам мепайвандад, дар чорроҳаи тамаддунҳои ҷаҳонии Шимол ва Ҷануб, Ғарб ва Шарқ ҷойгир аст» [75, с.96]. Вазъияти номбаргардида Осиёи Марказиро ба объекти стратегияҳои дарозмуддати қудратҳои бузург табдил медиҳад ва хоҳу нохоҳ ба равандҳои сиёсии дохилии кишварҳои минтақа таъсир мерасонад.

Дар посух ба мушкилоти беруна кишварҳои Осиёи Марказӣ иштироки худро дар иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ афзоиш медиҳанд. СҲШ ва САД барои ҳамоҳангсозии фаъолиятҳои амниятӣ ва иқтисодии кишварҳои минтақа ба платформаҳои муҳимми интегратсионӣ табдил меёбанд. Созмонҳои мазкур ба коҳиш додани таъсири рақобати геополитикӣ ва таҳияи равишҳои муштараки муқовимат ба таҳдидҳои минтақавӣ мусоидат мекунанд. Барномаҳои муштараки зиддитеррористӣ ва лоиҳаҳои ҳамкории иқтисодӣ тавассути механизмҳои СҲШ амалӣ карда мешаванд ва бо ин роҳ эҳтимолияти сар задани низоъҳо коҳиш дода мешавад. САД дар байни узви ин созмон ҳамкории ҳарбӣ-техникиро таъмин намуда, низоми вокуниши дастаҷамӣ ба чолишҳои амниятиро ташаккул медиҳад. Чунин ҳамгироии бисёрқабата ба кишварҳои Осиёи Марказӣ дар нигоҳ доштани мувозинат дар сиёсати хориҷии худ кӯмак мекунад.

Афзоиши аҳолӣ дар баробари имкониятҳои маҳдуди иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷараёни доимии муҳоҷиратро асосан ба самти Русия ба вуҷуд меорад. Муҳоҷирати меҳнатӣ дар байни ҷавонон хавфи гаравидани онҳо ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию террорстиро ба вуҷуд оварда, хатари тундгароиро афзоиш медиҳад. Омилҳои мазкур ба манбаи иловагии ноустуворӣ табдил ёфта, раванди ташаккули низомҳои устувори сиёсиро дар минтақа каме мураккаб мегардонанд.

Русия Осиёи Марказиро ҳамчун минтақаи манфиатҳои стратегии худ медонад ва аз маҷмуи василаҳои иқтисодӣ, ҳарбӣ ва сиёсӣ истифода мебарад. Таъсири иқтисодӣ тавассути лоиҳаҳои ҳамгироӣ, аз ҷумла ИИАО, ки робитаҳои тиҷоратии мустаҳкамтари онҳоро тақвият медиҳад, амалӣ карда мешавад. Ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсии Русия дар доираи САДД рушд мекунанд ва чунин равиш ба Маскав имкон медиҳад, ки нақши худро ҳамчун кафили амнияти минтақавӣ нигоҳ дорад. Чунин механизмҳо системаи мутақобилаеро эҷод мекунанд, ки дар он мавқеи Русия дар минтақа тақвият меёбад. Лоиҳаҳои энергетикӣ, аз қабили хатти лӯлаҳои газ ва корхонаҳои муштарак, бо талаби садоқати сиёсӣ алоқаманд карда мешаванд. Пойгоҳҳои низомӣ дар Қирғизистон ва Тоҷикистон ҳузури стратегии Русияро нишон медиҳанд. Чунин мавқеъгирӣ ба Русия имкон медиҳад, ки нақши бартаридоштаи худро нигоҳ дорад, аммо он дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ вобаста ба маҳдуд кардани соҳибихтиёрии онҳо инчунин нигарониҳоро низ ба миён меорад.

Густариши Чин дар Осиёи Марказӣ асосан тавассути лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ дар доираи ташаббуси «Як камарбанд – як роҳ» амалӣ мешавад. Пекин ба ҳамкории мутақобилан судманди иқтисодӣ такя намуда, барои рушди долонҳои нақлиётӣ қарзҳо ва сармоягузориҳои зиёд пешниҳод мекунад. Чунин стратегия ба Чин имкон медиҳад, ки мавқеи худро ҳамчун шарики муҳимми тиҷоратӣ тақвият диҳад ва ҳамзамон таъсири бозигарони дигари геополитикиро кам кунад. Нуфузи иқтисодии Чин бо афзоиши таъсири сиёсии ин кишвар дар қабули қарорҳои минтақавӣ зоҳир мегардад. Тибқи сарчашмаҳои илмӣ, «Стратегияи Чин дар минтақа як системаи дорои дараҷаҳои гуногун буда, густариши иқтисодӣ, манфиатҳои сиёсию амниятӣ ва нуфузи технологии Чинро бо ҳам муттаҳид мекунад. Густариши иқтисодии Чин дар сармоягузориҳои бузург, аз ҷумла дар чаҳорчӯби ташаббуси «Як камарбанд - як роҳ» (то соли 2023 дар Осиёи

Марказӣ аз 50 миллиард доллар зиёд буд), назорати 40% содироти гази Туркманистон ва сохтмони фаъоли долонҳои нақлиётии Чин-Аврупо ифода меёбад» [114, с.1032]. Чунин сиёсат хатари вобастагии қарзӣ ва осебпазир гардидани соҳибихтиёрии кишварҳои қабулкунандаро ба вуҷуд меорад. Бинобар ин, кишварҳои Осиёи Марказӣ кӯшиш менамоянд, ки дар байни манфиатҳои иқтисодӣ зимни ҳамкорӣ бо Чин ва мустақилияти сиёсӣ тавозунро нигоҳ доранд. Сармоягузориҳои Чин дар инфрасохтори муҳим, аз ҷумла энергетика ва нақлиёт, осебпазирии минтақаро дар баробари фишори беруна афзоиш медиҳанд. Чунин ҳолат ҳукуматҳои маҳаллии минтақаро водор мекунад, ки робитаҳои иқтисодии хориҷии худро диверсификатсия кунанд, то аз вобастагии аз ҳад зиёд ба як шарик пешгирӣ намоянд. Дар низоми банақшагирии стратегии минтақаи Осиёи Марказӣ ба инобат гирифтани чунин тамоюлот яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад.

Акторҳои берун аз минтақа, аз ҷумла ИМА, Иттиҳоди Аврупо ва Туркия, фаъолияти афзоянда нишон медиҳанд, гарчанде ки таъсири онҳо дар муқоиса бо Русия ва Чин маҳдудтар мебошад. ИМА тавассути барномаҳои кумаки низомӣ ва ҳамкории зиддитеррористӣ бештар ба масъалаҳои амниятӣ таваҷҷуҳ менамояд. Иттиҳоди Аврупо тавассути Созишномаҳои шарикӣ ва ҳамкории тақвиятёфта лоиҳаҳои энергияи сабз ва волоияти қонунро таблиғ мекунад. Нуфузи Туркия тавассути робитаҳои фарҳангию таърихӣ бо халқҳои туркзабон ва сармоягузорӣ дар лоиҳаҳои таълимӣ амалӣ мешавад. Туркия кӯшиш менамояд, ки дар Осиёи Марказӣ самтҳои алтернативии рушдро эҷод кунад.

Чи гунае ки дар боло низ ишора гардид, буҳрони Украина ба тағдиди сохтори занҷирҳои нақлиётӣ ва логистикии Осиёи Марказӣ таъсири назаррас расонид. Фишори таҳримҳо ба Русия ҷустуҷӯи роҳҳои алтернативӣ, аз ҷумла рушди долонҳои Шимол-Ҷануб ва Шарқ-Ғарбро мубрам гардонид. Кишварҳои минтақа бо зарурати мутобиқ шудан ба шароити нави транзити мол рӯ ба рӯ шуданд ва чунин вазъ зарурати

навсозии инфрасохтори марзиро ба миён овард. Ин гуна тағйирот ҳам хароҷоти иловагӣ ва ҳам барои беҳтар кардани иқтидори транзитӣ имкониятҳои навро ба вуҷуд оварданд. Тағйирёбии самтҳои тиҷорат, аз ҷумла самти тағйирёбии ҷараёни содирот ба бозорҳои Осиё, бахусус Чин, зоҳир гардид. Дар солҳои охир нақши «Долони миёна», ки Чинро бо Аврупо тавассути Осиёи Марказӣ ва Баҳри Хазар мепайвандад, афзоиш ёфтааст. Ин зарурати ҳамоҳангсозии расмиёти гумрукӣ ва стандартизатсияи амалиёти логистикиро байни кишварҳои минтақа ба миён овард. Ҳамзамон, рақобат барои дастрасӣ ба роҳҳои алтернативии нақлиёт бештар гардида, ниёз ба ҳамкории минтақавиро аз ҳарвақта дида муҳим гардонидааст.

Ноустуворӣ дар Афғонистон хатари афзоиши ифротгароии динӣ дар минтақаҳои марзии Осиёи Марказиро ба вуҷуд овардааст. Дар оянда таҷдиди назар накардану такмил надодани назорати муассири ҳудудӣ ба афзоиши гурӯҳҳои ҷиноии фаромарзӣ ва қочоқи ғайриқонунии силоҳ мусоидат мекунад. Истифодаи эҳтимолии қаламрави Афғонистон барои омода намудани унсурҳои тундрав нигаронии хоса дорад, ки ин ҳолатро фаъолияти афзояндаи созмонҳои мамнӯъ нишон медиҳад. Омилҳои мазкур мустақиман ба амнияти дохилии давлатҳои минтақа таҳдид мекунанд. Барои муқовимат бо таҳдидҳои фаромарзӣ кишварҳои Осиёи Марказӣ бо шарикони байналмилалӣ, аз ҷумла Русия ва Чин, ҳамоҳангии амалҳоро тақвият медиҳанд. Машқҳои муштараки зиддитеррористӣ ва мубодилаи иттилоот дар дохили созмонҳои минтақавӣ ба амалияҳои муқаррарӣ табдил ёфтаанд. Ҳамзамон, лоиҳаҳо барои тақвияти инфрасохтори марзӣ ва баланд бардоштани малакаи нерӯҳои амниятӣ амалӣ карда мешаванд. Бо вуҷуди ин, номуайянии идомаёбанда дар Афғонистон нисбат ба чолишҳои рӯ ба инкишоф мутобиқсозии доимии чораҳои амниятиро тақозо мекунад.

Чи гунае ки дар боло ишора гардид, таҳримҳое, ки ба шарикони тиҷоратии Осиёи Марказӣ нигаронида шудаанд, ба робитаҳои

анъанавии иқтисодии минтақа таъсири назаррас мерасонанд. Маҳдудиятҳои ҷорикардаи кишварҳои Ғарб кишварҳои Осиёи Марказиро маҷбур мекунанд, ки роҳҳои муқарраршудаи тиҷоратӣ ва занҷирҳои таъминотии худро аз нав дида бароянд. «Дар мавриди ИИАО, дар шароити таҳримҳои иқтисодии Ғарб алайҳи Русия, коҳиши рушди иқтисодӣ ва паст шудани нархи нафт истифода гардидани воситаҳои бештари ҳамгироии сиёсиро мушоҳида намудан мумкин аст» [66, с.141]. Чунин вазъият зарурати пайдо намудани бозорҳои алтернативӣ ва ташаккули механизмҳои нави ҳамкориро нишон медиҳад. Ба амал баровардани самтҳои нави тиҷорат диверсификатсияи шарикии иқтисодии хориҷӣ ва рушди иқтидори нақлиётӣ ва логистикиро талаб мекунад. Кишварҳои минтақа имкониятҳои густариши ҳамкорӣ бо давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Ховари Миёнаро фаъолона меомӯзанд. Ҳамзамон, барои тақвияти ҳамоҳангсозии иқтисодӣ дар доираи иттиҳодияҳои минтақавӣ талошҳо идома доранд. Чунин равиш бояд ба коҳиш додани вобастагӣ аз самтҳои анъанавии содирот мусоидат намояд.

Маҳдудиятҳои сохтории иқтисодиёти Осиёи Марказӣ дар ҳаҷми бештари содироти ашёи хом ва диверсификатсияи нокифояи бахшҳои истеҳсолот зоҳир мешаванд. Ба андешаи коршиносони соҳа, «Таназзули соли 2020-ро метавон бо пандемияи COVID-19 ва таъсири равандҳои манфии ҷаҳонӣ, инчунин коҳиши нархи ҷаҳонии нафт, газ, пахта, металлҳо ва дигар ашёи хом, ки маҳсулоти асосии содиротии Қазоқистон, Ӯзбакистон ва Туркманистон мебошанд, алоқаманд намуд. Инчунин дар ин давра бекурбшавии асъорҳои миллӣ пас аз коҳиши қурби рубли Русия, афзоиши таваррум ва арзиши қарзҳои хориҷӣ низ ба амал омад» [77, с.37]. Чунин модели рушд осебпазириро ба зарбаҳои беруна дар бозори ҷаҳонӣ афзоиш медиҳад. Вобастагии якфарҳангӣ аз ҳисоби рақобатпазирии заифи бахшҳои ғайрисармоявӣ ва дастрасии маҳдуд ба технологияҳои муосир дар шароити навин хеле зиёд мешавад.

Диверсификатсияи нокифояи сабади содиротӣ дар шароити нооромиҳои геополитикӣ қобилияти мутобиқшавии иқтисодиёти кишварҳои Осиёи Марказиро коҳиш медиҳад. Барои бартараф намудани чунин мушкилот, бахусус барои тағйир додани сохтории маҷмуаҳои иқтисодӣ ва рушди саноати коркард чораҳои системавӣ зарур дониста мешавад.

Таварруми ҷаҳонӣ ва ноустувории бозори молҳо хатарҳои иловагиро барои суботи макроиқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ эҷод мекунанд. Тағйирот дар нархи энергия ва металл мустақиман ба даромадҳои буҷет таъсир мерасонанд, ки асосан аз ҳисоби боҷҳои содиротӣ ба даст меоянд. Раванди беқурбшавӣ ва болоравии нархҳои воридотӣ фишори таваррумро афзоиш дода, қобилияти харидории хонаводаҳоро коҳиш медиҳанд. Ноустувории бозори молиявӣ сиёсати пулиро мураккабтар мекунад ва арзиши қарзгириро зиёд мекунад. Бонкҳои марказии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чунин шароит маҷбур мешаванд, ки барои пешгирии таваррум ва дастгирии рушди иқтисодӣ чораҳои саривақтӣ андешанд. Ин гуна мушкилот таҳияи стратегияҳои зиддибуҳрониеро талаб мекунад, ки ҳам тамоюлҳои ҷаҳонӣ ва ҳам хусусиятҳои минтақавиро дар худ фаро гирад.

Осиёи Марказӣ дорои мавқеи беназири ҷуғрофӣ буда, марказҳои муҳимми иқтисодии Осиё ва Аврупоро ба ҳам мепайвандад. Чунин имконияти ҷуғрофӣ барои табдил додани минтақа ба маркази транзитии ҷаҳонӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Мақоми стратегии минтақа дар байни Чин, Русия, Ховари Миёна ва Осиёи Ҷанубӣ бартариҳои рақобатии онро афзоиш медиҳад. Дар чунин шароит рушди долонҳои нақлиётӣ иқтидори транзитиро ба ҳадди аксар мерасонад. Ислоҳоти инфрасохтор аллакай натиҷаҳои мусбат нишон додаанд. Дар ин маврид як қатор олимон иброз медоранд, ки «Рушди транзитии роҳҳои хушкии қитъавӣ аҳамияти хоса дорад. Қазоқистон иқтидори бандари баҳрии Ақтауро дар баҳри Хазар афзоиш додааст, Эрон роҳҳои оҳани худро бо бандарҳои баҳрии Халиҷи Форс пайваст кардааст ва Чин шабакаи роҳи

оҳани худро, ки дар наздикии Осиёи Марказӣ ҷойгир аст, ба таври назаррас аз нав ташкил карда истодааст» [89, с.61]. Лоиҳаҳои мазкур асоси системаҳои нақлиётии муосирро ташкил медиҳанд. Ҳамгироии шабакаҳои нақлиётӣ дастрасӣ ба бозорҳои навро фароҳам меорад ва роҳҳои тиҷоратиро гуногунранг мегардонад. Сохтмони роҳҳои оҳан ва шоҳроҳҳои фаромарзӣ минтақаро бо Чин, Эрон ва дигар кишварҳо мепайвандад. «Минтақа кушода мешавад ва ба як нуқтаи асосии транзитӣ барои тиҷорати фароқитъавӣ табдил меёбад» [89, с.61]. Чунин тамоюлот барои афзоиши ҷараёни боркашонӣ тавассути долонҳои Осиёи Марказӣ шароити хуб фароҳам меорад.

Лоиҳаҳои байналмилалӣ, аз қабили Долони «Осиёи Марказӣ-Қафқоз» ва «Роҳи байналмилалии нақлиёти транскаспий» дар тақвияти робитаҳои минтақавӣ нақши ҳалкунанда мебозанд. Татбиқи онҳо ба кам кардани муҳлати интиқоли бор байни Осиё ва Аврупо мусоидат мекунад. Аммо, рақобати геополитикӣ байни қудратҳои бузург барои фаъолияти бефосилаи долонҳои мазкур мушкилот эҷод менамояд. Воқеан ҳам рақобати геополитикии қудратҳои бузург барои фаъолияти бефосилаи долонҳо мушкилоти зиёд ба вуҷуд меоранд. Бинобар ин, самаранокии лоиҳаҳои инфрасохторӣ аз талошҳои ҳамоҳангшудаи ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор вобаста аст. Низоъҳои байни иштирокчиён метавонанд рушди масирҳои нақлиётиро заиф кунанд. Барои кам кардани чунин хатарҳо созишномаҳои бисёрҷонибае, ки мақоми бетарафии долонҳои транзитиро кафолат медиҳанд, заруранд.

Дар баробари гуфтаҳои боло, баланд бардоштани самаранокии занҷирҳои логистикӣ татбиқи платформаҳои идоракунии ҷараёни боркашонии рақамиро талаб мекунад. Зеро, автоматикунонии расмиёти гумрукӣ ва ҳамоҳангсозии стандартҳо хароҷоти муомилотро коҳиш медиҳад. Айни замон, «мақомоти Қазоқистон рӯйи барномае кор мекунанд, ки интиқоли молҳоро аз дидбонгоҳҳои гумрукӣ суръат мебахшад ва монеаҳои маъмуриро бартараф мекунад» [112, с.164]. Чунин

ташаббусҳо барои ба вуҷуд овардани низоми бефосилаи нақлиётӣ дар саросари минтақа заминаи хуб фароҳам меоваранд.

Беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ислоҳоти ҳамаҷонибаи ҳуқуқиро низ талаб мекунад. Мутобиқсозии қонунгузорӣ бо стандартҳои байналмилалии ҳифзи сармоягузорӣ яке аз самтҳои муҳимтарини ин бахши иқтисодӣ мебошад. Дар ин раванд, ҷорӣ намудани механизмҳои шаффофи танзимкунанда ба афзоиши эътимоди сармоягузорони хориҷӣ мусоидат хоҳад кард. Чунин тадбирҳо барои воридшавии устувори маблағгузории беруна заминаи мусоид фароҳам меоранд. Коҳиш додани монеаҳои бюрократӣ омили муҳим дар беҳтар кардани муҳити тиҷоратӣ боқӣ мемонад. Содда кардани расмиёти маъмурӣ ва кам кардани муҳлати тасдиқи лоиҳаҳо мустақиман ба ҷолибияти сармоягузорӣ таъсир мерасонад. Кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқи сармоягузориҳо хатарҳои сармоягузории дарозмуддатро ба ҳадди ақалл мерасонанд. Чунин чораҳо агар дар якҷоягӣ андешида шаванд, бартариҳои рақобатии минтақаро дар иқтисоди ҷаҳонӣ фароҳам меоранд.

Диверсификатсияи иқтисодиёти Осиёи Марказӣ бояд бештар ба бахшҳои афзалиятнок, аз қабили агробизнес ва энергияи барқароршаванда равона карда шавад. Бахши агробизнес ба шарофати рушди саноати коркард дорои иқтидори назарраси содиротӣ мебошад. Бо назардошти коҳиш додани ҳаҷми партовҳои газҳои гулхонаӣ ва мавҷудияти захираҳои табиии минтақа рушди энергияи барқароршаванда муҳим аст. Дар минтақаи Осиёи Марказӣ истеҳсоли дорусозӣ ҳамчун самти умедбахши рушди технологии иқтисодиёт ба шумор меравад. Таъсиси кластерҳои муосири дорусозӣ метавонад талаботи дохилиро қонеъ гардонад ва ба бозорҳои хориҷӣ густариш ёбад. Сармоягузорӣ дар ин бахш рушди таҳқиқот ва коркардҳои марбутаро таъмин мекунад. Ин тадбирҳо ба ташаккули сохтори мутавозини саноатии иқтисодиёт мусоидат мекунанд. Бо назардошти

чунин вазъ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 16-уми декабри соли 2025 зимни ироаи паёми солонаи хеш чунин дастур доданд: «Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ вазифадор карда мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо лоиҳаи Барномаи давлатии рушди саноати дорусозиро барои солҳои 2026 – 2030 таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд» [136].

Дар муносибатҳои иқтисодии хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ бо шарикони рушд нобаробарии назаррас ба мушоҳида мерасад. Саҳми Чин, Русия ва Иттиҳоди Аврупо дар тиҷорати минтақавӣ аз 60% зиёд аст, ки номутавозинии сохториро ба вуҷуд меорад. Чунин ҳолат осебпазирии иқтисодиёти онҳоро ба зарбаҳои беруна ва тағйироти сиёсат аз ҷониби акторҳои бартаридоштаро афзоиш медиҳад. Вобастагӣ махсусан дар бахшҳои энергетика ва нақлиёт ба назар мерасад. Ташаббуси «Як камарбанд - як роҳ»-и Чин тавсеаи қарзиро тақвият дода, бори қарзи кишварҳои минтақаро афзоиш додааст. Таъсири Русия тавассути муҳоҷирати меҳнатӣ ва интиқоли пул, ки то 30% маҷмуи маҳсулоти дохилии Тоҷикистон ва Қирғизистонро ташкил медиҳанд, боқӣ мемонад [127]. Иттиҳоди Аврупо, гарчанде ки бозори муҳим боқӣ мемонад, дастрасӣ ба стандартҳои экологӣ ва техникиро маҳдуд мекунад, ки чунин вазъ диверсификатсияи содиротро душвор мегардонад. Ин вобастагии нобаробар дар номутавозинии сармоягузорӣ зоҳир мешавад: 70% сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар минтақа аз ҷониби ширкатҳои се маркази калидӣ назорат карда мешаванд. Чунин тамоюлот мустақилияти кишварҳои Осиёи Марказиро зимни қабули қарорҳои стратегӣ маҳдуд мекунад.

Барои коҳиш додани хавфу хатарҳои навин кишварҳои минтақа ҳамкориҳои минтақавиро тавассути СҲШ ва ИИАО тақвият медиҳанд. Рушди долонҳои нақлиётии масири Шимол-Ҷануб ва транскаспий занҷирҳои таъминотиро гуногунсамт мекунад. Тақвияти нақши Созмони

Ҳамкории Осиёи Марказӣ дар ҳамоҳангсозии низомҳои тиҷоратӣ барои ташаккули фазои ягонаи иқтисодӣ шароити хуб фароҳам оварда, фишорифи акторҳои берунаро коҳиш медиҳад.

Баъди ба даст овардани истиқлолият кишварҳои минтақа садоқати худро ба арзишҳои демократӣ эълон карданд, аммо рушди институтсионалии онҳо бо мушкилиҳои гуногун рӯ ба рӯ гардид. Рушди таърихӣ ва анъанаҳои иҷтимоию фарҳангӣ ба ташаккули моделҳои миллии давлатдорӣ таъсири назаррас расониданд. Ба андешаи як қатор олимон, «баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ эҳёи анъанаҳо миллӣ ва хотираи таърихӣ ба амал омада, ба унсури ҷудонашавандаи ҳаёти сиёсии давлатҳои соҳибихтиёр табдил ёфт» [72, с.379]. Чунин раванд зарурати ҷустуҷӯи тавозун байни равандҳои модернизатсионӣ ва нигоҳ доштани суботи сиёсиро ба миён овард.

Омилҳои сиёсии хориҷӣ ба раванди тағйирпазирии сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсири назаррас мерасонанд. Рақобати геополитикии абарқудратҳои ҷаҳонӣ ҳам имкониятҳои нав ва ҳам маҳдудиятҳои стратегиро барои ислоҳоти модернизатсионӣ эҷод мекунад. Дар чунин шароит кишварҳои минтақа ҳангоми таҳияи стратегияҳои сиёсии худ баъзан вақт маҷбур мешаванд, ки манфиатҳои Русия, Чин ва давлатҳои Ғарбро ба назар гиранд. Созмонҳои байналмилалӣ ва шарикони рушд моделҳои гуногуни демократикунониро пешниҳод мекунанд, ки на ҳамеша бо воқеияти маҳаллӣ мувофиқат мекунанд. Фишори беруна ба ҳуқуқи инсон ва озодиҳои сиёсӣ аксар вақт бо афзалияти таъмини суботи дохилӣ мухолифат мекунад. Дар чунин ҳолат қабули интихобии институтҳо бо нигоҳ доштани механизмҳои анъанавии идоракунӣ амалӣ карда мешавад. Чунин равиши сиёсӣ қобили қабул аст. Зеро дар илмҳои сиёсӣ исбот гардидааст, ки раванди демократикунонии бошитоб наметавонад ба натиҷаҳои дилхоҳ оварда расонад.

Мутобиқ кардани ислоҳоти институтсионалӣ ба сохторҳои анъанавии иҷтимоӣ-сиёсӣ барои давлатҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун як масъалаи муҳим боқӣ мемонад. Модернизатсияи системаи сиёсӣ ба назар гирифтани хусусиятҳои миллию ва минтақавиро талаб мекунад, зеро онҳо дар тули рушди таърихии минтақа ташаккул ёфтаанд. Кӯшишҳои такрори мустақими моделҳои Ғарб бидуни ба назар гирифтани хусусиятҳои миллӣ аксар вақт боиси вайроншавии асосҳои институтсионалии давлатдорӣ мегарданд. Мисолҳои муваффақонаи ислоҳот аҳамияти табдили тадриҷиро дар асоси амалияҳои мавҷудаи идоракунӣ нишон медиҳанд. Рушди худидоракунии маҳаллӣ ва муассисаҳои давлатӣ ба имконпазир кардани раванди гузариш мусоидат мекунад. Ҳамзамон, зарурати пайдо кардани тавозуни байни меъёрҳои анъанавӣ ва талаботи муосир барои иштироки сиёсӣ бояд дар мадди аввал қарор дода шавад.

Осиёи Марказӣ дар чорроҳаи марказҳои Авруосиё мавқеи муҳимми геостратегиро ишғол мекунад ва ҳамчун пайванди байни Русия, Чин, Осиёи Ҷанубӣ ва Ховари Миёна хидмат менамояд. Минтақа аз таърих ҳамчун меҳвари роҳҳои тиҷоратӣ ва муносибатҳои фарҳангӣ хизмат кардааст. Чунин хусусияти таърихии минтақа нақши онро дар низоми муносибатҳои байналмилалии муосир муайян мекунад. Ҳамин гуна мавқеи геополитикӣ аҳамияти минтақаро дар раванди ташаккули тавозуни нави қудратҳо афзоиш медиҳад. Сохтори геополитикии Осиёи Марказӣ тавассути густариши ҳамкорӣ бо марказҳои иловагии таъсиррасон, аз ҷумла Туркия, Эрон ва Иттиҳоди Аврупо, ташаккул меёбад. Ташаббусҳои бисёрҷониба, ба монанди формати «Осиёи Марказӣ + Иттиҳоди Аврупо» ва монанди инҳо, хоҳиши давлатҳои минтақавиро барои диверсификатсияи робитаҳои хориҷии худ нишон медиҳанд. Инчунин, шарикии анъанавӣ дар дохили Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва муносибатҳои дуҷониба бо абарқудратҳо муҳим боқӣ мемонанд. Чунин равиши бисёрсамта ба кишварҳои минтақа имкон

медиҳад, ки аз вобастагии аз ҳад зиёд бааторҳои алоҳида канорагирӣ кунанд. Мавқеи стратегии Осиёи Марказӣ барои ташаккули низоми байналмилалии полисентрикӣ заминаи хуб фароҳам меорад. Қобилияти давлатҳои минтақавӣ барои нигоҳ доштани тавозун байни марказҳои рақобатпазири қудрат онҳоро ба акторҳои мустақил дар сиёсати ҷаҳонӣ табдил медиҳад. Ин модели ҳамкорӣ бо тамоюлҳои муосир дар раванди аз нав тақсимкунии таъсири ҷаҳонӣ мувофиқ аст. Он тавассути эҷоди механизмҳои алтернативии ҳамкорӣ ба тақвияти тартиботи ҷаҳонии бисёрқутба мусоидат мекунад.

Иштироки фаъолонаи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар СҲШ ва САД хоҳиши онҳоро барои ташкили ниҳодҳои алтернативии ҷаҳонӣ инъикос мекунад. Созмонҳои мазкур барои ҳамоҳангсозии мавқеъҳо оид ба масъалаҳои амниятӣ ва ҳамкории иқтисодӣ бидуни бартарии мустақими Ғарб заминаи сиёсӣ фароҳам меоранд. Узвият дар СҲШ ба Русия ва Чин имкон медиҳад, ки манфиатҳои худро ҳамоҳанг созанд ва ба минтақа кафолатҳои иловагии амниятӣ фароҳам оранд. Иштирок дар САД ҳамкориҳои низомӣ ва сиёсиро бо иттифоқчиёни анъанавӣ тақвият медиҳад. Ҳамзамон, кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамкориро дар доираи Созмони Ҳамкории Исломӣ ва Конфронси ҳамкорӣ ва тадбирҳои эътимод дар Осиё рушд медиҳанд. Чунин хусусияти бисёрсамтаи иштироки институтсионалӣ аз майлу хоҳиши бунёди низоми устувори муносибатҳои байналмилалӣ дарак медиҳад. Иштирок дар шаклҳои гуногуни ҳамгироӣ татбиқи манфиатҳои миллиро дар шароити тағйирёбии тартиботи ҷаҳонӣ имконпазир мекунад. Ин ба минтақа имкон медиҳад, ки дар ташаккули меъмории нави амният ҳамчун як субъекти мустақил баромад кунад.

Иқтидори нақлиётӣ ва логистикии Осиёи Марказӣ тавассути рушди долонҳои байналмилалии Шимол-Ҷануб ва Шарқ-Ғарб ба механизмҳои таъсиррасонии геополитикӣ табдил меёбад. Татбиқи чунин лоиҳаҳо, ба монанди роҳи оҳани Чин-Қирғизистон-Ӯзбекистон пайвастагии

системаҳои иқтисодии Авруосиёро тақвият медиҳад. Ташаббусҳои инфрасохторӣ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ба унсури стратегияи неруи нарм табдил меёбанд ва ҳамзамон аҳамияти транзитии минтақаро афзоиш медиҳанд. Чунин тамоюлот ба раванди аз нав тақсимнамоии ҷараёнҳои иқтисодӣ ва ташаккули марказҳои нави ҷалбнамоӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ мусоидат мекунад.

Механизмҳои мавҷудаи ҳамгироии минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ дар соҳаҳои амният ва ҳамкории иқтисодӣ дараҷаҳои гуногуни самаранокиро нишон медиҳанд. дар ин миён СҲШ ва ААД барои ҳамкории бисёрҷониба механизмҳои гуногунро фароҳам меоранд. Фаъолияти онҳо ба таҳияи равишҳои умумӣ барои муқовимат бо чолишҳои муосир, аз ҷумла терроризм ва қочоқи маводи мухаддир, мусоидат мекунад. Аммо, тафовут дар афзалияти кишварҳои иштирокчӣ баъзан раванди ҳамоҳангсозиро маҳдуд мекунад. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, таҳлили ташаббусҳои минтақавӣ нишон медиҳад, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ дар тақвияти механизмҳои дастаҷамъӣ доимо манфиатдоранд. «Натиҷаҳое, ки тавассути таҳлили мундариҷавӣ (контент-анализ) ба даст оварда шудаанд, нишон медиҳанд, ки ҳамкории минтақавӣ ва масъалаҳои марбут ба амнияти минтақавӣ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ афзалиятнок боқӣ мемонанд» [91, с.17]. Чунин таваҷҷуҳ дар машқҳои муштарак, мубодилаи маълумоти иктишофӣ ва ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ дар соҳаи мубориза бо экстремизм инъикос ёфтааст.

Самти умедбахши рушди ҳамкориҳои минтақавӣ таъсиси шаклҳои нави идоракунии захираҳои об ва энергетика мебошад. Системаи дарёҳои фаромарзӣ, ба монанди ҳавзаҳои Сирдарё ва Амударё, ба механизмҳои ҳамоҳангшуда барои тақсимоти об ва истифодаи устувори онҳо ниёз доранд. Ташаббусҳо дар доираи Фонди байналмилалии наҷоти баҳри Арал имкониятҳои амиқсозии чунин ҳамкориҳоро нишон медиҳанд. Муносибати маҷмуӣ оид ба ҳалли масъалаҳои обу энергетика

метавонад эҳтимолияти сар задани низоъҳоро коҳиш диҳад ва татбиқи лоиҳаҳои муштараки минтақавиро имконпазир гардонад. Лоиҳаҳои инфрасохторӣ, аз ҷумла рушди долонҳои нақлиётии «Долони миёна», барои ҳамкории минтақавӣ имкониятҳои иловагӣ фароҳам меоранд. Таъсиси марказҳои логистикӣ ва модернизатсияи шабакаҳои роҳи оҳан иқтидори транзитии Осиёи Марказиро тақвият медиҳанд. Чунин ташаббусҳо ҳамоҳангсозии стратегияҳои миллӣ ва ҷалби сармоягузории хориҷиро талаб мекунанд. Татбиқи бомуваффақияти чунин лоиҳаҳо метавонад барои иттифоқҳои нав шароитеро ташкил диҳад, ки ҳифзи манфиатҳои иқтисодӣ ва таъмини суботи сиёсиро беҳтар мекунанд.

Диверсификатсияи шарикии иқтисодӣ таҳлили системавии иттиҳодияҳои алтернативии ҳамгироиро талаб мекунад. Иштирок дар созишномаҳои тиҷоратии минтақавӣ, ба монанди Шарикии иқтисодии ҳамаҷонибаи минтақавӣ ба кишварҳои Осиёи Марказӣ имкон медиҳад, ки вобастагии худро аз бозорҳои анъанавӣ коҳиш диҳанд. Узвияти онҳо дар якчанд иттиҳодияҳои иқтисодӣ муҳити рақобатпазирро барои ҷалби сармоягузорӣ фароҳам меорад. Ин ба таҳияи стратегияи мутавозини иқтисодии хориҷӣ мусоидат мекунад. Бинобар ин, ҳангоми арзёбии иттиҳодияҳои алтернативӣ, нобаробарии ӯҳдадориҳо ва дараҷаи таъсир ба соҳибихтиёрии миллиро ба назар гирифтан зарур аст. Масалан, ба имзо расонидани созишномаҳо бо ИИАО ҳам манфиатҳои дастрасӣ ба бозори умумӣ ва ҳам хатари имтиёзҳои яктарафаро нишон медиҳанд. Таҳлили интиқодии шартҳои пайвастан ба блокҳои нави тиҷоратӣ бояд пеш аз қабули қарор анҷом дода шавад. Чунин равиш номутавозинии эҳтимолиро дар муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ба ҳадди ақалл мерасонад.

Ҳамкории муассир бо акторҳои беруна таҳияи механизмҳои гуногуни ҳамкориро талаб мекунад. Кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳангоми таҳияи сиёсати хориҷии худ бояд манфиатҳои стратегии Русия, Иттиҳоди Аврупо ва Чинро ба назар гиранд. Форматҳои бисёрҷониба, ба монанди

формати «Осиёи Марказӣ + Чин», барои ҳамоҳангсозии мавқеъҳо шароити созгор фароҳам меоранд. Ин ба пешгирии вобастагии аз ҳад зиёд ба як маркази қудрат мусоидат мекунад. Ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои иқтисодӣ бо иттиҳодияҳои энергетикӣ, ба монанди ОПЕК+ дар сиёсати содиротӣ равиши устуворро талаб мекунад. Ҳамкорӣ бо Чин дар доираи ташаббуси «Як камарбанд – як роҳ» бояд бо ҳифзи манфиатҳои иқтисодии миллӣ якҷоя карда шавад. Муколама бо Иттиҳоди Аврупо бояд тавассути механизмҳои шарикии тақвиятёфта ба роҳ монда шавакд. Чунин равишҳои бисёрҷониба устувории мавқеи сиёсати хориҷии минтақаро таъмин мекунанд.

Бояд гуфт, ки тақвияти ниҳодҳои идоракунӣ шарти асосии таъмин намудани устувории иҷтимоӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад. Сиёсатҳои системавии зиддикоррупсионӣ ба афзоиши эътимоди мардум ба мақомоти давлатӣ мусоидат мекунанд. Ҷорӣ намудани платформаҳои рақамӣ барои расонидани хизматрасонии давлатӣ хатарҳои коррупсиониро ба ҳадди ақалл мерасонад. Ин тадбирҳо барои устувории дарозмуддати низомҳои сиёсии минтақа шароити зарурӣ фароҳам меоранд.

Танзими муносибатҳои байниэтникӣ равиши ҳамаҷонибаеро талаб мекунад, ки хусусиятҳои таърихӣ ва фарҳангии минтақаро дар бар мегирад. Барномаҳое, ки рушди гуногунии фарҳангӣ ва сиёсати забониро таъмин мекунанд, эҳтимолияти низоъҳои этникиро коҳиш медиҳанд. Дар чунин шароит таваҷҷуҳи махсус ба минтақаҳое равона карда мешавад, ки таркиби этникии омехта доранд ва хатари шиддати иҷтимоӣ дар онҳо баландтар аст. Механизмҳои ба амал баровардани муколамаи байниэтникӣ ва мониторинги муносибатҳои байниҷамоатӣ чораҳои пешгирикунанда мебошанд. Баҳсҳои фаромарзии обу энергетика манбаи низоъҳои эҳтимолӣ дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ боқӣ мемонанд. Тақсимоти нобаробари захираҳои об муносибатҳои байни кишварҳои болооб ва поёноби ҳавзаҳои дарёҳои Сирдарё ва Амударёро

баъзан вақт оштинопазир мегардонанд. Тавре ки коршиносони минтақавӣ қайд мекунанд, «Масъалаҳои об ба як абзори фишори сиёсӣ табдил ёфтаанд, бинобар ин дарёфти механизмҳои ҳалли онҳо барои нигоҳ доштани суботи минтақавӣ хеле муҳим аст» [82, с.249]. Таҳияи лоиҳаҳои муштараки инфрасохторӣ ва заминаҳои ҳуқуқӣ барои тақсимоти захираҳо метавонад эҳтимолияти низоъҳоро коҳиш диҳад.

Таҳияи механизмҳои ҷубронсозии қафомонии иқтисодӣ барои минтақаҳои рӯ ба инкишоф афзоиши нобаробарии иҷтимоиро пешгирӣ мекунад. Барномаҳои мақсадноки сармоягузорӣ барои навсозии инфрасохтори минтақаҳои ақибмонда нигаронида шудаанд. Таъсиси минтақаҳои махсуси иқтисодӣ шуғли аҳолиро дар шаҳрҳои саноатӣ ва деҳот тақвият медиҳанд. Чунин чораҳо фишори муҳоҷирати дохилиро (урбанизатсияро) коҳиш дода, ба рушди мутавозин кишварҳои минтақа мусоидат мекунанд.

Дигаргуншавии вазъи иқтисоди ҷаҳонӣ таҷдиди назари стратегияҳои нақлиётӣ ва логистикии Осиёи Марказиро талаб мекунад. Тағйирёбии ҷараёнҳои тиҷоратӣ аз ҳисоби таҷдиди сохтори занҷирҳои таъминоти ҷаҳонӣ ва маҳдудиятҳои минтақавӣ сурат мегирад. Рушди долонҳои алтернативӣ, аз ҷумла Шимол-Ҷануб ва Шарқ-Ғарб, барои коҳиш додани хатарҳои транзитӣ аҳамияти зиёд пайдо мекунад. Дар ин раванд ба амал баровардани диверсификатсияи масирҳои тиҷоратӣ имкон медиҳад, ки ноустувории сиёсати хориҷӣ пешгирӣ карда шавад. Беҳтар намудани инфрасохтори логистикӣ модернизатсияи гузаргоҳҳои сарҳадӣ ва татбиқи системаҳои идоракунии ҷараёни боркашонии рақамиро дар бар мегирад. Таъсиси марказҳои мултимодалӣ рақобатпазирии минтақаро дар бозорҳои байналмилалӣ афзоиш медиҳад. Ҳамоҳангсозии расмиёти гумрукӣ дар дохили ИИАО ва ташаббусҳои Чин хароҷоти муомилотро коҳиш медиҳад. Ин тадбирҳо ҳамгироии Осиёи Марказиро ба иқтисоди ҷаҳонӣ дар шароити нав осон мекунанд.

Татбиқ намудани стандартҳои экологӣ дар раванди банақшагирии соҳавӣ унсури ҳатмии рушди устувор ба шумор меравад. «Дар раванди амалӣ сохтани модели боҳамалоқамандкунии лоиҳаҳои ҳамгироии инфрасохтор ва барқарор кардани робитаҳои наздики тиҷоратӣ ва нақлиётӣ байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ лоиҳаҳои байнидавлатие, ки ба технологияҳои рақамии сабз, консорсиумҳои муштараки сармоягузории дорои системаи ягонаи идоракунӣ ва механизми фаромиллӣ барои назорати истифодаи маблағҳо асос ёфтаанд, аҳамияти амалии махсус доранд» [77, с.42]. Татбиқи чунин ташаббусҳо ба ҷалби сармоягузории масъулиятнок ва гузариш ба иқтисоди сабз мусоидат мекунад.

Сармоягузорӣ дар соҳаи маориф ва омӯзиши касбӣ асоси рақобатпазирии дарозмуддати минтақаро ташкил медиҳад. «Маориф як манбаи муҳимми неруи нарм барои Русия буда, дар сиёсати дохилӣ, минтақавӣ ва хориҷӣ фаъолона истифода мешавад. Донишгоҳҳои Русия шабакаҳои фаромиллии таъсиррасониро ташкил медиҳанд ва метавонанд арзишҳои худро ҳамчун василаҳои иттилоотӣ дар байни донишҷӯёни Осиёи Марказӣ паҳн кунанд. Тибқи маълумоти ЮНЕСКО, дар Русия беш аз 243 752 донишҷӯи хориҷӣ таҳсил мекунанд, ки аз ин шумора 69 895 нафар аз Қазоқистон, 19 893 нафар аз Ӯзбекистон, 16 521 нафар аз Туркманистон, 15 126 нафар аз Тоҷикистон ва 5 700 нафар аз Қирғизистон мебошанд» [89, с.66]. Бо назардошти чунин тамоюлот бо боварии комил метавон гуфт, ки рушди марказҳои таълимии худ ба кишварҳои Осиёи Марказӣ имкон медиҳад, ки ҷараёни муҳоҷирати кадрҳои баландихтисосро коҳиш диҳанд.

Ҳамин тариқ, тағйирёбии низоми ҷаҳонӣ, шиддат гирифтани хатарҳои минтақавӣ ва аз нав тақсим кардани захираҳои иқтисодӣ муҳити мураккаби байналмилалиро эҷод мекунанд. Дар ҳамин замина афзалиятҳои сиёсати хориҷӣ ва стратегияҳои мутобиқшавии иқтисодии кишварҳои минтақа ташаккул меёбанд. Таҳдидҳои системавие, ки бо

ноустувории ҷаҳонӣ алоқамандand, ба дурнамои нақши афзояндаи Осиёи Марказӣ дар долонҳои транзитӣ ва ҳамкории байниминтақавӣ метавонанд таъсиррасонӣ кунанд. Чунин ҳолат аз давлатҳои минтақавӣ талаб мекунад, ки барои банақшагирии рушди минтақа бо назардошти хатарҳои кӯтоҳмуддат ва бартариҳои стратегии дарозмуддат равиши устувортареро қабул кунанд. Ин масъала зарурати назорати доимии динамикаи геополитикиро талаб мекунад.

Бояд гуфт, ки хавфи вобастагии иқтисодӣ аз доираи маҳдуди субъектҳои беруна мушкилии асосӣ боқӣ мемонад. Реҷаҳои таҳримӣ ва ноустуворӣ дар қаламравҳои ҳамсоя ин осебпазириро шадидтар мекунанд ва имкониятҳои диверсификатсияи иқтисодиёт ва сиёсати хориҷиро маҳдуд менамоянд. Дар чунин шароит нигоҳ доштани мустақилият дар қабули қарорҳо ба шарти муҳимми рушди устувори давлатҳои минтақа табдил меёбад. Хавфу хатари афзоиши таъсиррасонии беруна дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла дар самти сармоягузорӣ то масъалаҳои амниятӣ зоҳир мешаванд. Ин гуна вазъият таҳияи механизмҳои ҳамкории мутавозинро бо марказҳои қудрати ҷаҳонӣ тақозо мекунад. Бе шарикии гуногунҷабҳа кишварҳои Осиёи Марказӣ метавонанд дар соҳаҳои муҳимми стратегӣ бо маҳдудиятҳои соҳибихтиёрии худ рӯ ба рӯ шаванд.

Дурнамои рушди иқтисодии минтақа аз амалӣ кардани иқтидори транзитии он тавассути рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва долонҳои логистикӣ вобаста мегардад. Ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба соҳаҳои нав метавонад омили асосии модернизатсияи технологӣ гардад. Диверсификатсияи иқтисодӣ аз содироти ашёи хом вобастагии кишварҳои минтақаро коҳиш медиҳад ва барои рушди устувор заминаи зарурӣ фароҳам меорад. Дар раванди амалисозии модернизатсияи сиёсӣ кишварҳои минтақа бояд хусусиятҳои рушди минтақавиро ба назар гиранд ва аз нусхабардории механикии моделҳои беруна худдорӣ намоянд. Тақвияти институтҳо тавассути навсозии тадриҷӣ ва

эволютсионӣ барои муттаҳидсозии дохилӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Чунин равиш имкон медиҳад, ки давлатҳои Осиёи Марказӣ ба тамоюлҳои ҷаҳонӣ мутобиқ шаванд ва ҳамзамон хусусиятҳои фарҳангӣ ва таърихии худро нигоҳ доранд.

Натиҷаҳои амалии таҳқиқот бо зарурати стратегияҳои мутавозин асоснок карда мешавад. Стратегияҳои мазкур муттаҳид намудани диверсификатсияи муносибатҳои хориҷӣ ва тақвияти ҳамкории минтақавиро тақозо менамоянд. Сармоягузорӣ дар инфрасохтор ва сармояи инсонӣ бояд бо чораҳое алоқамандӣ дошта бошанд, ки суботи дохилиро таъмин мекунанд. Тақвияти нақши созмонҳои минтақавӣ метавонад вобастагии яктарафаро бартараф кунад. Татбиқи ин чораҳо ба Осиёи Марказӣ имкон медиҳад, ки мавқеи худро дар тартиботи ҷаҳонии бисёрқутбаи рушдёбанда тақвият диҳад.

ХУЛОСА

Таҳқиқоти анҷомёфта нишон дод, ки асосҳои илмию консептуалии ташаккулёбии геополитикӣ таҷзияи донишҳои назариявӣ ва амалияи доимо таҳаввулёбандаи муносибатҳои байналмилалиро ифода мекунанд. Донишҳои мазкур низоми донишҳои назариявие мебошанд, ки ба тағйири низоми ҷаҳонӣ, инқилобҳои технологӣ ва парадигмаҳои тағйирёбанда дар илмҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ мутобиқ мешаванд. Бояд гуфт, ки парадигмаи классикии геополитика аз ҷониби Мехен, Макиндер, Спайкмен ва пайравони онҳо ташаккул дода шудааст. Категорияҳои «Хартлэнд», «Римленд» ва «Қудрати баҳрӣ» бар зидди қудрати хушкӣ, сарфи назар аз танқиди детерминизм, арзиши эвристикии худро барои тавсифи садсолаҳои сиёсати ҷаҳонӣ - мубориза барои фазои стратегӣ, назорати коммуникатсия ва дастрасӣ ба захираҳо нигоҳ медоранд. Консепсияҳои мазкур асоси модели ҷаҳони дуқутбаи асри XX-ро ташкил додаанд ва ба раванди банақшагирии стратегии қудратҳои пешсаф таъсири ҷиддӣ мерасонанд.

Нимаи дуюми асри XX ва аввали асри XXI бо пайдоиш ва бартарии назарияҳои геополитикии ғайриклассикӣ ва постклассикӣ ифода меёбад. Мактаби геополитикаи интиқодӣ (Ҷ. Отуаталл, С. Далби) ба инқилоби эпистемологӣ ноил гардид ва аз воқеиятҳои объективии ҷуғрофӣ ба намояндагиҳои субъективии фазо, гуфтугӯҳои амниятӣ ва амалияҳои дигар диққати бештар равона кард. Ин имкон дод, ки геополитика на ҳамчун қонуни тағйирнопазир, балки ҳамчун ҷараёни идеологие, ки барои қонунӣ кардани қарорҳои сиёсати хориҷӣ истифода мешавад, таҳлил карда шавад. Назарияи «неруи нарм» (Ҷ. Най) низ ба ҳамин монанд амал мекунад ва таҳлили маҷбуркуниро бо баррасии ҷолибияти арзишҳо, фарҳанг ва моделҳои сиёсӣ ҳамчун воситаҳои таъсиррасонӣ пешниҳод менамояд.

Равиши геоиқтисодӣ муҳимтарин пояи консептуалии замони муосир ба шумор меравад. Дар заминаи ҷаҳонишавӣ рақобати

анъанавии низомӣ ва сиёсӣ ба мубориза барои роҳбарии технологӣ, ҷараёнҳои молиявӣ, назорат бар занҷираҳои иқтисодӣ ва стандартизатсия табдил ёфтааст. Корҳои илмию таҳқиқотии олимоне ба монанди Э. Луттвак нишон медиҳанд, ки таҳримҳои иқтисодӣ, дипломатияи қарзӣ, монополияи технологӣ муҳим ва идоракунии лоиҳаҳои инфрасохторӣ (масалан, ташаббуси «Як камарбанд – як роҳ»-и Чин) ба шакли нави муколама ва муқовимати геополитикӣ табдил ёфтаанд. Минбаъд соҳибихтиёрии миллӣ на танҳо бо иқтидори низомӣ, балки бо устувории иқтисодӣ, мустақилияти технологӣ ва амнияти энергетикӣ низ ифода карда мешавад.

Ҷаҳонишавӣ раванди объективие мебошад, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ афзоиши вобастагӣ ва ҳамгироии соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятиро ба вуҷуд меоварад. Равандҳои мазкур ба ниҳодҳои давлатӣ низ таъсиргузорӣ менамояд. Аз як тараф, ҷаҳонишавӣ омиле мебошад, ки соҳибихтиёрии анъанавӣ ва монополияи давлатиро дар низоми идоракунӣ халалдор мекунад. Ҷараёни сармоя, иттилоот, намунаҳои фарҳангӣ ва ҳаракати одамон фазоҳоеро эҷод мекунанд, ки аз ҷониби ҳукуматҳои миллӣ назорат мешаванд, аммо ҷаҳонишавӣ назорати давлатиро каме заиф менамояд. Нақши афзояндаи ниҳодҳои фаромиллӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ ва низомҳои танзимкунандаи ҷаҳонӣ дар соҳаҳои иқтисод, экология ва амният ба таври объективӣ мустақилияти давлатро дар қабули қарорҳо маҳдуд мекунад. Ин ҳолат боиси пайдоиши «соҳибихтиёрии нисбӣ» мегардад. Аз тарафи дигар, бар хилофи пешгӯиҳо дар бораи осебпазир шудани пояҳои давлати миллӣ, ҷаҳонишавӣ дараҷаи баланди мутобиқшавиро ба вуҷуд меорад. Ҷаҳонишавӣ вазифаҳои асосии давлати миллиро бекор намекунад, балки онҳоро тағйир медиҳад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ легитимияти ҳокимияти давлатӣ ба қобилияти он дар таъмини амният, некӯаҳволии иқтисодӣ ва суботи иҷтимоӣ асос меёбад. Аз ҳама муҳим ин аст, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ модели «давлати рақобатпазир» пайдо мешавад,

зеро давлат барои ҷалби сармоягузорӣ, сармояи инсонӣ ва мавқеъгирии худ дар занҷираҳои ҷаҳонӣ дар муборизаи шадид қарор мегирад.

Равандҳои геополитикӣ дар асри XXI шиддат гирифта истодаанд. Низоъҳои байналмилалии муосир ва тартиботи нави ҷаҳонӣ давлатҳои миллиро ба марҳалаи нави фазои геополитикӣ ворид месозанд. Аз сари нав ва дар шакли нав зоҳир гардидани муборизаҳои геополитикӣ, ба блокҳои сиёсӣ ҷудо шудани давлатҳои олам, парокандагии фазои ҷаҳонӣ, ҷорӣ гардидани таҳримҳо ва протексионизми иқтисодӣ давлатҳои миллиро бо таҳдиду хатарҳои нав рӯ ба рӯ месозанд. Дар чунин шароит давлати миллӣ ҳамчун актӯрҳои асосии геополитикӣ ва кафили ҳувияти миллӣ маҷбур мешавад, ки худро ба талаботи замона мутобиқ гардонад. Таъмини амнияти берунаи давлат, баланд бардоштани нақши давлат дар ҳифзи бахшҳои стратегии иқтисодиёт, вокуниш ба рақобати байналмилалӣ ва таҳдидҳои гибридӣ самтҳои муҳимтарини муқовимат бо равандҳои ҷаҳонишавӣ ва равандҳои геополитикӣ мебошад.

